Дар байни муосирони хеш Ал-Хоразмӣ, ки дар Бағдод зиндагӣ мекарданд, дигар олимони бузург, ба мисли ситорашиноси машҳур Абулаббос Аҳмад Ал-Фарғонӣ ва Аҳмад ибни Абдуллоҳ Ал-Марвазӣ, ки бо номи Ҳабаш Ал-ҳасиб шинохта мешавад, умр ба сар бурдаанд. Аз ӯ ба мо китобҳои зерин боқӣ мондаанд: «Китоб дар мавриди ҳисоби ҳиндӣ», «Китоби мухтасари алҷабра вал муқобала», «Ҷадвали нуҷум», «Китоби тасвири замин», «Китоби сохтусози устурлобӣ», «Китоби иқдомоти устурлобӣ», «Китоби соати офтобӣ», «Рисола дар таърифи идҳову анъанаҳои яҳудиён», «Китоби таърих»[17].

**Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад-ал-Фарғонӣ** тахминан соли 798 таваллуд шуда, соли 861 вафот намудааст. Аҳмади Фарғонӣ яке аз олимони барҷастаи осиёимиёнагии асри IX буда, дар ҷодаи ситорашиносӣ, математика ва ҷуғрофия хизматҳои шоён намудааст. Дар ҳамкорӣ бо дигар олимони он давр кашфиёти зиёд кардааст, аз қабили ҳисоб кардани бузургии меридианаи замин, ҳисоб кардани гирди сайёраи замин, тартиб додани ҷадвали ситораҳо ва ғайра[18].

**Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ** 28 августи соли 865 дар шаҳри Райи Эрон ба дунё омадааст. Аз маълумоте, ки дар «Китоб-ут-тиб-ул-Мансурӣ» мавҷуд аст, бармеояд, ки донишманд дар аввалҳои умр бо касби заргариву саррофӣ шуғл

---

[17] Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Мӯсо Ал-Хоразмӣ / Донишномаи озод. Суроғаи электронӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/Муҳаммад_ибни_Мӯсои_Хоразмӣ

[18] Матвеевская Г.П. Учение о числе на средневековом, ближнем, среднем Востоке. Ташкент. 1967 г.

варзида, дар як давраи муайян ба ҳаваси кимиёгарӣ дар пайи омӯхтани илми кимиё гардидааст.

**Муҳаммад Закариёи Розӣ** олими энсиклопедисти барҷаста, файласуф, табиб, омӯзгор, риёзидон, кимиёгар ва табиатшиноси машҳури асрҳои VIII-IX форсу тоҷик ба шумор меравад. Ӯ қариб 238 китоб ва рисола навиштааст. Дар боби тиб зиёда аз 60 асар навиштааст, ки ба муҳимтарин асарҳои энсиклопедии донишманд «Китоб-ул-ҳовӣ» ва «Китоб-ут-тиб-ул-Мансурӣ» дохил мешавад. Ҳамчунин, Закариёи Розӣ доир ба илми кимиё 22 китобу рисола таълиф намудааст. Ӯ 25 октябри соли 925 мелодӣ аз олам чашм пӯшидааст[19].

**Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Тархон ибни Форобӣ** файласуф, риёзидон, мусиқишинос ва донишманди машриқзамин, яке аз бузургтарин намояндагони фалсафаи машшоия ба шумор рафта, соли 870 дар Фороби Хуросон ба дунё омадааст. Дар ҷавонӣ барои таҳсил ба Бағдод рафт ва назди Матто ибни Юнус ба фаро гирифтани мантиқ ва фалсафа пардохт. Ба зудӣ номи ӯ ба унвони файласуф ва донишманд шуҳрат ёфт. Форобӣ соли 950-951 дар Димишқ дар синни 80-солагӣ вафот намуд. Аз китобҳои ӯ маълум мешавад, ки дар илмҳои забон, риёзиёт, кимиё, ҳайъат, улуми низомӣ, мусиқӣ, табииёт, илоҳиёт, улуми маданӣ, фиқҳ, мантиқ ва фалсафа дорои маҳорати бисёр будааст. Дар суннати фалсафаи исломӣ, Форобиро баъд аз Арасту, ки мулаққаб ба «Муаллими Аввал» буд, «Муаллими Сонӣ» лақаб додаанд[20].

**Абумаҳмуд Ҳомид ибни ал-Хизр-ал-Хуҷандӣ** солҳои 940 дар Хуҷанд ба дунё омада, тахминан солҳои 1000 аз дунё гузаштааст. Ӯ дар илмҳои математика ва ситорашиносӣ машҳур буда, дар ин самтҳо кашфиётҳои беназир кардааст. Дар китоби «Оид ба соатҳои гузаштаи шаб» назарияи синусҳоро дар фазои секунҷа тасдиқ намуд, ки барои ҳалли бисёр мушкилиҳои ҳисоби астерономӣ кумак намудааст[21].

---

[19] Закариёи Розӣ. Мунтахаби асар. Душанбе: Адиб, 1989 сол.

[20] Таърихи фалсафаи исломӣ. Қисми аввал. Хуҷанд. 2018, Олимов К., Султонов У. Абунасри Форобй. Адиби бузурги асри IX. Маориф ва маданият. 1972-16 ноябр.

[21] Абу Маҳмуд Ҳомид ибни ал-Хизр-ал-Хуҷандӣ / Донишномаи озод. Суроғаи электронӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Абу_Махмуд_аль-Ходжанди

**Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад-ал-Берунӣ** 4 октябри соли 973 дар шаҳри Кат (ҳозира Хоразм) таваллуд шуда, 9 декабри соли 1048 дар Ғазнӣ (ҳозира Афғонистон) вафот кардааст. Ӯ олими барҷаста дар соҳаҳои таърих, ҷуғрофия, филология, астрономия, математика, механика, геодезия, минералогия, фармакология ва геология буд. Берунӣ зиёда аз 100 асар ва рисолаҳои илмиро бо забонҳои арабӣ ва форсӣ навиштааст.

Дар асари худ «Осор-ул-боқия» Берунӣ ҳамаи низоми тақвимҳои дар ҳамон вақт вуҷуддоштаро гирд оварда, ҷадвали тамоми давраи гузаштаро таҳия намудааст. Дар ҷодаи ситорашиносӣ Берунӣ 45 асар навиштааст, ки яке аз асарҳои машҳури ӯ бо номи «Қонуни Масъудӣ” шинохта мешавад[22].

**Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино** машҳур ба Абуалӣ ибни Сино 16 августи соли 980 дар деҳаи Афшана (наздики Бухоро) таваллуд шуда, 18 июни соли 1037 дар Ҳамадон вафот кардааст. Ӯ яке аз бузургтарин донишмандон ва пизишкони садаҳои миёна ва ҳамчунин ахтаршинос, кимиёдон, заминшинос, мантиқдон, деринашинос (палеонтолог), риёзидон, физикдон, шоир, равоншинос, файласуф, муаллим ва адиби бузурги форсу тоҷик шинохта мешавад.

Абуалӣ ибни Сино беш аз 450 рисолаи илмӣ навиштааст, ки то замони мо танҳо 240-то аз он маҳфуз мондаанд. Аз ин, 150-тояшон ба илми фалсафа ва беш аз 40-тои дигарашон ба илми пизишкӣ бахшида шудааст. Маъруфтарин асарҳои ӯ «Китобу-ш-Шифо» ва «Китобу-л-Қонун фит-Тибб» ҳастанд, ки аз бузуртарин донишномаҳои илмӣ ва фалсафии ҷаҳон буда, дар донишгоҳҳои Аврупо истифода бурда шудаанд[23]. Дар сарсухан ба китоби «Ибн Сина. Избранные философские поизведения», ки нашриёти «Наука»-и Москва солҳои ҳаштодуми асри гузашта нашр кардааст, омадааст: «Номи Абуалӣ ибни Сино (Авитсенна)» - зодаи Бухоро, ба таърихи маданияти дунё ворид гаштааст. Ин ғайричашмдошт нест. Ӯ дар қатори бузургтарин олимон – энсиклопедистони асримиёнагӣ эътироф гаштааст. Мероси илмии ӯ бениҳоят васеъ буда, самтҳои гуногунро дар бар

[22] Рожанская М.М. О реконструкции польного текста трактата Ал Беруни об удельных весах. Историко-астрономические исследования №7.
[23] Аҳадова М.А. Книги знания Ибн Сины. 1964. Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе. 1985.

мегирад: фалсафа, тиб, риёзӣ, ситорашиносӣ, ботаника, кӯҳшиносӣ, забоншиносӣ, назмшиносӣ ва мусиқӣ» [24].

Худи Абуалӣ ибни Сино илмҳои назариявиро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: «Якум илми дараҷаи олӣ ё илми аввалия, онро ҳамчунон илме меноманд, ки берун аз табиат вуҷуд дорад. Дуюм – илми миёна, математика. Сеюм илм дар бораи табиат…». Дар идомаи сухан Абуалӣ ибни Сино таъкид мекунад: «Аз тамоми ин илмҳо барои инсонҳо фаҳмотар, наздиктар илм дар бораи табиат мебошад, аммо дар он бисёр нофаҳмиҳо мавҷуд аст»[25].

**Абумуиниддин Носири Хусрави Қубодиёнӣ** 28 августи соли 1004 дар Қубодиён таваллуд шуда, соли 1088 дар вилояти Юмгон вафот кардааст.

Носири Хусрав солҳои 30-юми асри XI ҳамчун шоир ва олими забардаст ном баровард. Муддате дар даргоҳи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар корҳои маъмурии молиявӣ хизмат кардааст. Девони ашъори Носири Хусрав аз қасидаҳои мазҳабӣ, фалсафавӣ ва иҷтимоӣ, ғазалҳо, рубоиҳо ва қитъаҳо иборат буда, 11000 байтро ташкил медиҳад. Маснавиҳои ӯ «Рӯшноинома» аз 592 байт ва «Саодатнома» аз 300 байт иборат буда, дар он масъалаҳои ахлоқию фалсафӣ, панду ахлоқӣ, муносибати байни одамон, дар бораи меҳнат ва аҳли меҳнат, авлиё ва ҳукамо, инъикос гардидаанд[26].

Оғози ташаккули илму фанро дар мулки Аҷам ба аҳди Сосонӣ ва ҳатто то замони хилофати араб мансуб медонанд. Дар он замон фарҳангистони Гунди Шопур, чи тавре қаблан зикр гардид, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуда буд. Донишмандони ин маркази илмӣ энсиклопедияи сеҷилдаро таълиф намуда, дар соҳаи тиб, химия ва илмҳои дигар ба комёбиҳои бузург ноил шуда буданд. Фақат илм аст, ки зери тазйиқи бераҳмона, вале одилонаи он, тамоми падидаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур сифати муаммо будани худро аз даст медиҳанд. Ошкор ва мутеи ҳазрати Инсон мешаванд. Ба ӯ хизмат мекунанд. Тавре таҷрибаи олам нишон медиҳад, дигар чунин қувва ва такягоҳе вуҷуд надорад. Гегел дар ин маврид мушаххасан таъкид месозад: «Дар

[24] С. Ятимов. Ҳамон ҷо. – С. 72.
[25] С. Ятимов. Ҳамон ҷо. – С. 72-73.

моҳияти пинҳон ва сарбастаи олам қуввае нест, ки зери фишори илм муқобилият карда тавонад: вай дар пеши илм бояд кушода гардад ва рангорагии умқи худро ба намоиш гузорад ва имкони истифодаи онро пешкаш намояд»[27].

Илму דониш дар давраи Сомонӣ дар баробари дигар соҳаҳо, аз ҷумла адабиёт ривоҷу равнақ ёфта буд. Ҳар як соҳаи илму фан олимони худро дошт ва барҷастатарини онҳо Ибни Қутайба дар соҳаи таърих ва адабиётшиносӣ, Абӯмуашшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ аз маъруфтарин мунаҷҷимон, Абубакри Наршахӣ яке аз муаррихони машҳури давраи сомонӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб ва шоирӣ мебошанд.

Дар даврони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ илм дар Тоҷикистони навтаъсис ҳамчун илми советӣ инкишоф ёфт. Марҳилаи ибтидоии инкишофи илм дар Тоҷикистон бо давраи азнавсозии пуравҷи инқилобӣ дар як вақт рост омад, ки солҳои 1917-1924-ро фаро мегирад. Барои вусъати ояндаи корҳои илмӣ кушода шудани Донишгоҳи Давлатии Осиёи Миёна аҳамияти бузург дошт.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 1924-1932) як қатор экспедитсияҳои илмӣ ташкил карда шуданд, ки мақсади онҳо тадқиқи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷумҳурӣ буд. Ин экспедитсияҳо дар инкишофи илм дар Тоҷикистон нақши бағоят муҳим бозиданд.

Марҳилаи сеюм (солҳои 1932-1941) давраи дар Тоҷикистон ташкил карда шудани пойгоҳи Академияи фанҳои Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва ба филиали тоҷикистонии Академияи фанҳои Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ табдил ёфтани онро дар бар мегирад.

Дар давраи пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ масъалаҳои кор карда баромадани граматика ва китобҳои дарсии мактабӣ, аввал дар асоси графикаи лотинӣ ва баъд графикаи русӣ ба алфавити нав гузаштан ҳал карда шуда буданд. Илми адабиётшиносӣ низ дар ҳамин вақт инкишоф меёбад.

Марҳилаи чоруми сифатан нави таърихи илм дар Тоҷикистон соли 1941 ба филиали тоҷикистонии Академияи фанҳо табдил додани ин пойгоҳ буд, ки дар назди он се институти

[27] Г.В.Ф. Гегель. Энциклопедия философских наук. Т.3. – М.: Мысль, 1977.- С. 243.

табиатшиносии илмӣ (геология, ботаника, зоология) ва як институти гуманитарӣ (таърих, забон ва адабиёт) барпо шуд. Бо вуҷуди душвориҳои замони ҷанг ба такмили муассисаҳои илмӣ мувофиқи талаботи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ диққати калон дода мешуд. Соли 1944 дар назди филиал аспирантура таъсис дода шуд ва бо ҳамин мунтазам тайёр намудани кадрҳои илмӣ оғоз ёфт.

Соли 1948 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд, ки он барои дар ҷумҳурӣ тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ саҳми калон гузошт.

Марҳилаи панҷум бо таъсиси Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 14 апрели соли 1951 ташкил ёфтааст ва нахустин президенти он Садриддин Айнӣ буд, пайваста аст.

**Садриддин Айнӣ (Садриддин Сайидмуродзода Айнӣ**, - бунёдгузори адабиёти Шӯравии тоҷик, нависанда, олим, академик ва нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон (1951—1954), Ходими хизматнишондодаи илми Ҷумҳурии Шӯравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон, академики фахрии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шӯравӣ Сотсиалистии Ӯзбекистон. Қаҳрамони Тоҷикистон (1997) мебошад[28].

Устод Айнӣ зиёии пешқадаме мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллати хеш кардааст. Баробари таъсис ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ бо тамоми ҳастиаш ба он пайваст ва барои рушди забону адабиёт, илму маориф ва фарҳанги халқи тоҷик хизмати беназир кард. Мирзо Турсунзода аз он айёми тақдирсоз ёдовар шуда, чунин нигоштааст:

*Худи устод машъал шуд, алав шуд,*
*Чароғи мардуми дунёи нав шуд*[29].

Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ тамоми умр чун ашк дар сари мижгон ва чун ҷон дар кафи даст сипарӣ кардаанд. Зиндагии ӯ дар талошу муборизаҳои пайваста дар

[28] Садриддин Айнӣ / Донишномаи озод. Суроғаи электронӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/Садриддин_Айнӣ
[29] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе «ЭР-граф», 2016. – С.311

роҳи ҷон бахшидан ба ҳастӣ, таърих, фарҳанг ва тамаддуни миллати тоҷик сипарӣ гаштааст.

Унвони алломаро бори аввал нисбат ба устод Айнӣ донишманди машҳур Саид Нафисӣ баъди мутолиаи китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» корбаст менамояд. Ӯ менависад: «Гирдоварандаи ин китоб алломаи муосир Садриддин Айнӣ аз аҳрори ин диёр ва удабои номии диёри хеш ва аз зумраи мафохири забони мо дар Туркистон аст»[30].

Нақши олими бузург, шоир, нависанда ва мутафаккир Садриддин Айнӣ дар ташаккул ва рушди адабиёти тоҷик, забон ва давлатдории тоҷикон бениҳоят бузург аст.Ҳаёт ва мероси адабии устод Айнӣ аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ васеъ ва амиқ омӯхта шудааст ва асарҳои ӯ ба 12 забони ҷаҳон тарҷума карда шуданд.

Баъди таъсис ёфтани Академияи илмҳо дар ҷумҳурӣ ба таъсис ва инкишофи пойгоҳи илми ҷумҳурӣ аҳамияти махсус дода шуд. Пас аз таъсис ёфтани Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмӣ дар пажӯҳишгоҳҳо ва донишкадаҳои олӣ рӯ ба инкишоф оварданд. Баъди ин дар назди Академия муассисаҳои нави илмӣ, аз қабили институти сейсмология, институти хокшиносӣ, мелиоратсия ва ирригатсия таъсис дода шуданд.

Бояд иброз намуд, ки дар таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1948), Академияи илмҳои Тоҷикистон (1951) нақши аллома **Бобоҷон Ғафуров** ниҳоят назаррас мебошад.

Бо кумаки амалии Б. Ғафуров гурӯҳи муаллифон бори аввал таърихи халқи тоҷикро дар се ҷилду панҷ китоб навишта, солҳои 1963-1965 дар нашриёти «Наука» -и Москва чоп намуданд. Академик Бобоҷон Ғафуров муаллифи қариб 400 асару мақолаҳо оид ба таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумиҷаҳонӣ мебошад, ки дар нашрияҳои гуногуни дунё чоп шудаанд. Таҳқиқоти арзишманди ӯ «Тоҷикон» аҳамияти муҳими илмӣ ва таърихӣ дошта муаррификунандаи миллати тоҷик мебошад.

Дар Паёми худ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии

---

[30] Устод Айнӣ намунаи зиндаи адабиёти тоҷик буданд / Садои мардум. №48 (4154) 16.04.2020

Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши китоби «Тоҷикон» -ро дар худшиносии миллӣ муҳим арзёбӣ намуда ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров - китоби «Тоҷикон» аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар тухфа карда шавад[31].

Боиси ифтихор ва дастгирист, ки санаи 6 феврали соли 2020, таҳти № АП-1347 Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид ва тибқи банди 1 он то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров марҳила ба марҳила нашр гардида, аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи маълумоти оморӣ ба ҳар як оила тӯҳфа карда мешавад[32].

Омӯзишу нигориши таърихи пурарзиши миллат ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор дошта, дар тамоми суханронӣ ва баромадҳои хеш атрофи ин масъала назару пешниҳоди илман асоснокгардидаи хешро баён медоранд. Ҳамзамон, олимону донишмандони кишварро ба шинохти дурусти таърих, тарғиби мероси маънавӣ ва суннату ойинҳои мардумӣ, ки тайи асрҳо дар хотираи таърихии миллати тоҷик нақш бастаанд, ҳидоят менамоянд.

Воқеан, китоб пурқимматтарин арзиши маънавист, зеро одамони бомаърифати олам китобро чун гавҳари қимматбаҳо, сарчашмаи дониш, воситаи таълиму тарбия, фароғат, васият ва мероси як насл ба насли дигар пазируфтаанд. Ҳалқи тоҷикро ҷаҳониён, аз қадим то ба имрӯз бо илм, адабиёт ва санъаташ мешиносанд, ки онҳоро маҳз китобҳо ҳифз намуда, то замони мо овардаанд. Ба тарзи дигар, дониш даричае барои наздик шудан, ворид гаштан ба моҳият – воқеият аст. Калиди он дар мактаб, китоб, илмомӯзӣ дар вобастагии кулл, аввал ба иродаи

[31] Паеми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 // Суроғаи электронӣ: http://www.president.tj/node/21975

[32] Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум №18 (4124) 08.02.2020

таълимгиранда ва баъд бо тахассусмандӣ ва масъулияти омӯзгор вобаста аст[33].

Китоб, пеш аз ҳама, неруи бузург аст. Ин бузургтарин эъҷоз, дар худ тамоми донишро аз хусуси ҳаёт ва ҷаҳон, тамоми таърихи рӯиши ақли инсонӣ, тамоми заҳмати таърихӣ ва таҷрибаи халқҳои рӯи заминро таҷассум бахшидааст. Китоб тавонотарин силоҳи тараққиёти минбаъдаи неруҳои ақлонии инсоният мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, илм дар сатҳи нисбатан баландтар қарор дошт. Дар институтҳои Академияи илмҳо, муассисаҳои дигари илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ заминаи моддиву техникӣ ба вуҷуд оварда шуда буд. Дар бисёре аз самтҳои илм кадрҳои илмӣ тайёр карда шуда, мактабҳои аслии илмӣ ташаккул ёфта буданд. Таҳқиқот дар ҳамоҳангӣ бо институтҳои Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва марказҳои дигари илмии он анҷом дода мешуданд.

Пас аз касби Истиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши зиёд барои ҳифз ва дастгирии неруи илмӣ, ислоҳоти илм ва ба ҳалли масъалаҳои муҳими ҷумҳурӣ нигаронидани илм ба харҷ дода шуд.

Соли 1992 ақл бар эҳсос ғолиб гардиду дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон Сарвари давлатамон интихоб шуд. Ин фарзанди асили миллат киштии наҷотбахши сарнавишти миллати тоҷикро аз шикастанҳо ва пора шуданҳо наҷот дод. Ӯ аз рӯзҳои аввал дар кору фаъолияти худ соҳаи маориф ва таълиму тарбияро самти асосӣ ва стратегӣ эълон намуда, онро омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат номид ва нагузошт, ки маориф - ин дастоварди бузурги миллати мутамаддин пош бихӯрад. “Маҳз неъмату баракати ҳамин истиқлолият аст, ки бо вуҷуди бухрони шадиди иқтисодии ҳанӯз аввали солҳои 90 – ум сарзада тавонистем, ки ба тамоман фалаҷ шудани соҳаи маориф ва пароканда гардидани марказҳои илмию фарҳангиамон роҳ надиҳем”[34].

---

[33] С. Ятимов. Ҳамон ҷо. – С. 71-72

[34] Р. Мирбобоев ва дигарон. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе: Маориф, 2016. - С. 120

Дар айни замон раванди ислоҳоти илм идома дорад. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оҳиста-оҳиста ба фаъолият дар шароити нав мутобиқ шуда истодаанд. Давлат дастгирӣ ва таҳкими неруи илмиро барои пешрафти бомуваффақияти мамлакат бо роҳи рушди устувор яке аз самтҳои стратегӣ донистааст.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонун ва қарорҳое қабул гардидаанд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи илм муайян намуда, ба дастгирии неруи илмӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ нигаронида шудаанд.

Пас аз Истиқлолияти давлатӣ барои татбиқи сиёсии пешгирифтаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди илм санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерин таҳия ва қабул гардиданд:

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ» (1998);

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2002);

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 1996 № 331 «Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ»;

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1997 № 395 «Дар бораи таъсиси Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ»;

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 1999 № 87 «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2000 № 54 «Дар бораи тартиби аккредитатсияи давлатии ташкилотҳои илмӣ»;

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2002 № 482 "Дар бораи Академияи илмҳои педагогии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон";

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2003 № 571 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008»;

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2004 № 385 «Дар бораи фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар боло зикр шудаанд, таҳия гардидааст.

Пешвои миллат ҳамеша таъкид менамоянд, ки аҳли ҷомеа, новобаста аз синну сол дар баробари мардон занон низ бояд аз илмҳои замон бархӯрдор бошанд, касбу ҳунарҳои гуногунро аз худ намоянд. Соҳибмаърифат, бохирад ва доно будан аз фазилатҳои бузурги инсонҳо ба шумор меравад, зеро илму амалу дониш василаест, ки шахсро ба қуллаҳои баланди мақсуд мерасонад.

Дар вохӯрӣ бо олимони кишвар Сарвари давлат аз мавқею манзалати шахсиятҳои таърихӣ, ки яке аз асосгузорони илму фарҳанг ва таъриху адабиёти ориёӣ буданд, қайд карданд: «Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори донишмандону муҳаққиқони маъруф зикр шудааст, ки замоне тоҷикони ориёитабор дар саргаҳи инқилобҳои ақлии тамаддуни башарӣ қарор доштаанд. Онҳо дар бунёди давлатҳои муташаккилу неруманд, офаридани нахустин арзишҳои фарҳангӣ, низоми одилонаи ҳуқуқӣ, осори ахлоқӣ ва таълифоти илмӣ саҳми беназир гузоштаанд».

*Ориётаборонем, фарҳангу забон дорем,*
*Аз фазли забондорӣ мо мулку макон дорем.*

*Илму хираду дониш - маҳсули забондонист,*
*Аз орифу маъруфон машҳур касон дорем*[35].

Истиқлол барои мардуми тоҷик шароит фароҳам овард, то дар рушди илмҳои гуногуни замон заминаи боэътимод гузошта шавад. Маҳз бо иқдому ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи неруи

[35] Ниҳонӣ. Парчами нанг. Душанбе: ЭР-граф, 2018. С.121

зеҳнӣ, рушди илм дар тамоми соҳаҳои ҳаёт корҳои зиёду назаррас анҷом дода шуданд. Таъсиси муассисаҳои таълимӣ, донишкадаву донишгоҳҳо, институтҳои тадқиқотӣ, коллеҷу литсейҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки миллати фарҳангпарвари тоҷик анъанаҳои аҷдодии худро идома дода, дар таъриху адабиёти ҳам қадим ва ҳам муосири ҷаҳон нақши худро гузоштааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Пешвои миллат ҳамчун шахсияти барҷаста ва олими ҳамадон дар паёмҳои худ дар солҳои охир ба масъалаи омӯхтани донишу маърифат, фарҳангу маънавиёт ва аз худ намудани таҷрибаи давлатҳои пешрафта таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, барои рушди илмҳои муосир ва дар сатҳи баланд ба роҳ мондани таълиму тарбия дастуру супоришҳо медиҳанд.

Дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат қайд намуданд, ки асри XXI замони пешрафти бесобиқаи илм ва техникаву технологияҳои навин мебошад. Дар чунин шароит рушди минбаъдаи кишвар аз дастгирӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ вобастагии амиқ дорад.

Бояд зикр намуд, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳанӯз аз рӯзҳои аввали зимоми давлатдориро бар ухда гирифтанаш, сарфи назар аз вазъи ногувори сиёсӣ, набудани умедвории сокинони мамлакат ба бақои давлату миллат, дар пояи сифр қарор доштани буҷети кишвар, масъалаи таъмини амнияту суботи сиёсӣ, ваҳдати комили ҷомеа ва расидан ба татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, ки имрӯз натиҷаҳои назаррас ба бор оварда истодаанд, заминаҳо гузошта, пайгирона баҳри татбиқи онҳо талош варзида истодаанд.

Албатта, татбиқи амалии ҳадафҳои мазкур дар баробари таъмини зиндагии шоистаи сокинони мамлакат, рушди иқтисоди миллӣ ва дар ин замина баланд гардидани обрӯ ва нуфузи давлат дар арсаи байналмиллалӣ, ҳамзамон барои рушди соҳаҳои гуногуни илми кишвар ва дар истеҳсолот тадбиқ намудани дастовардҳои илмӣ заминаи воқеӣ мегузоранд. Дар навбати худ, рушди ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат ва умуман тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар низ аз сатҳу сифати дастовардҳои илмӣ, таҳлилу баррасии вазъи илм, инчунин, боз ҳам боло бардоштани мақоми донишмандону олимон ва умуман аҳли зиёи кишвар вобастагии

ногусастанӣ дорад. Пӯшида нест, ки барномасозӣ, таҳлилу баррасӣ, пешбининамоӣ ва ичрои талаботи сатҳу сифати ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар, аз ҷаҳонбинии илмӣ, алалхусус рушди илмҳои табиатшиносиву техникӣ ва риёзӣ вобастагӣ дорад. Мисоли равшани гуфтаҳои мазкур, «саноатикунонии босурати кишвар» буда метавонад. Чунин зарурат вуҷуд дорад, ки Пешвои муаззами миллат аз оғози бунёди давлатдории миллии мо тоҷикон то имрӯз дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, афзалияти соҳаи илми кишвар, хосатан илмҳои бунёдиро дар маркази сиёсати созандаи хеш қарор додаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки имрӯз бидуни мутахассисони барҷаста ва технологияи пешрафта наметавон соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, бахусус саноату иқтисодро инкишоф дод. Аз ин хотир, ҳамасола барои рушду инкишофи соҳаи маориф ва илм аз буҷети давлат маблағҳои зиёд ҷудо карда мешаванд, то шароиту имкониятҳои хуби касбу ҳунаромӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониш муҳайё карда шавад.

Президенти кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳаи маорифро яке аз самтҳои меҳварии давлатдорӣ ҳисобида, рушди илму маориф, омӯзиши техника ва технологияҳои нав, тақвияти неруҳои зеҳнӣ ва ташаккули забони илмро дар мақоми аввал қарор доданд.

Ҳамзамон, ба тарбияи кадрҳо ва тақвияти неруи зеҳнӣ эътибори аввалиндараҷа дода, пайваста ба маблағгузории соҳаҳои илм, ки ба иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат равона шудаанд, таҷдиди назар мекунанд.

Дар суханронии Пешвои миллат қайд гардид, ки тибқи маълумоти оморӣ соли 1985 дар сохтори Академияи илмҳо шумораи номзадҳои илм 656 нафарро ташкил медод, вале имрӯз номзадҳои илм дар ин муассиса ҳамагӣ 360 нафарро ташкил медиҳанд, ки дар муқоиса ба соли 1985 қариб 300 нафар кам мебошад.

Айни замон дар Академияи илмҳо беш аз 2000 нафар кормандон фаъолият менамоянд, ки 32 нафари онҳо аъзои пайваста, 52 нафар аъзои вобаста, 190 нафар доктори илм ва 360 нафар номзадҳои илм мебошанд. Дар магистратура ва докторантураи Академияи илмҳо бошад 1500 нафар ҷавонон, аз

ҷумла 650 нафар ё 43 фоиз ба илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд ва беш аз 100 нафар муҳаққиқони ҷавон дар муассисаҳои илмии хориҷи кишвар таҳсил карда, ҳоло дар сохторҳои Академияи илмҳо кору фаъолият мекунанд.

Аз рӯзи ташкили Комиссияи олии аттестатсионӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз дар кишвар 56 шӯрои диссертатсионӣ ва 15 шӯрои экспертӣ таъсис ёфтааст. Дар муддати се сол ба ин муассиса 651 рисола ворид шудааст. Аз ин шумора 415 рисолаи илмӣ тасдиқ ва 30 нафар соҳиби дараҷаи илмии доктори илм, 379 нафар соҳиби дараҷаи илмии номзади илм гардидаанд.

Дар сурати ин қувваи бузург ва неруи зеҳниро барои равнақу ривоҷи соҳаҳои ҳаёт, алалхусус иқтисодиёту саноат ҷалб кардан, метавон ба пешравиҳои назаррас ноил гардид.

Дар воқеъ илмомӯзӣ, кашфиёт ва дарки дурусти қонуниятҳои табиат, меҳнати зиёдро талаб мекунад. Дар ин ҷода танҳо ҳамон вақт муваффақ шудан мумкин аст, ки ҳамарӯза бо худ кор кунӣ, китоб хонӣ, таҳқиқу назариясанҷӣ ва амалияро бо назария пайваст намоӣ. Бо хитоб ба ин Пешвои миллат дуруст қайд намуданд, ки бо роҳи осон ва камзаҳмат роҳи илм пеш гирифта намешавад. Нафаре, ки роҳи илмро пешаи худ намуд, иҷрои вазифае, ки аз мавзӯи илмии интихобкардааш дур мебошад, барои дастоварди илмӣ монеагӣ ба вуҷуд меорад, ҳамзамон барои иҷрои вазифаи бевоситааш низ мушкилӣ эҷод мекунад. Инсонҳо бояд фалсафаи илм ва моҳияту мавқеи онро дар ҷомеаи имрӯз дуруст дарк намоянд.

Вобаста ба масъалаи асардуздӣ Президенти кишвар иброз намуданд, ки имрӯз дар шабакаҳои иҷтимоӣ рисолаҳои зиёд интишор мешаванд, баъзе унвонҷӯён аз онҳо рӯйбардор карда, бо роҳи осон мехоҳанд соҳиби дараҷаҳои илмӣ гарданд.

Зиёда аз 40 нафар олимоне, ки дар пойгоҳи «Диссернет»* ба асардуздӣ муттаҳам шудаанд, онҳое мебошанд, ки рисолаҳои

* Диссернет (номи пуррааш: Ташкилоти ҷамъиятии озоди шабакавӣ) - дар асоси ихтиёрӣ ва муттаҳидии шабакаҳои ҷамъиятӣ ташкил шуда, ба ҳайати он донишмандони тахасусие, ки дар соҳаҳои гуногуни илми Россия ва кишварҳои гуногуни олам кору фаъолият менаоянд, инчунин, рӯзноманигорон, фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ихтиёриён шомил мебошанд. Фаъолияти ҷамъият асосан барои гузаронидани ташхиси ҷамъиятии рисолаҳои номзадӣ ва докторие, ки дар муассисаҳои

илмии худро дар шӯроҳои диссертатсионии марбут ба ихтисосҳои иқтисодӣ ва ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва педагогика дифоъ кардаанд.

Маълум мешавад, ки баъзе унвонҷӯёни тоҷик роҳи осон ва камзаҳмати илмро пеш гирифта, аз рисолаҳои илмии олимони кишварҳои хориҷӣ васеъ истифода кардаанд.

Албатта чунин амал барои коста гардидани илми тоҷик сабаб мегардад ва он имконият намедиҳад, ки вобаста ба масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа корҳои бунёдӣ анҷом дода шаванд.

Фалсафаи илм бо бисёр консепсияҳои аслию ғалатӣ, ки ин ё он намунаи фаъолияти маърифатӣ ва рушди илмро пешкаш мекунанд, ифода ёфтааст. Он ба муайян кардани нақш, аҳамият ва хусусиятҳои илм нигаронида шудааст ва онро аз дигар намудҳои фаъолияти маърифатӣ фарқ мекунад.

Фалсафаи илм, сарфи назар аз он, ки ба омӯзиши илмҳои табиӣ ё илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ нигаронида шудааст, мақоми донишҳои таърихии иҷтимоиву фарҳангӣ дорад.

Роҳбарияти давлат, барҳақ эҳсос намудааст, ки дар чанд соли охир ба илмҳои табиатшиносӣ, ки бидуни онҳо рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа имкон надорад, таваҷҷуҳи баробарвазн ба ниёзҳои иҷтимоии имрӯза ва оянда зоҳир намешавад.

Воқеан, муддатҳои тӯлонӣ табиати мардуми тоҷикро, асосан, моил ба илмҳои гуманитарӣ тафсир кардаанд ("Баски коми тоҷиконро бо сухан бардоштаанд..."). Ҳатто олимони маъруф, ки тахассуси аслии онҳо физика ва риёзӣ аст, самти таҳқиқоти худро баъдтар ба илмҳои гуманитарӣ иваз кардаанд. Дар ин соҳаҳо рисолаҳо ҳимоя намудаанд. Аз ихтисоси худ ба тарзи доимӣ фосила ҷустаанд. Ин падида табиӣ ва тибқи ниёзҳои иҷтимоӣ, ки асоси талаботи муайнкунии самтҳои тадқиқоти илмӣ аст, ба назар намерасад. Зарур аст, ки ба ин ҳолат дар дараҷаи тасмимгириҳо хотима дода шавад. "Ҳар касеро баҳри коре сохтаанд" (Ҷалолиддини Балхӣ). "Шеърнависиро омӯхтан мумкин нест" (Л.Н. Толстой). Мутахассисони соҳаи илмҳои дақиқ гулчинанд. Онҳоро интихоб, эҳтиёт ва тарбия бояд кард[36].

---

илмӣ ва таълимии Россия дар охири солҳои 1990 дифоъ гардидаанд, равона шуда, натиҷаи онҳоро ба таври васеъ оммавӣ гардонидан мебошад.

[36] С. Ятимов. Ҳамон ҷо. – С. 79

Агар ҳадафи асосии илм ба даст овардани ҳақиқат бошад, пас фалсафаи илм барои инсон яке аз соҳаҳои муҳимтарини татбиқи зеҳн ва идроки ӯ мебошад, ки дар доираи он баҳри чӣ гуна расидан ба ҳақиқат мубоҳиса сурат мегирад.

Бояд иброз намуд, ки се шакли асосии тафаккур – илмӣ, тахайюлӣ ва динӣ ба ҳар як инсон хоссанд, вале тафаккури илмӣ, ки тафаккури техникӣ ҷузви он аст, бевосита ба ҳаёти моддии одамон дахл дорад. Аз ин рӯ, рушди ин навъи тафаккур барои инсон, махсусан барои наврасону ҷавонон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад[37].

Қайд гардид, ки дар шароити кунунӣ, яъне дар замоне, ки барои рушди илм тамоми имкониятҳо муҳайё мебошанд, роҳу воситаҳои оқилонаи рақобати озоди илмро бо дарназардошти манфиатҳои милливу давлатӣ таъмин намудан лозим аст.

Яке аз машғулиятҳое, ки барои боло бурдани савияи донишу маърифат, малакаи суханварӣ ва муошırату муносибат мусоидат мекунад, ин мутолиаи китоб мебошад. Аз бузургтарин андешаҳое, ки дар адабиёти илмиву бадеии миллати тоҷик садо медиҳад, "рӯй бар ганҷи фарҳанг" ниҳодан – мутолиаи китоб аст.

Афкори маорифпарваронаи Пешвои миллат, арҷ гузоштан ба илм, маърифат, омӯхтани касбу ҳунар, заҳмати аҳли зиё, таъкиди ҳамаҷониба ва пайвастаи ӯ доир ба тарғиби донишандӯзию касбомӯзӣниёз ба таҳқиқи алоҳида дорад. Дар фаъолияти Роҳбари давлат ин масъала ҳам ҷанбаи назариявӣ ва ҳам амаливу сиёсиро дар бар мегирад[38]. Сарвари давлат дар мулоқоту вохӯриҳо доимо аз китобу китобхонӣ ёдовар шуда, таъкид мекунанд, ки тамоми қишрҳои ҷомеа, бахусус наврасону ҷавонон пайваста бояд китоб хонанд, ҷаҳонбинии худро васеъ ва забонҳои хориҷиро донанд.

Қудрат ва тавоноии фикри инсон баробар ба андозаи китоб хондани ӯст. Яке аз бузургтарин файласуфон ва драманависони

[37] Хуршед Зиёӣ. Рушди тафаккури техникӣ ҳамчун омили муҳими бадастории ҳадафҳои миллии стратегӣ // Тафсири Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ: моҳият ва самтҳои асосии он аз 26-уми декабри соли 2019-ум. – Душанбе: « Ирфон», 2020. – С. 125-126

[38] С. Ятимов. Ҳамон ҷо. – С. 84

олам Дени Дидро (1713-1784) таъкид кардааст: "Фикр кардани инсон қатъ мегардад, агар ӯ китобхониро қатъ кунад"[39].

*Маҳзани ганҷи гарони ин ҷаҳон бошад китоб,*
*Баҳри кашфи ҳикмату тадқиқу таҳқиқаш шитоб!*
*Ҳар кӣ гардад баҳравар аз муҳтавояш беҳисоб,*
*Ҳар чи хоҳад дар ҳаёташ, ӯ бигардад комёб.*
*Эй Ниҳонӣ, аз китоб ояд гизои маънавӣ,*
*К-ин ҳама фарҳанги миллатро китоб аст инқилоб!*[40]

Ба олимон, таърихнигорону адабиётшиносон дастур доданд, ки осори хаттии забонҳои гуногун, пеш аз ҳама, забонҳои қадимаи ориёӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, арманӣ, арабӣ, хитоӣ ва русӣ вобаста ба таърих, адабиёт ва фарҳанги тоҷикон бояд ҷамъоварӣ гардида, ба забони тоҷикӣ тарҷума ва дастраси хонандагон карда шавад.

Дар ҳар як баромаду суханронии хеш, Пешвои муаззами миллат новобаста аз гуногунии соҳаҳои илм такя ба олимону зиёиёни гузашта карда, ба хотири пос доштани эҳтироми онҳо ҷашни ёдбуд ташкил мекунанд. Барои хизматҳои арзандаашон кӯчаву хиёбон, боғу муассисаҳои илмию фарҳангиро ба исми онҳо номгузорӣ мекунанд. Дар тули 10-15 соли охир даҳҳо ҷашнвораи илмию адабии арбобони шинохтаи миллати тоҷик дар сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ гузаронида шуд, ки арҷгузории Президенти мамлакат ба таъриху адабиёти оламшумули мо мебошад.

Пешвои миллат, аз ҷумла қайд намуданд, ки солҳои охир дар пойтахт як амали неку дурандешона ба ҳукми анъана даромадааст, ки фарзандон ва наздикони олимону адибони фавтида китоби волидайнашонро ба Китобхонаи миллӣ барои истифода месупоранд. Ин китобҳо дар китобхона бо номи соҳибонашон нигоҳ дошта мешаванд ва хонандагон аз онҳо истифода мекунанд. Бо ин роҳ китобҳо аз ҳама гуна хатарҳо ҳифз мешаванд ва аз тарафи дигар, номи ин олимон абадӣ боқӣ мемонад.

---

[39] С. Ятимов. Ҳамон ҷо. – С. 86
[40] Ниҳонӣ. Парчами нанг. Душанбе: ЭР-граф, 2018. С. 234

Дар ин раванд, ба олимони калонсол, фарзандони донишмандон ва ҳамаи зиёиён муроҷиат карданд, ки китобҳои худро ба Китобхонаи миллӣ супоранд, то дигарон низ аз онҳо истифода карда, манфиат бинанд ва ғизои маънавӣ гиранд.

Хуб донистани таърих, расму оин ва фарҳангу адабиёт аз бисёр мутолиа кардан бармеояд. Таъкид гардид, ки забон, фарҳанг, расму ойин ва маданияти либоспӯшии миллӣ арзишҳои ҳувиятсоз буда, оламиён аз рӯи ҳамин сифатҳо тоҷиконро мешиносанд ва эътироф мекунанд.

Пешвои миллат ба олимони ҷамъиятшинос муроҷиат карда, иброз намуданд, ки онҳо бояд парчамбардорони омӯзишу таҳқиқ ва ташвиқу таблиғи ғояҳои фарҳангу адабиёти ҷаҳоншумули тоҷикон бошанд, аз арзишҳои миллӣ, ки аслу асоси давлатдории миллии дунявӣ маҳсуб мешаванд, бо нангу номуси ватандорӣ дифоъ кунанд ва дар амри густариши худшиносии милливу таърихии насли ҷавон бо кору пайкори худ намунаи ибрат нишон диҳанд.

*Ҷавононанд ҳам меъмору ҳам тарроҳи оянда,*
*Сазоворанд бар имрӯзу бар фардои созанда.*
*Ба илму бо амал дар зиндагонӣ оқилу доно,*
*Фидокоранд дар ободии ин мулки поянда*[41].

Мутаассифона, канораҷӯӣ кардани баъзе наврасону ҷавонон аз омӯзиши илму маърифат ва бесавод мондан ба он оварда расонидааст, ки онҳо аз роҳи нодонӣ даст ба амалу кирдори ғайриқонунӣ ва ҷиноят зада, ҳаёти худро доғдор менамоянд. Ҳамзамон, ба доми ҳизбу ҳаракат ва гурӯҳҳои ифротгаро афтода, барои худ ва наздиконашон мушкилӣ эҷод мекунанд.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни баромади хеш зикр намуданд, ки «… хурофот, ифротгароӣ ва радикализми динӣ яке аз хатарҳои баояндаи босуботи мардуми мо таҳдидкунанда мебошад. Аксари мардуми мо ба зиндагӣ ва воқеият аз нуқтаи назари мантиқ, илм ва ҷаҳонбинии илмӣ баҳо намедиҳанд. Ба назари мо, як сабаби пеш нарафтани тафаккури мардум ҳамин омил мебошад.

---

41 Ниҳонӣ. Парчами нанг. Душанбе: ЭР-граф, 2018. С. 238

Дар шароити кунунӣ мо амалан шоҳиди бархӯрди шадиди раванди ҷаҳонишавӣ ва ҷараёни эҳёи арзишҳои миллӣ шуда истодаем, ки ин маҷро аз тамоми унсурҳои тамаддун истифода карда, ба ҷуз аз манфиатҳои хеш дигар ҳамаро сарфи назар мекунад. Табиист, ки дар ин арса зуҳур ва истифодаи ҳар гуна падидаҳои номатлуб, аз ҷумла ҷаҳолату таассуб, ки монеи пешрафту устувории давлатҳои миллӣ мегарданд, дар татбиқи ҳадафҳои муғризонаи гурӯҳҳои манфиатхоҳ ҳамчун восита хизмат менамоянд»[42].

Вобаста ба ин, ҳар як узви ҷомеа бояд донад ва ба насли ҷавон фаҳмонад, ки Тоҷикистон як бор фоҷиаи мудҳиши Сурия, Ироқ, Тунис, Яман, Ҷумҳурии Мисри Араб, Ливия, Афғонистонро бо чашми худ дид. Аз сар гузаронид. Оқибатҳои ин ҷанги хонумонсӯз, ҳам аз лиҳози моддӣ ва ҳам маънавӣ, то ҳол пурра бартараф нагардидаанд. Даҳсолаҳо лозиманд, то кишвар ин хатои бузурги таърихиро, ки решаи он дар дохили мамлакат, дар аъмоли зиддимиллии намояндагони дастнигару бегонапарасти ҳамин миллат буданд, бартараф созад. Ва ин дарахти сершоху барги анчар, ки мустақиман аз хориҷи кишвар обу ғизо мегирифт, парвариш меёфт, имрӯз ҳам пурра хушк нашудааст ва акси садои хастаи онон мисле, ки аз боғ овози нофорами зоғ садо медиҳад, ҳоло ҳам гоҳ-гоҳе ба гӯш мерасад. Террористони онон ду-ду, чор-чор, ҳар замон нобуд ё дастгир мешаванд.

Як ҳақиқати бебаҳс ин аст, ки ҳеҷ як қувваи беруна, агар дар дохили миллат хоиноне пайдо насозад, бо онҳо аз рӯйи ғараз пулу мол надиҳад, кӯмаку ҳамкорӣ накунад, давлатро ноором ва мардумро бесаранҷом карда наметавонад.

Давлат, миллат мебояд аз лиҳози маънавӣ, дониш, маърифат, худшиносӣ то ба он дараҷае якдил, яктан, якмаром бошад, ки тақдири таърихии ӯ ҳаргиз аз омилҳои берунӣ вобастагӣ надошта бошад. Барои давлати миллӣ таҳдидҳо доимӣ, абадӣ ва

[42] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар аз 18.03.2020 // Сурогаи электронӣ: http://www.president.tj/

беохиранд. Дар шакли ҳар гуна қувва, хатар, намуд, мафкура, шиор, ваъда пайдо мешаванд[43].

Аз давраи мавҷудияти хеш то ба имрӯз инсоният ҳамеша кӯшиш ба харҷ додааст, то барои хеш зиндагие фароҳам оварад, ки аз ҳама гуна таассубу хурофот ва умуман ҷаҳолатпарастӣ орӣ бошад. Аммо бо вуҷуди чунин заҳмату талошҳо гурӯҳҳои манфиатхоҳ ва инсонҳои тангназар вуҷуд доранд, ки душмани илм ва маърифати инсонӣ буда, монеаи рушди ҷомеа мегарданд.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи *«ҷаҳолат»* ҳамчун нодонӣ, бехабарӣ ва ғафлат маънидод шудааст. Дар ин росто, калимаи *«ҷаҳолатпараст»* низ қобили таваҷҷуҳ аст, ки ба ҳайси «мутаассиб», «ҷоҳил», «маърифатбезор»,«душмани фарҳанг» ва «иртиҷопараст» маънидод шудааст[44].

Калимаи «таассуб» дар фарҳанги зикршуда бо се маънӣ – тарафдорӣ ё душмании бисёр нисбат ба шахсе, ҳимоят ва ҷонибдорӣ, ория т (аз чизе), тарафдорӣ аз ақоиди динӣ ва маросими кӯҳнаи миллӣ, фанатизм ва кинаҷӯӣ шарҳ дода шудааст[45].

Тавре маълум гашт, истилоҳҳои «хурофот», «ҷаҳолат» ва «таассуб» дар ҳар тобиши маъноӣ унсури манфиро касб карда, ба раванди муътадили рушди ҷомеа, алалхусус ҷаҳонбинии илмӣ халал ворид менамоянд.

Албатта, таассуб ва хурофот таъсири манфии худро ба ҷаҳонбинӣ ва рушди ҷомеаи инсонӣ, алалхусус, даврони асримиёнагии аврупоиён низ расонидааст. Аммо, воқеияти рӯзгор собит сохтааст, ки танҳо тавассути аз байн бурдани хурофотпарастӣ, догматизми динӣ ва рӯй овардан ба донишҳои таҷрибавӣ, тавонистаанд ҷаҳонбинии ҷомеаро аз таъсири манфии ғояҳои мазкур эмин нигоҳ дошта, воқеияти алоқамандии илмро бо истеҳсолот таъмин намоянд.

Тоҷикон ҳамчун намояндаи тамаддуни ориёӣ, дорои фарҳанги созанда ва инсонсоз мебошанд, ки ба ҷаҳониён беҳтарин арзишҳои маънавиро пешниҳод намудаанд. Вале бо вуҷуди чунин ғановати маънавию фарҳангӣ, ки таваҷҷуҳи

---

[43] С. Ятимов. Ҳамон ҷо. – С. 88

[44] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Душанбе.- 2008. - С. 58

[45] Ҳамон ҷо. - С. 283

оламиёнро ба худ ҷалб намудаанд, боз афроди манфиатхоҳу ҷаҳолатпараст ва ноогоҳ аз моҳияти дин зуҳур менамоянд, ки бо ҳар роҳу восита, аз ҷумла тафсири нодурусти арзишҳои волои диниву мазҳабӣ, ҷомеаро ба куҳнапарастӣ мебаранд.

Мисоли равшани гуфтаҳои мазкур ҳаводиси мудҳиши солҳои 90-уми асри гузашта дар ватани азизамон Тоҷикистон ба вуқуъ пайваста, буда метавонанд. Маҳз дар ин солҳо бо дасиса ва манфиатхоҳии хоҷагони дохилӣ ва хориҷӣ, ҷомеаи Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки дар баробари талафоти ҷонӣ ва зарари моддиву маънавӣ, инчунин инкишофи илмро боз дошта, ҷаҳолату хурофотпарастиро ба сатҳи бесобиқа расонид. Вазъи мураккаби сиёсӣ, амнияти аҳли зиёи кишвар, арбобони илму фарҳангро низ зери хатар оварда, мақоми илмро дар ҳолати ногувор қарор дод. Ашхоси бадхоҳи миллату давлат, ки бозичаи дасти хоҷагони хориҷии хеш буданд, бо мақсади мураккаб намудани вазъи сиёсӣ, махсусан барои коста сохтани давлат маҳви чеҳраҳои саршиноси миллат, алалхусус олимонро тарҳрезӣ намуда, сӯиқасд ба ҷони чандин олимони шинохтаи миллат, аз ҷумла президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ, инчунин ду шоҳсутуни илми тибби тоҷик, профессорон Юсуф Исҳоқӣ ва Минҳоҷ Ғуломов ташкил намуданд. Гузашта аз ин, дар ин давра чандин нафар чеҳраҳои шинохта ба мисли Сафарали Кенҷаев, Нурулло Ҳувайдуллоев, Моёншо Назаршоев, Муродулло Шерализода, Отахон Латифӣ, Сайф Раҳимзод, Муҳиддин Олимпур, Карим Юлдошев, Хушбахт Ҳайдаршо, Давлаталӣ Раҳмоналӣ ва даҳҳо нафари дигар ба қатл расонида шуданд.

Ҷанги шаҳрвандӣ, ки тадриҷан миқёси фоҷиабори худкушии миллиро пайдо мекард, оқибатҳои сангини ҷонӣ ва моддиву маънавӣ дошт: даҳҳо ҳазор фарзандони Ватан қурбон ва беш аз 1 миллион фирорӣ ва муҳоҷири иҷборӣ шуданд. Зарари умумии моддӣ беш аз 7 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод[46].

Бояд иброз намуд, ки бе донишҳои илмӣ таъмини амнияти миллӣ ғайри имкон аст. Бе онҳо (донишҳои илмӣ) ба осонӣ метавон мафтуну пойбанди овозаҳо, суханҳои бофта, беасос,

[46] Раҳмонов Эмомалӣ Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди шашум. – Душанбе: «Ирфон», 2006. - С. 397

ғаразнок, айбҷӯии бедалели хатарнок, хурофот гашт. Аммо на ба таъмини амнияти миллӣ[47].

Таърихи афкору андешаи инсонӣ исбот менамояд, ки илму дониш ҳеҷ вақт душмани дину имон набуда, балки бар зидди хурофот, кӯҳнапарастӣ, бофтаҳои баъзе диндорони бесаводу чаласавод буд. Ягон мутафаккир ё донишманди асили замони гузашта ва муосир низ бар зидди дин набаромадааст, балки хурофот, нодонӣ, ҷаҳолатро зери интиқод қарор додаст[48].

Нотавонбинони миллату давлат, ки пойбанди ақидаҳои ғаразноки гурӯҳҳои манфиатдор гардида буданд, бехабар аз он, ки миллати ҷафокашидаи тоҷик, бо вуҷуди чандин маротиба мавриди истисмор, қатлу куштор, инчунин, оташ задани ганҷинаҳои фарҳангӣ ва махзанҳои илмӣ-адабӣ қарор гирифтанаш, тавонистааст, ки асолати ватандорӣ, арзишҳои маънавӣ ва таҷрибаи давлатдории хешро то ба имрӯз нигоҳ дорад.

Аз таҷрибаи таърих маълум аст, ки тамоми аҷнабиёни ғосиб*, барои нобуд сохтани арзишҳои пурғановати маънавии мардумони тоҷику форс даст задаанд. Яке аз давраҳои таърихие, ки зарбаи сахт ба арзишҳои маънавии ҷомеаи мо расонида шуд замони ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ мебошад. Дар ин давраи таърихӣ «…шаҳрҳои Балх, Бухоро, Самарқанд, Марв, Ҳирот ва дигар шаҳрҳо ба харобазор табдил ёфтанд. Пеш аз ҳама ғоратгарон ганҷинаҳои бои маданияту маърифати халқҳои Осиёи Миёна ва эронзаминро ба яғмо бурданд. Ба пешрафти илму маърифати мардуми Суғдзамину Бохтаристон, Парфияю Хоразм таъсири манфӣ расониданд. Бо амри Искандар бунёд ва асли фарҳанги эрониён – «Авесто»- сӯзонида шуд, ки ин зарари калони маънавӣ ба Мардуми Осиёи Миёна буд[49].

---

[47] С. Ятимов. Илм ва амният. Душанбе: 2019. - С. 22

[48] Д.Р. Комилов., Ҷ.Х. Забиров. Шинохти ифротгароӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ. Душанбе. 2020. - С. 39

* Ғосиб калимаи арабӣ буда, маънояш он ки молу мулки дигаронро бо зӯрӣ кашида мегирад (ғасб мекунад), бо зулму ситам ситонандаи чизу чораи дигарон мебошад. *(Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Душанбе -2008. – С. 385)*

[49] М. Мухторов., А. Раҳматуллоев. Таърихи халқи тоҷик. Ҷилди I. М;. 2002. - С. 52

Мувофиқи маълумоти Диодор (XVIII, 7) ва Куртсий (II, 16, 9) Искандари Мақдунӣ аз хазинаи Тахти Ҷамшед 120000 талант = 3840 тонна тилло ва нуқраро ба ғанимат гирифт[50].

Искандари Мақдунӣ барои паст задании ҳашамати Ҳахоманишиён ва нишон додани иқтидор ва ғолибияти худ баъди ишғол кардани Персепол онро ғорат карда, оташ зад[51].

Чунин вазъият, дар ҳама давраҳои ҳуҷуми аҷнабиён, аз ҷумла замони ҳуҷуми арабҳо ва давлатдориҳои туркиву муғулӣ низ мавҷуд буда, ба рушди илм, ташаккули чеҳраҳои мондагори миллати тоҷик, ки чун ситораи тобон дар арсаи илм ва адаби ҷаҳонӣ ҷило мекарданд, зарбаи ҷонкоҳ зада шуд. Мероси илмӣ, фарҳангӣ, моддӣ ва маънавии моро гирифта бурданду, баъдан аз номи худ муаррифӣ намуданд.

Роҷеъ ба ин, Президенти мамлакат бо мурочиат ба олимони сиёсатшинос, файласуфҳо ва умуман, ҷомеашиносон зарур донистанд, ки онҳо сабабу омилҳои зуҳури ақидаҳои хурофотӣ, шиддат гирифтани ифротгароии динӣ ва оқибатҳои онҳоро таҳқиқ карда, роҳҳои аз байн бурдани хурофот ва сабабу омилҳои дохиливу хориҷии сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро дар кишвар ҳамаҷониба мавриди арзёбӣ қарор диҳанд.

Яке аз машҳуртарин нашриёҳои Британияи Кабир фарҳангеро таҳти унвони «The Penguim dictionary of Proverbs» (1999) ба табъ расонидааст, ки зиёда аз 6000 панду насиҳатро фаро мегирад. Қисмати далелҳо дар мавриди дониш аз «Doubt is the key of knowledge» («Шубҳа донишро тавлид мекунад») оғоз мешавад. Ва онро марбут ба мардумони мо донистааст. Ин сухан ба тафсир ниёз надорад. Лекин ба ҳар ҳол, он муқобили кӯр-кӯрона муносибат кардан ба ҳар рӯйдод, ақида, идея, мавқеъгириҳо, аз ҷумла, тафаккури ифротӣ ва хурофотист. Бешубҳа, ҷавҳари илмро донистани решаҳои материалии сабаб ва саволҳои «Барои чӣ? Чаро?» ташкил мекунанд. Китоб ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоби мушаххас дорад[52].

Дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки бо гуноҳи хоинони миллати тоҷик, аз ҷумла ҳизби террористиву

---

[50] Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе. 2008. - С. 143
[51] Ҳамон ҷо. - С. 151
[52] С. Ятимов. Ҳамон ҷо. – С. 86

экстремистии наҳзат сар зад, олимону мутахассисони беҳтарин ба тарки Ватан маҷбур шуданд ва илова ба хисороти зиёде, ки ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва мардум расонида шуд, илму маориф низ зиёни бузург дид. Имрӯз мардум бояд сабабҳои он ҷанги хонумонсӯзро донанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, вусъати рақобатҳои геополитикӣ, авҷгирии зуҳуроти хатарноки ифротгароиву терроризм ва дигар мушкилоти глобалӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи афкори фалсафию ҳуқуқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқиву маънавӣ талаби замон буда, омӯзиши фарҳанги моддиву ғайримоддии миллат бояд самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ бошад.

Талошҳои Пешвои миллат ба он равона гардидааст, ки илми тоҷик бояд ба сатҳи ҷаҳонӣ бароварда шавад. Аз ин хотир тамоми олимону донишмандонро зарур аст, ки нерӯи зеҳнии худро барои навовариҳои илму техника равона созанд. Бо навоварию ихтирооти тоза дар рушди соҳаи ҳаёт, аз ҷумла иқтисодиёту саноат саҳмгузор бошанд.

*Ҳаме, фарҳанги мо ҳастии миллат буду ҳасту монд,*
*Ба ҳар ҷо аҳли доништо чароғи илм бояд хонд.*
*Маориф, илм, дониш, фазл ҳатман рушд бояд кард.*
*Надорад илм амал, бишмор онро ҳамчу ҷисми сард.*

Ҳамзамон таъкид гардид, ки Академияи таҳсилот ба масъалаи дурнамои рушди маориф диққати аввалиндараҷа дода, доир ба мақоми мактаби муосир, сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, ворид кардани ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқ дар китобҳои дарсии фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ, раванди таълим, таносуби соатҳои фаннӣ, усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табиӣ, риёзиву дақиқ ва ташаккули зеҳнияти хонандагону донишҷӯён пешниҳодҳои мушаххас бояд манзур намояд.

Ҷаноби Олӣ ба интихобу тарбияи кӯдакони болаёқату боистеъдод таваҷҷуҳ намуда, қайд карданд, ки ин раванд бояд аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ оғоз гардида, таълими онҳо мақсадноку дурбинона ба роҳ монда шавад.

Аз ҷониби Пешвои миллат ҳамаҷониба дастгирӣ гардидани илм ва маориф, фикриояндаи миллат аст, ки дар ҳамаи вилоятҳо

ва шаҳрҳои калон барои ба таҳсил фаро гирифта шудани наврасони болаёқат Мактаби Президентӣ ташкил карда шуд. Идомаи ин иқдом дар сохтори Академияи илмҳо бунёди мактаби зеҳнӣ ва минбаъд дар литсейҳои Президентӣ аз ҳисоби хонандагони синфҳои болоӣ ҷиҳати омӯзиши фанҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ гурӯҳҳои мақсаднок таъсис дода, ба сатҳу сифати донишандӯзии онҳо эътибори ҷиддӣ дода мешавад, ки ин қадами муҳим дар ҷодаи рушди илму маориф мебошад.

*Фалсафа, ҳикмат, сиёсат, ҳам риёзию нуҷум,*
*Дониши аҳли башар омӯз то фиқҳу ҳисоб*[53].

Бо мақсади омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои тараққикарда дар соҳаи илм, инчунин бархӯрдор гардидани ҷавонони мо аз донишомӯзи дар муассисаҳои номдори ҷаҳонӣ, Сарвари давлат шароит фароҳам овард, ки дар Тоҷикистон филиалҳои донишгоҳҳои бонуфузи давлатҳои пешқадам таъсис дода шаванд.

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки барои рушди соҳаи энергетика, қадамҳои устувор гузошта шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ихтисосҳои вобаста ба манбаъҳои таҷдидшавандаи нерӯ, яъне «энергияи сабз», «иқтисоди сабз» ва «иқтисоди рақамӣ» таъсис дода мешаванд. Оянда бояд мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на аз рӯйи шумораи хатмкардагон, балки вобаста ба шумораи хатмкардаҳои бо кор таъминшуда ва дастовардҳои илмии дар истеҳсолот татбиқгардида муайян карда шавад.

Сарвари давлат ҳамасола ба ҳавасманд намудани мактаббачагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ эътибори хоса дода, барои аълохонҳо имтиёз ва стипендияи Президентиро муқаррар кардаанд. Дар ҳама гуна вохӯриҳо, суҳбатҳо, вақте, ки ҷавонону наврасон барои хондан муроҷиат мекунанд, ин ҳолат аз ҷониби Пешвои миллат хуб пазируфта шуда, барои кӯмак расонидан ва таҳсили минбаъдаи онҳо ба муассисаҳои илмӣ дасти ёрӣ дароз мекунанд. Доимо иброз менамоянд, ки ман хушҳолам, ки ҷавонон ба ман барои идомаи таҳсил муроҷиат

[53] Ниҳонӣ. Парчами нанг. Душанбе: ЭР-граф, 2018. С. 235

мекунанд, дар ҳоле, ки якчанд сол пеш муроҷиатҳо дар доираи танқисии зиндагӣ ва ё молиявӣ буд.

Пешвои миллат сидқан мекӯшад, ки халқи тоҷик соҳиби маърифати олӣ ва касбу ҳунари воло бошад. Ҷавононро, воқеан, ворисӣ миллат ва давлат мешуморад.

Дар вохӯрии имсола дастур доданд, ки аз 1 январи соли 2021 шумораи гирандагони стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар омӯхтани фанҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ натиҷаҳои баланд нишон медиҳанд, аз 400 нафар то 3000 нафар зиёд ва андозаи маблағи он 500 сомонӣ муқаррар карда шавад.

Шумораи гирандагони стипендияи Президентӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 100 нафар то 500 нафар ва барои аспирантони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ аз 15 нафар то 50 нафар зиёд карда шавад. Аз шумораи умумии стипендияҳои Президентӣ 70 фоиз барои фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ равона карда шавад.

Ҳамчунин, омӯзгорон ва устодони муассисаҳои илмию таълимӣ ва онҳое, ки дар таълиму тарбияи шогирдон нақши арзанда мегузоранд, аз мадди назари Пешвои миллат дур намонданд. Қайд гардид, ки масъалаи барои аз 1 сентябри соли 2021 зиёд намудани музди меҳнати омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар имтиёзҳои омӯзгорони чунин муассисаҳо, бахусус, омӯзгорони ҷавон, мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Барои баланд бардоштани рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳосилнокии баланди он ва эмин нигоҳ доштани майдонҳои кишт, боғоту токзорҳо Пешвои миллат ба сохторҳои марбут дастуру супоришҳо медиҳанд.

Академияи кишоварзӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар саҳми босазо гузошта, ҷиҳати рушди инноватсия, амалӣ гаштани барномаҳои байналмилалӣ ва лоиҳаҳои коркардшаванда дар доираи омӯзиши усулҳои муосири селексия, технологияи парвариши зироат ва чорво, бунёди боғҳои интенсивӣ, усулҳои мубориза бо касаливу зарарасонҳои зироату чорво бо истифода аз Фонди Президентии таҳқиқоти бунёдӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштанд.

Истифодаи оқилона ва илман асосноки табиати бойи Тоҷикистонро қайд намуда, Президенти мамлакат дарҷ намуданд, ки геология ва минералогия аз ҷумлаи илмҳоеанд, ки рушди онҳоро худи табиати Тоҷикистон тақозо мекунад ва дар ин самт барои таҳқиқот ва кашфиёту навоварӣ заминаи мусоид вуҷуд дорад. Соҳибкорони ватанӣ ҳар сол барои ба кишвар овардани сангҳои табиии ороишӣ беш аз 20 миллион доллар сарф мекунанд ва рушди соҳаҳои илми болозикр имконият медиҳад, ки минбаъд истеҳсоли чунин сангҳо дар дохили кишвар ба роҳ монда шавад.

Роҳҳои рушди илм ва беҳтар кардани сифати таҳқиқотҳои илмӣ аз тарафи Сарвари Давлат дақиқ, одӣ ва равшан баён гардиданд ва бо додани мақоми «миллӣ» ба Академияи илмҳо, он муаррифгари илми тоҷик дар арсаи байналмилалӣ мегардад.

Ҳавасмандгардонии олимону таҳқиқотчиёни илмӣ, аз қабили бознигарӣ кардани андозаи маоши вазифавии кормандони Академияи миллии илмҳо, таъсис додани мукофоти давлатӣ барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва дақиқу риёзӣ ва ҳар сол сарфароз гардонидани 15 нафари онҳо бо ин мукофот, дастгирии ҳаматарафаи муаллимон ва омӯзгорони ҷавон, ки шогирдонашон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷойҳои сазоворро ишғол менамоянд ва дастовардҳои илмиву педагогӣ доранд, омилҳое ҳастанд, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар натиҷаи таҳлилҳои воқеӣ ва дурандешона пешниҳод шуданд.

Ҳамчунин, таъсиси Шӯрои илм, маориф ва инноватсия дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санҷиши фаъолияти пажӯҳишгоҳҳову марказҳои илмӣ ва омӯзиши вазъи кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои пешрафт ва тараққиёти илму маориф мусоидат мекунад.

Таъсиси шабакаи телевизонии «Илм ва табиат» яке аз сарчашмаҳои муҳими рушди илм дар Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳангоми ба фаъолият шурӯъ намудани он, ҷавонону наврасон ва умуман мардуми Тоҷикистон аз навовариҳо дар илм бархурдор гардида, ҳамзамон ба боло рафтани маънавиёт мусоидат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки Президенти мамлакат дар суханронии худ ба забони илм низ диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, пешниҳод

намуданд, ки ба рисолаҳое, ки бо забони тоҷикӣ, яъне бо забони давлатӣ таълиф мешаванд, афзалият дода шавад. Дар баробари ин, барои равнақи илми тоҷик донистани дигар забонҳоро барои олимону донишмандон зарур шумориданд.

Манзалати забони тоҷикӣ дар сиёсати Сарвари давлат мавқеи муайянкунандагӣ дорад. Он ҳамчун ҳувияти миллӣ, омили аслии расидан ба истиқлолияти давлатӣ, пояи асосии хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ эълон гаштааст[54].

Бо мақсади ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва беҳтар кардани сифати таҳқиқоти илмӣ дар ҳамаи институту марказҳои илмии академӣ, Пешвои муаззами миллат доир ба ҳалли саривақтии чунин мушкилоти зикргардида ва роҳнамоӣ барои рушди ояндаи илм таклифу пешниҳодоти мушаххас дар доираи чордаҳ банд манзур намуданд:

**Якум**. Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ ва қисми илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки бо дарназардошти дурнамои рушди илми ватанӣ ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мавзӯъҳои фармоиширо бори дигар таҷдиди назар карда, сохторҳои худро ба шароити муосир мутобиқ гардонанд.

**Дуюм**. Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва бахшҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тартиби муосири «маблағгузории барномавӣ», «маблағгузории дархости давлатӣ» ва «маблағгузорӣ бо роҳи ҷалби сармояи хориҷӣ» - ро ҷорӣ намоянд.

**Сеюм**. Муассисаҳои таҳқиқотии ҳамаи сохторҳои илмӣ ҷиҳати дар истеҳсолот ҷорӣ шудани ихтирооти худ бо ниҳодҳои давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорон ва саноатчиён ҳамкориро ба роҳ монда, ба ин корхонаву ширкатҳо барои маблағгузорӣ кардан ҷиҳати амалӣ гардидани дархостҳои илмиашон пешниҳод манзур намоянд.

**Чорум**. Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таҷдиди сохтори Академияи илмҳои кишоварзӣ чораҷӯӣ карда, дар муддати як моҳ пешниҳодоти худро ба Роҳбари давлат манзур намояд.

**Панҷум**. Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, энергетика ва

[54] С. Ятимов. Ҳамон ҷо. – С. 83

захираҳои об, корхонаҳои саноатӣ, сарфи назар аз шакли ташкиливу ҳуқуқӣ ва моликияташон, соҳибкорони истеҳсолӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастовардҳои олимони тоҷик чораҷӯӣ карда, аз натиҷаааш ҳар шаш моҳ ба Шӯрои илм, маориф ва инноватисияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳангоми арзёбии вазъи бахши воқеии иқтисоди миллӣ нишондиҳандаи аз тарафи истеҳсолкунандагони ватанӣ истифода гардидани дастовардҳои илмии олимони тоҷикро ҳамчун индекси дастовардҳои инноватсионии дар амалия истифодашуда таҳия ва ҷорӣ карда, аз натиҷаи он ҳамасола ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намояд.

**Шашум**. Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо маблағгузории Фонди президентии таҳқиқоти бунёдиро аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба андозаи 3 фоиз аз ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба соҳаи илм таъмин намоянд.

Академияи илмҳоро зарур аст, ки низоми маблағгузории мавзӯъҳои илмиро таҷдиди назар карда, маблағҳоро ба ҳалли масъалаҳое равона намояд, ки барои иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат воқеан аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

**Ҳафтум**. Ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми миллӣ дода шуда, минбаъд он Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон номгузорӣ карда шавад.

Дар робита ба ин, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон вазифадор карда мешавад, ки дар муҳлати се моҳ сохтори худро пурра таҷдид карда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро вобаста ба мақоми миллӣ гирифтани Академияи илмҳо таҳия ва бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

**Ҳаштум**. Ба Ҳукумати мамлакат ва Вазорати молия супориш дода мешавад, ки бо мақсади дастгирии олимон ва рушди илм баъди таҷдиди пурраи сохтори Академияи илмҳо дар хусуси то охири соли ҷорӣ бознигарӣ кардани андозаи маоши вазифавии кормандони Академияи миллии илмҳо чораҷӯӣ кунанд.

**Нуҳум**. Бо мақсади баррасии доимии вазъи воқеии илму маориф, ҷараёни иҷро ва мониторинги барномаҳои соҳавӣ ва татбиқи навовариҳои илми ватанӣ дар амалия пешниҳод мегардад, ки дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои илм, маориф ва инноватсия таъсис дода шавад.

Шӯро бояд дар як сол на кам аз ду маротиба даъват гардида, дар он масъалаҳои мубрами соҳаи илму маориф мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

**Даҳум**. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисону коршиносон комиссияи босалоҳият таъсис дода, фаъолияти панҷ соли охири тамоми пажӯҳишгоҳҳо ва марказҳои илмиро санҷида, аз натиҷааш ба Роҳбари давлат гузориш пешниҳод намояд.

Дастгоҳи иҷроияи Президент, инчунин, комиссияи махсус таъсис дода, вазъи кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва шуъбаҳои институтҳои илмии соҳаҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро омӯхта, устодону кормандони онҳоро аз аттестатсия гузаронад ва аз натиҷааш ба Президенти кишвар гузориш диҳад.

Ба Дастгоҳи иҷроияи Президент супориш дода мешавад, ки аз ҳисоби кормандони Дастгоҳи иҷроия, вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ гурӯҳи муштарак таъсис дода, вазъи кабинетҳои фаннии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, озмоишгоҳҳо ва марказҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои академияҳоро дар муддати чор моҳ омӯхта, ба Президенти мамлакат маълумоти муфассал пешниҳод намояд.

**Ёздаҳум**. Ҳукумати мамлакат барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва дақиқу риёзӣ мукофоти махсуси давлатӣ таъсис диҳад ва ҳар сол 15 нафар бо ин мукофот сарфароз гардонида шавад.

**Дувоздаҳум**. Роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» муаллимон ва омӯзгорони

ҷавонеро, ки шогирдонашон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷойҳои сазоворро ишғол менамоянд, инчунин, дастовардҳои илмиву педагогӣ доранд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирии ҳаматарафа ва ҳавасманд гардонанд.

**Сездаҳум**. Хонандагоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо стипендияи Президентӣ хатм мекунанд, ба ихтисосҳои табиӣ, дақиқ ва риёзии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бе супоридани имтиҳон дар Маркази миллии тестӣ қабул карда шаванд.

**Чордаҳум**. Кумитаи телевизион ва радио вазифадор карда мешавад, ки дар муддати шаш моҳ шабакаи нави телевизиониро бо номи «Илм ва табиат» таъсис диҳад ва дар ин шабака ва шабакаи «Баҳористон» таълими фанҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ, техникӣ ва технологиро ба роҳ монда, бо ин мақсад омӯзгорони ботаҷриба ва донишмандони соҳаро ҷалб намояд ва дар барномаҳоиҳаррӯзаи ин шабакаҳо дастовардҳои илми ватанию ҷаҳонӣ ва ихтирооти инноватсиониро муаррифӣ созад[55].

Вобаста ба масъалаҳои зикргардида, Сарвари давлат ба таври мушаххас ба муассисаҳои илмӣ, вазорату идораҳои марбута дастуру супоришҳои судманд, ҷиҳати ислоҳи саривақтӣ ва дурнамои рушди соҳаи илми кишвар, манзур намуданд. Албатта, таклифу пешниҳодот, ки аз ҷониби Пешвои муаззами миллат ироа гардиданд, омили калидии мушкилоти соҳа буда, сохторҳои марбута ва умуман аҳли зиёи кишварро водор месозад, ки тамоми нерӯи зеҳнии хешро баҳри такомули илми тоҷик равона созанд.

Пешвои миллат дар баромади худ се омилҳои таконбахши рушди илму донишро дар ҷумҳурӣ воқеъбинона қайд намуданд:

**Якум**, қадр кардани истеъдоди фитрӣ. Албатта дастгирӣ намудани истеъдоди фитрӣ, ки ба ҳар як шахс дар сатҳи гуногун хос аст имконият медиҳад, ки фард нерӯи мавҷудаи худро ҷиҳати рушди илм ва ҷомеа ба пуррагӣ истифода намояд. Қадр кардани истеъдоди фитрӣ метавонад чеҳраҳои навро дар майдони илм тавлид намояд.

---

[55] Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар. Ҷумхурият. 19.03.2020 №: 57

**Дуюм**, муҳайё намудани рақобати солим ва озоди илмӣ. Рақобати солим ва озоди илмӣ дар соҳаи илм як ҷузъи муҳим буда, маҳз дар натиҷаи баҳси илмӣ ҳақиқати кул метавонад ба вуҷуд ояд.

**Сеюм**, мавҷуд будани принсипҳои масъулиятшиносиву поквиҷдонӣ. Принсипҳои мазкур яке аз омилҳои муҳими рушди ҳаёти ҷомеа буда, он бояд барои ҳар як муҳаққиқ сарчашмаи асосии фаъолияти илмияш бошад. Зеро, ҳар як шахс, пеш аз ҳама, зиёиён дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъулияти худро дарк намуда, ҷиҳати беолоиш ҳифз намудан, нигоҳ доштан ва боқи гузоштани мероси илмӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Илова бар он, се омилҳоеро, ки боиси зараровари субъективӣ мегарданд, баён намуданд:

**Якум**, эътироф нашудани истеъдоди асил. Эътироф нашудани истеъдоди асил дар ҳаёти илмӣ бухрони ақлониро бавуҷуд оварда, ҷиҳати аз байн бурдани истеъдодҳои нав сабаб мегардад.

**Дуюм**, худбоварии мутлақ ва нашинохтани иштибоҳи худ. Худбоварӣ ва нашинохтани иштибоҳи худ ин заволи илм аст. Илм дар ҷое ҷой дорад, ки он ҷо баҳс мавҷуд аст. Танҳо дар натиҷаи баҳс, бо тамкин қабул намудани фикру андешаи мухталиф, эътироф намудани иштибоҳ ва ислоҳ намудани он як қадами муҳим дар роҳи рушди илм мебошад.

**Сеюм**, ворид шудани ғараз дар илм ва муносибатҳои илмӣ. Чунин омил бадбиниву надоват ва ихтилофотро байни донишмандон ба вуҷуд оварда, метавонад дар илм нуктаҳои бе асос ва иштибоҳро ба вуҷуд орад. Он барои рушди илм як зарбаи манфӣ мегузорад.

Дар ин ҷода, Пешвои миллат боз таъкид намуданд, ки ба ибораи дигар, рақобати озод, таъкиди беғаразона ва бо муҳаббат ба кори эҷодӣ машғул шудан, ҷавҳари илми асил мебошад. Ҳамчунин андеша ва афкори мо бояд аз танқид натарсад.

Дуруст мебуд агар ин омилҳо аз ҷониби нафароне, киояндаи худро ба илм мебахшанд, дар воқеъ олиму донишманд шудан мехоҳанд, ботинан, дар қалби худ ҷойгир намуда, дар фаъолияти илмии худ риоя намоянд ва муҳимтар аз он шиори худ донанд.

Риояи омилҳои болозикр ва қабули «Стратегияи миллии рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2021-2030» ва

«Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бешак барои рушд ва ривоҷу равнақи илми тоҷик саҳми босазо мегузоранд.

Ҳар як мулоқоту вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиён, намояндагони илму фарҳанг, таъриху адабиёт, соҳаи саноату иқтисодиёт, сохторҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ далели ғамхорӣ нисбати тақдири давлату миллат ва сокинони Тоҷикистон мебошад.

## Хулоса

Аз таҳлилҳо чунин хулоса намудан зарур аст, ки илм маҷмӯи донишҳои инсон доир ба табиат, ҷамъият ва тафаккур мебошад.

Тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунофар, дар тӯли мавҷудияти хеш тавонистаанд, ки чеҳраҳои тобони илм ва фарҳанги ҷаҳониро тарбият намуда, марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, фарҳангистонҳо, китобхонаҳои бузург ва ҳавзаҳои фарҳангии хешро бунёд намоянд.

Ҳадафи ягонаи илм аз замони қадим то ба имрӯз дар амал татбиқ намудан ва ба низом овардани донишҳои воқеан ҳақиқӣ мебошад.

Давлату Ҳукумат, алалхусус, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, соҳаи илмро ҳамчун самти афзалиятноки ҷомеа ва давлат муайян намуда, баҳри тадбиқи амалии вазифаҳои асосие, ки дар назди илм гузошта шудаанд, чораҳои мушаххас андешида шуда, дастовардҳои назаррас низ дар ин самт ба даст омадаанд.

Қабули барнома ва стратегияҳои давлатӣ, санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, таъсис намудани марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, академияҳои соҳавӣ ва рушди иқтидори илмии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман таҳлилу баррасии имкониятҳои рақобатпазирии соҳаи илм дар кишвар низ маҳз ба самти тадбиқи талаботи ҳадафҳои илм, равона гардидаанд.

Инчунин, рушди соҳаи маориф, тарбияи кадрҳои илмӣ, тақвияти ҳисси ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои милливу умумибашарӣ, тақвияти тафаккури ҷомеа, дар самти дарки моҳияти равандҳои муосир, шинохти воқеияти дину мазҳаб ва муқовимат бо идеологияҳои

терроristиву ифротгароӣ, берун кашидани тафаккури ҷомеа аз таҳдиди таассуб ва хурофот, дар ин замина муаррифӣ намудани дастовардҳои Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, саҳми Тоҷикистон дар ҳалли проблемаҳои экологии сайёра ва дигар омилҳои муҳими марбут ба рушди илм, аз чунин масоиле мебошанд, ки бо мақсади тадбиқи амалии ҳадафҳои соҳаи илм равона гардидаанд.

Ҳамзамон, муҳимтарин масъалае, ки барои такон додани рушди илму маориф ва қобилияти зеҳнии кишвар мусоидат менамояд, мулоқоту вохӯриҳои анъанавии Пешвои муаззами миллат бо олимону донишмандон ва умуман аҳли зиёи кишвар мебошад.

Мулоқоти навбатии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо олимони кишвар, ки санаи 18 марти соли 2020 ироа гардид, далели равшани таваҷҷуҳи Пешвои муаззами миллат ба соҳаи илм мебошад.

Воқеан, дар вохӯрии мазкур тамоми паҳлуҳои соҳаи илми кишвар, алалхусус илмҳои бунёдӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, дурнамои рушди соҳаи илми кишвар, вобаста ба рақобатбазирии он дар раванди рушди босурати илм ва иноватсия муайян гардиданд.

Муҳимтарин масъалае, ки дар вохӯрии мазкур баррасӣ гардид, муайян гардидани мақоми илм, баланд бардоштани нақши устувори илм дар ҷомеа алалхусус, мақоми миллиро соҳиб гардидани Академияи илмҳои кишвар мебошад. Албатта, дар вохӯрии зикргардида, фаъолити акдемияҳои соҳавӣ низ мавриди таҳлил қарор дода шуда, зарурати мавҷудият ва мавқеи онҳо дар раванди ҳамоҳангии илм ва истеҳсолот таҳлил гардида, дурнамои фаъолияти онҳо тарҳрезӣ гардид.

Муҳимтарин масъалае, ки дар замони рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, хосатан рушди илм, ҳамчун масъалаи мубрам маҳсуб меёбад, тақвияти тафаккури техникӣ, рӯй овардани ҷавонон ба илмҳои табиатшиносиву дақиқ ва риёзӣ мебошад. Масъалаи мазкур ҳамчун омили калидӣ дар раванди эълон гардидани солҳои 2020-2040, ҳамчун бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ҳисоб меёбад. Зеро маҳз илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, ва риёзӣ муҳимтарин рукни ҷаҳонбинии дунявӣ ва муассиртарин воситаи тарбияи шахсияти соҳибназар арзёбӣ мешаванд.

Паҳлӯи дигари вохӯрии Пешвои муаззами миллатро бо олимони кишвар, ки ҳамчун барномаи муайянсозандаи дурнамои рушди соҳаи илм ва фаъолияти инфиродии ҳар як олим ҳисоб меёбад, робитаи илм бо истеҳсолот ва омода намудани кадрҳои ҷавобгӯи талаботи замони муосир ташкил менамояд. Зеро, дар вохӯрии мазкур ба таври маҷмӯӣ мавқеъ ва иқтидори фаъолияти муассисаҳои илмии кишвар, дар робита бо талаботи имрӯзи ҷомеа, таҳлилу баррасӣ гардида, дурнамои рушди онҳо муайян карда шуд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳама он дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, ки дар вохӯрии мазкур ба олимони кишвар ироа гардиданд, аз ҷониби олимону донишмандон ва аҳли зиёи кишвар хуб пазируфта шуда, барои татбиқи амалии чунин ҳидоятҳо камари ҳиммат баста шудааст.

Рӯйхати адабиёт


1. Абу Маҳмуд Ҳомид ибни ал-Хизр-ал-Хуҷандӣ / Донишномаи озод. Сурогаи электронӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Абу_Махмуд_аль-Ходжанди.
2. Абӯабдулло Рӯдакӣ. Ашъор.- Душанбе: 2003 с.
3. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Мӯсо Ал-Хоразмӣ / Донишномаи озод. Сурогаи электронӣ: https:// tg.wikipedia.org /wiki/ Муҳаммад_ибни_Мӯсои_Хоразмӣ.
4. Абул Афсор Алӣ Муҳаммади Балхӣ. Шуарои Балх. Балх, 1413 ҳиҷрии қамарӣ.
5. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома ҷилди I.- Душанбе, 2007 с.
6. Абунасри Форобӣ. Адиби бузурги асри IX. Маориф ва маданият. 1972-16 ноябр.
7. Азимов Шукур. Государство и право Саманидов. -Душанбе. «Ирфон», 1999 с.
8. Аҳадова М.А. Книги знания Ибн Сины. 1964 г.
9. Гегель Г.В.Ф. Энциклопедия философских наук. Т.3. – М.: Мысль, 1977.
10. Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе. 1985.
11. Закариёи Розӣ. Мунтахаби асар. Душанбе: Адиб. 1989 с.
12. Кант И. Трактаты и письма. –М. Наука, 1980.
13. Комилов Д.Р., Забиров Ҷ.Х. Шинохти ифротгароӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ. Душанбе. 2020 с.

14. Матвеевская Г.П. Учение о числе на средневековом, ближнем, среднем Востоке. Ташкент, 1967 г.
15. Мирбобоев Р. ва дигарон. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. Маориф, 2016 с.
16. Муҳаммадиқболи Садриддин. Суханварони Балх. Душанбе, 2010 с.
17. Мухторов М., Раҳматуллоев А. Таърихи халқи тоҷик. Ҷилди I. М. 2002 с.
18. Назариев Р.З., Самиев Б.Ҷ. Фалсафаи илм. Душанбе, 2015 с.
19. Ниҳонӣ. Парчами нанг. Душанбе, ЭР-граф, 2018 с.
20. Олимов К., Султонов У. Таърихи фалсафаи исломӣ. Қисми аввал. Хуҷанд, 2018 с.
21. Рожанская М.М. О реконструкции польного текста трактата Ал Беруни об удельных весах. Историко-астрономические исследования №7.
22. Садриддин Айнӣ / Донишномаи озод. Суроғаи электронӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/Садриддин_Айнӣ
23. Тафсири Паёмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ Моҳият ва самтҳои асосии он аз 26.12.2019. Душанбе, «Ирфон», 2020 с.
24. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Душанбе, 2007 с.
25. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Душанбе, 2001 с.
26. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Душанбе. 2008 с.
27. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе «ЭР-граф», 2016 с.
28. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе. 2008 с.
29. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди шашум. – Душанбе: «Ирфон», 2006 с.
30. Ятимов С.С. Унсурмаолии Кайковус дар бораи хирад. Душанбе. 2015 с.
31. Паеми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 // Суроғаи электронӣ: http://www.president.tj/node/21975
32. Садои мардум. №48 (4154) 16.04.2020. Устод Айнӣ намунаи зиндаи адабиёти тоҷик буданд.

33. Ҷумҳурият аз 19.03.2020 №:57 Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар.
34. Заслуга Садриддина Айни в становлении нового государства таджиков / Народная газета. Суроғаи электронӣ: http: //www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=11203:2020-04-23-04.
35. Илм / Донишномаи озод. Суроғаи электронӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/.
36. Таълиму тарбия дар давраи ғуломдорӣ (дар давлатҳои Бохтар, Порт, Ҳахоманишҳо, Ашкониён ва Сосониён) / Суроғаи электронӣ: https://www.maorif.tj/tarih/talimu-tarbiya-dar-davrai-ulomdor-dar-davlatoi-bohtar-port-ahomanisho-ashkoniyon-va-sosoniyon.

**Саидов Нуралӣ Шамсович**
*Номзади илми фалсафа*
*Котиби ҳамоҳангсози Шӯрои ҷамъиятии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ТАҶРИБАИ БУНЁДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ХУСУСИЯТҲО ВА ДУРНАМОИ РУШД

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муносибати давлат нисбати ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба воситаи Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим мегардад, мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рукнҳои асосии он, хусусиятҳои хоси ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нерӯи муттаҳидкунандаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва накши он дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақоми Шӯрои ҷамъиятӣ ҳамчун шакли ҳамкории сиёсию иҷтимоӣ миёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолияти ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ дар Тоҷикистон инчунин самтҳои асосии фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ дар марҳалаи ҳозира ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил ва ҷузъи таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ, инчунин узви комилҳуқуқи созмонҳои бонуфузтарини байналмилалӣ ва минтақавӣ ҷойгоҳи сазовори худро пайдо карда, аксари уҳдадориҳои паймонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ зикр гардидаанд, риоя ва бо масъулият иҷро мекунад.

Тоҷикистон дар замони истиқлолияти давлатӣ дар самти демократӣ кардани ҷомеа, такомули арзишҳои демократӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва густариши озодиҳои инсону шаҳрванд, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии кишвар бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ба як силсила комёбиҳои назаррас ноил гардид.

Инчунин, дар кишвар қонунгузории соҳавӣ тадриҷан такмил ёфта, Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуда, фаъолияти пурсамар доранд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити муосир унсури муҳими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати фароҳам овардани заминаҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои асосии инсону шаҳрванд нақши босазо дорад.

Дар маҷмӯъ, бо татбиқи сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар аркони истиқлол сол ба сол қавитар гардида, нуфуз ва манзалати миллати тоҷик ва давлати тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ торафт боло меравад.

Мавзӯе, ки мехоҳем матраҳ созем, масъалаи таҷрибаи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ва дурнамои рушди он дар Тоҷикистон мебошад.

Бояд гуфт, ки муносибатҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ умуман мураккаб буда, дар баъзе мавридҳо ҳатто дорои хусусияти пуртазод низ ҳастанд. Давлат дорои тавоноии бузурги моддиву молӣ ва низоми муташаккилу идораи ҷомеа буда, манфиатҳои умумии ҷомеаро ифода менамояд ва дар навбати худ масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиро ба созиш меоварад.

Дар маҷмӯъ, ҳамкорӣ миёни давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба манфиати ҷомеа, давлат ва шаҳрвандони тамоми кишвар мебошад, ки бо қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад. Фароҳам сохтани шароити мусоид ба шаҳрвандон барои ширкат дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва ташаккули ҷаҳонбинии солим, ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ, баррасӣ ва арзёбии муҳимтарин барномаҳои давлатии инкишоф дар ҷараёни таҳия ва татбиқи онҳо, иштироки бевосита дар барномаҳои иҷтимоии давлат, ки ба инкишофи устувори ҷомеа нигаронида шудаанд, аз ҷумлаи чунин ҳамкориҳо буда метавонанд.

Санади олии ҳуқуқии давлат – Конститутсия мебошад, ки дар он масъалаи муносибати давлат нисбат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ мушаххас гардида, барои таъсис, танзим ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ замина гузошта, механизми ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатиро бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин менамояд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти аркони асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ равшану возеҳ дарҷ гардидааст.[1]

Унсури аввалин ва умдаи ҷомеаи шаҳрвандӣ — дастрасии халқ ба ҳокимияти давлатӣ мебошад. Моддаи 6-и Конститутсия халқи Тоҷикистонро соҳибихтиёр ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон намуда, таҳкурсии ҷомеаи озоди худрушдкунандаро дар шаклгирии ҳокимияти давлатӣ гузоштааст.

Рукни дуюми ҷомеаи шарҳвандӣ — инсони озод ва ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд аст, ки моддаи 5-и Конститутсия ба сифати арзиши олӣ эътироф намуда, дар моддаи 14 мақсаду мазмуни қонунҳо ва фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатиро дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон инъикос гардидааст.

Ва ниҳоят, рукни сеюми ҷомеаи шаҳрвандӣ гуногунандешии сиёсӣ ва таъмини фазои озоди мафкуравӣ мебошад, ки дар моддаи 8 инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ баён шудааст.[2]

Илова ба ин, давлати Тоҷикистон барои бемамониат фаъолият намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ қонунҳои конститутсионӣ, аз ҷумла «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» «Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд»-ро қабул кард.

Ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ феълан дар ҷомеа мавриди амал қарор доранд, ки барои озодона ва дар асосҳои демократӣ

фаъолият намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар имкониятҳои васеи ҳуқуқӣ ва амалиро фароҳам овардаанд.

Раванди пайдоиш, шаклгирӣ ва таҳаввули ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле мураккаб, доманадор, гуногунҷабҳа ва тӯлонӣ буда, ба шароити сиёсию иқтисодӣ, ақлию рӯҳӣ ва ахлоқии одамон, инчунин ба суннатҳои устувори таърихию фарҳангии ҳар як халқу миллат вобаста ба хосиятҳои миллияшон фарққунанда мебошад.

Ҳар як халқу миллат ва давлат дар ҷомеаи инсонӣ ҷоеро ишғол намуда, сохти сиёсию иҷтимоиро мепазирад, ки он ба хусусиятҳои миллиаш мутобиқат дошта бошад. Бинобар ин, бунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ масъалае мебошад, ки барои Тоҷикистони муосир аҳамияти хос дорад.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таърихи пайдоиши Шӯрои ҷамъиятӣ – ҳамчун ниҳоди муттаҳидкунандаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити ташаккули равандҳои мураккаби сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар, танзимкунандаи муносибати давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккулдиҳандаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хусусиятҳои хоси миллии худро дорад

Раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он асосан ба давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон рост меояд. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид суханоне доранд, ки чунин аст: «Ҷомеаи шаҳрвандӣ зодаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ мебошад ва дар навбати худ ҳар қадаре, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф ёбад, давлати демократӣ ҳам ба ҳамон андоза пеш меравад”[3]

Бояд гуфт, ки масъалаи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ пайваста дар зери таваҷҷуҳи Роҳбари давлат қарор дошта, ҳанӯз соли 2002 зимни суханронияшон дар ҷаласаи Шӯрои ҷамъиятӣ масъалаҳои марбут ба мафуми «ҷомеаи шаҳрванди»-ро ба таври мукаммал тавзеҳ доданд.

«Ҷомеаи шаҳрвандӣ” ин иттиҳоди фардҳои соҳибистиқлолу озодандеш мебошад, ки ҳуқуққои муайян доранд ва ин ҳуқуқҳояшонро ҳифз карда метавонанд. Шартҳои мавҷудияти ин ҷомеа чандон зиёд нестанд:

Якум, моликияти хусусӣ, ҳамчун кафолати амалӣ гардидани озодии иқтисодӣ ва умуман, ҳамчун асоси озодӣ ва мустақилияти инсон.

Дуюм, демократияи сиёсӣ, ҳамчун амали татбиқи озодии сиёсӣ.

Сеюм, навъи муайяни маданият, ки онро баъзан маданияти демократӣ ҳам меноманд ва он дар заминаи эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои на танҳо худ, балки дигар одамон низ ба вуҷуд меояд.

Чорум, оромӣ ва субот дар ҷомеа ҳамчун асоси татбиқи ҳамаи шарт ва омилҳои дигар.[4]

Бояд гуфт, ки созмон додани Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози саҳифаи тозае дар роҳи ба вуҷуд овардан ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол аст.

Меҳвари фаъолияти серпаҳлӯи Шӯрои ҷамъиятиро, пеш аз ҳама намояндагӣ аз ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил медиҳад. Муҳимтарин хусусиятҳои миллии Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборатанд:

Дар кишварҳои ҷаҳони муосир фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро Конститусия ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим медароранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба ғайр аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (Конститусия, Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ва ғ.), бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкилоти алоҳидае бо номи Шӯрои ҷамъиятӣ созмон дода шудааст, ки ҳадафи он ташаккули ҷомеаи одилона ва озодии шаҳрвандӣ дар кишвар ва мусоидат ба таҳкими истиқлолият рушди давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Хусусияти хоси дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар аз он иборат аст, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсӣ дар ҷумҳурӣ” (1 декабри соли 1999, №2) дар вилоятҳо ва

шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шӯроҳои ҷамъиятӣ таъсис гардиданд ва айни замон бомуваффақият фаъолият доранд. Ин Фармон санади муҳими ҳуқуқие мебошад, ки фаъолияти шӯроҳои ҷамъиятиро дар сатҳи маҳалҳо ба танзим медарорад.[5]

Тибқи нақшаи корӣ ҳамасола Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи сайёр якҷо бо шӯроҳои ҷамъиятии ВМКБ, Суғд, Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар масъалаҳои мубрами рӯз мегузаронад. Ин ҷаласаҳо ба мо имкон медиҳад, ки оид ба масъалаҳои мавҷуда, фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ ва қишрҳои гуногуни ҷомеа дар сатҳи маҳал шинос шавем ва онро ба роҳбарият пешниҳод намоем.

Ин хусусиятҳои вижа ва фарқкунандаи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар сохторҳо ба монанди ин ташкилот дар ҷомеаи ҷаҳони муосир мебошад.

Тибқи Низомнома Шӯрои ҷамъиятӣ шакли ҳамкории сиёсию иҷтимоӣ миёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки барои муколамаи доимии қувваҳои гуногуни сиёсии ҷамъиятӣ, баҳри ба даст овардани тавозуни манфиату ақидаҳо, таъмини гуногунандешии ғоявӣ ва бисёрҳизбӣ, рушди тафаккури нав, ошкорбаёнӣ, маданияти баҳсу мунозира ва ташаккули фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқӣ шароити мусоидро фарҳам меоварад.[6]

Масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаро ба рӯзномаи кори Шӯрои ҷамъиятӣ ворид карда, онҳоро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода ва барои ҳаллу фасли мушкилоти мавҷудаи ҷомеа, диду нигоҳ ва пешниҳодҳои мушаххаси ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ – ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ, иттиҳодияву иттифоқҳо ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ташкилотҳои аъзои Шӯрои ҷамъиятиро ба Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол медорем.

Аз ҷумла, дар доираи «Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” то имрӯз дар шаҳри Душанбе ва як қатор шаҳру ноҳияҳо вобаста ба рушди саноатикунонии минтақаҳо бо ҷалби

мутахассисони соҳавӣ ҷаласаҳо баргузор кардем ва самтҳои рушди онҳоро нишон додем.

Падидаи наве, ки солҳои охир дар фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ намуд, мониторинги ҷараёни иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат бармеоянд. Бо ин мақсад дар сохтори Шӯрои ҷамъиятӣ комиссияи босалоҳият аз ҳисоби аъзои Шӯро таъсис ёфтааст. Комиссияи мазкур вазъи иҷрои дастуру супоришҳоеро, ки аз паёмҳои Роҳбари давлат бармеоянд, таҳлил менамояд ва аз номи Шӯро пешниҳодҳои мушаххасро ба Президенти кишвар манзур месозад.

Дар баробари ин, тарғиби ҳамаҷонибаи моҳият ва аҳамияти ташаббуси нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028" аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, рӯзноманигорон, кормандони шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои дигари ахбори оммаи ғайриҳукуматӣ, дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ба роҳ мемонад.

Мавзӯи «Нақши интихобот дар таҳким ва густариши демократия дар Тоҷикистони соҳибистиқлол" дар рӯзномаи Шӯрои ҷамъиятӣ яке аз корҳои доимӣ ба ҳисоб рафта, дар мавориди зарурӣ бо ниҳодҳои дигари ҷамъиятӣ ва давлатӣ гузоришҳо таҳия мекунад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар баробари ниҳодҳои давлатӣ дар раванди амалисозии чор ҳадафи стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар иштирок ва саҳм мегузоранд.

Тарғиби арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ҳифзи сулҳу субот, таъмини амнияти давлатӣ, ташвиқи Ваҳдати миллӣ ва Ризоияти ҷомеа, бахусус дар байни наврасону ҷавонон ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо яке аз самтҳои асосии фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ мебошад ва дар ин самт корҳои зиёдеро анҷом додааст.

Ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ ҷиҳати пешгирии экстремизм ва терроризм ва эмин нигоҳ доштани аҳли ҷомеа,

бахусус ҷавонон аз таъсири ҳар гуна ҳаракату равияҳои тундраву бегона аз ҷумлаи корҳои муҳими Шӯрои ҷамъиятӣ мебошад. Дар ин замина, ниҳоди мо ҳамчун нерӯи муттаҳидкунандаи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар бо мақсади таъмини волоияти қонун, ҳифзи манфиатҳои давлат, гирифтани пеши роҳи қочоқи моводи мухаддир ва нашъамандӣ, паст кардани шиддати ҷинояткорӣ дар кишвар як силсила корҳои муайянро ба анҷом расонидааст.

Ҳамкории ҳарчи бештари Шӯрои ҷамъиятӣ бо сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷиҳати паст кардани сатҳи коррупсия ва ташвиқи пешгирии он дар ҷомеа, инчунин ҳидояти шаҳрвандон, бахусус ҷавонон ба арзишҳои миллӣ, аз қабили шукру қаноатпешагӣ ва ҳалолкориву меҳнатдӯстӣ идома меёбад.

Шӯрои ҷамъиятӣ якҷо бо дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тарғибу ташвиқи нақши ҷавонон ва занон дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми шоиста дорад. Дар доираи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рушди соҳаи сайёҳии кишвар ва муаррифии арзандаи Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ширкатҳои сайёҳӣ корҳои таблиғотиро ба роҳ мондааст.

Дар заминаи мубориза бар зидди воридшавии унсурҳои бегона ба фарҳанги миллии тоҷикон, хурофоту иртиҷоъпарастӣ ва тақлид ба расму оинҳои бегона дар асоси дастуру супоришҳои Роҳбари давлат бо ҷалби мутахсасисони соҳавӣ семинару мизҳои мудаввар баргузор менамояд.

Инчунин, масъалаҳои соҳибкасб кардани аҳолӣ, ихтисосу ҳунарҳои нав, рушди соҳибкории хурду миёна, паст намудани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври мунтазам дар ҷаласаҳои Шӯрои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд ва муҳтавои ҷаласаҳо, маърӯзаҳои коршиносон дар Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп мерасад.

Баррасии лоиҳаҳои стратегияҳо, барномаҳо ва қонунҳои нав самти дигари фаъолияти Шӯрои ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, тибқи нақшаи кори Шӯрои ҷамъиятӣ дар давоми соли

ҷорӣ дар ҷаласаҳои Шӯро лоиҳаҳои зерин мавриди баррасии ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор медиҳем:

– Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм”;

– «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (барои солҳои 2020-2040) ҳамчун омили муҳими тавсеаи тафаккури техникии насли наврас дар кишвар;

– Лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030” .

Оид ба масъалаи дурнамои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон пешниҳод мегардад, ки ба Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти «назорати ҷамъиятӣ” дода шавад. Бо ин мақсад зарур мешуморем, ки қонуни махсус «Дар бораи асосҳои назорати ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон” қабул карда шавад ва Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор карда шавад, ки ҳар сол ахбороти таҳлилиро «Оид ба вазъи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон” омода ва ба роҳбарият пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷомеаи Тоҷикистон таҳкурсии боэътимод, мустаҳкаму устувор ва асосҳои ҳуқуқии бунёду ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шудааст, ки дар айни замон ниҳодҳои он дар ҳолати рушд ва инкишоф қарор доранд.

Илова бар ин, дар кишвар бо ибтикори Пешвои миллат созмони алоҳидае бо номи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардидааст, ки мақсади асосии он ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар буда, зиёда аз 23 сол аст, ки дар ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Ин аст, ки таъсис, шаклгирӣ ва таҳаввули ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, заминаҳои устувори мустаҳкаму пуриқтидори ҳуқуқии он дар Конститутсия ва дигар қонунҳои

кишвар танзим мегардад ва барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар тамоми шароити заруриро фароҳам меоварад.

Адабиёт

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ Душанбе “Нашриёти Ганҷ” 2016, 135 с.

2. Рустам Шоҳмурод Конституция ва ҷомеаи шаҳрвадӣ Рузномаи “Ҷумҳурият” 28.10.2016 №: 215 (26669) [захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: //https://jumhuriyat.tj/-index.php?art_id=26669 (санаи муроҷиат: 18.06.2020).

3. Суханронии Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Машварати корӣ бо аъзои Шӯрои ҷамъиятии Ҷумхурии Тоҷикистон. 27-уми январи соли 2017 – Бюллетени Шӯрои ҷамъиятӣ. Нашри махсус (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ).- Душанбе, 2017-№1(19)-166 с.

4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ҷашнии бахшида ба 15 солагии Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 11 марти соли 2011//Нерӯи муттаҳидкунандаи миллат.- Душанбе, 2011.- С.10-113.

5. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ- сиёсӣ дар ҷумҳурӣ аз 1 декабри соли 1999, №2) [захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: //http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=30594#A3PX0R-7IXG (санаи муроҷиат: 12.06.2020)

6. Низомномаи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2018.- 30 с.

**Суннатулло Ҷонбобоев**
*Маркази синошиносии*
*ИФСҲ и АМИТ*

## ФАЛСАФАИ ТАҲЛИЛӢ-ЭПИСТЕМОЛОГӢ АЗ Б. РАССЕЛ ТО У. КУАЙН: ЗАРУРАТИ МАЪРИФАТШИНОСИИ НАВ

Имрӯз дар пешорӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон масъалаи ҳалли чанд мушкилоти вуҷудӣ истодааст. Аз миёни онҳо яке заифии илм дар муқовимат бо вабои аср- пандемияи коронавирус ва дигаре муқобила бо ифротгарии динӣ мебошанд. Ҳалли муваффақонаи ин ду мушкил аз муайян кардани роҳҳои пешрафтаи рушди минбаъдаи илму маориф вобаста мебошанд. Агар Тоҷикистон дар фалсафаи илм ва стратегияи рушди илм навоварии усулӣ ва методологӣ ба вуҷуд наорад, ин ба боз ҳам амиқ ва чуқуртар шудани буҳрони иқтисодӣ ва иҷтимоиву сиёсии ҷомеа мерасонад. Сухан дар бораи илм ва методологияи илм меравад, ки ҳоло дар фалсафа зери унвони эпистемология машҳур аст. Тибқи низоми фалсафӣ ва назарияи таҳлиливу эпистемологии Уиллям Куайн,агар илм худ худашро аз дарун интиқод, ислоҳ ва (тавре ки дар мисоли таъмири заврақ оварда мешавад) таъмир накунад, илм на танҳо худ аз байн меравад, балки сабаби инқирози тамоми ҷомеа мегардад. Ҷомеаи тоҷик, ҳам бешубҳа, дар баробари кишварҳои ҳамҷувори пасошӯравӣ ниёз ба ҳамин гуна нигоҳи интиқодӣ ва бозсозии маърифатшиносии илмро дорад.

Инсоният имрӯз чун ҳамеша дар лаҳзаҳои ҳассоси таърих ба мушкилоти сахти вуҷудӣ мувоҷеҳ шудааст ва ин мушкилотро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд. Мушкили вуҷудии аввал заифӣ ва нотавонии илми муосир дар мисоли паҳн шудани маризии нави сироятӣ (пандемияи коронавирус) аст, ки инсониятро гулӯгир ва нафастанг намудааст ва зарурияти кашфиётҳои нави илмӣ ва маблағгузорӣ барои илмро тақозо менамояд. Илм роҳи пешгирии ҳар гуна мушкиливу буҳронҳои ҷомеаро ҷустуҷӯ дорад, вале шояд имконоти ҳалли ин мушкил барои илм ба ин зудӣ ва

осонӣ муяссар нагардад ва шояд он ба дарозо кашад. Чаро усулҳои мавҷудаи таҳқиқ ва таҳлили илмӣ барои ҳалли фаврии масъала мусоидат намекунанд? Оё роҳҳои дигари муассири кашфи асрори табиат (дар мавриди ҳозира табиати зинда) вуҷуд доранд? Мушкили дигари вуҷудӣ, ки имрӯзҳо характери глобалӣ гирифтааст, ин паҳн гаштани афкори ифротӣ ва дар заминаи он «вирус»-и терроризми глобалии динӣ аст. Ҷомеаи тоҷик ва умуман ҷомеаи мусулмон имрӯз бо мушкили интишори гӯшношунидаи бунёдгароии мазҳабиву динӣ дучор аст. Оё усулҳои ҳозираи илм дар самти таҳқиқи табиати ин раванд, вижагиҳои ба он мусоидаткунанда дар ҷамъият ва ниёзҳои вуҷудии ҳар як инсон қонеъкунандаанд, оё онҳо ба талаботи имрӯзаи равониву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷавобгӯ мебошанд, шояд ин усулҳо кӯҳна шудаанд? Оё роҳҳои дигар, усулҳои ғайриурфӣ ва ғайрисуннатиро метавон кашф ва пешниҳод намуд? Маълум аст, ки дин ва тамаддуни ислом аллакай чун унсури муҳими фарҳанги миллии халқи тоҷик ва дигар халқҳои мусулмон шинохта шудааст ва он дар тору пуди таъриху фарҳанг ва равони ин миллатҳо танидааст. Метавон гуфт, ки дини ислом ҳатто ба коди фарҳангии миллат табдил ёфтааст. Вале оё ислом фақат дину имон аст, оё он танҳо «савму салот» аст? Дар фарҳанги исломи классикӣ, дар марҳалаи авҷи рушду нумӯъи он ҷараёнҳои мухталифи фикрӣ, гуногунандешӣ, баёни андешаи озоди фалсафӣ, адабӣ, ҳунариву санъатӣ ва илмии ноб роич буд. Ҷои нигаронӣ аст, ки ин андешаҳо ҳоло дар ҷомеаи дунявии баъди истиқлоли мо ба ҳошия кашида шудаанд ва исломро фақат сирфан чун дин мепазиранду халос. Баръакс, тибқи мушоҳидаҳо торафт миқдори бештари ҷавонон ва ҳатто қишри муайяни зиёиён (ҳатто миёни файласуфону олимон!)маҳз ба ҷаҳонбинии бунёдгароёнаи динӣ рӯй меоранд ва бо хаёли тақлид ба гузашта роҳи наҷоти ояндаи ҷомеаро дар он мебинанд. Чун таърихзадагии тафаккур хеле хатарнок аст, зеро он ояндаро намебинад ва роҳи ҳама гуна мушкилҳоро дар гузашта меҷӯяд.

Пас, ҷаҳонбинии илмии мо дар зери хатар қарор дорад ва роҳи наҷоти он дар куҷост? Ин суолҳо ба таври таъҷилӣ

зарурияти вуҷуд доштани илм дар бораи усулу методоложии илмро ошкоро тақозо мекунад, ки он ҳоло маърифатшиносӣ ё илми эпистемология ном дорад. Бояд ин нуқтаро пазируфт, ки арзишҳои миллӣ пойбанди фақат таърих нестанд, онҳо бояд ҳаёти имрӯзаву оянда ҳам дошта бошанд ва тафаккури муосири фалсафӣ бояд аз унсурҳои муҳим ва такондиҳандаи онҳо бошад. Яке аз роҳҳои рушди тафаккури илмӣ ва фалсафӣ дар ҷомеаи мо ин омӯхтан, рӯ овардан ба таҳқиқи мероси файласуфони муосир, алалхусус, мактаби таҳлилӣ, мусбатгароии фалсафӣ (позитивӣ) ва маслаки таҷрубагаро (прагматӣ) мебошад, ки дар мамлакати мо интишор наёфтаанд. Ин ҷо сухан на аз тақлид, балки илҳомгирӣ ва боргирӣ меравад. Алалхусус, аз ин мактабҳо таҷрибаи фикри интиқодӣ ва тахлилиро метавон дарёфт. Аз миёни файласуфоне, ки дар ин самт корҳои пурарзиш ба сомон расонидаанд, Бертран Рассел, Людвиг Витгенштейн ва Уиллард Куайн мебошанд. Бо овардани пешинаи ин мактаби фикрӣ, мо ба шарҳи бештари фалсафаи эпистемологии Куайн рӯ меорем.

Куайн кӣ буд ва фалсафаи ӯ аз чӣ иборат аст? Барои ба ин суол ҷавоб додан зарур аст, ки ба маълумоти шарҳиҳолии Куайн ошно шавем.[1]Бояд гуфт, ки Уиллард Ван Орман Куайн бонуфузтарин файласуфи таҳлилии нимаи дуввуми асри бистум ба шумор меравад. Нуфузи ӯ дар фалсафаи таҳлилӣ то ҷое буд, ки ӯро дар замони худ «*файласуфи файласуфон*» ном гузоштанд.Ин баробар ба унвоне аст, ки дар асрҳои миёна ба Абунасри Форобӣ (*Муаллими аввал*) ва ба Ибни Сино

[1]Уиллард Ван Орман Куайн, файласуфи амрикоӣ, профессори Донишгоҳи Ҳарвард, соли 1908 дар штати Огайо ба дунё омадааст, хатмкардаи Донишгоҳи Ҳарвард (1931-32) мебошад. Аввали солҳои сиюм ба Аврупо мусофират намуда, дар суҳбат ва ҳамкориҳо бо Ҳалқаи Вена (Венский кружок-Моритс Шлик, К.Гёдел, Рудолф Карнап, Алфред Айер, А.Тарский ва ғ) қарор гирифт. Дар он ҷо ӯ дар зери таъсири позитивизми мантиқии Р.Карнап(1891-1970) қарор доштааст, с.1933 ба Ҳарвард баргашта оид ба масъалаи асосноккунии илми риёзӣ аз роҳи мантиқ машғул шудааст. Азбаски А.Тарский ва Р.Карнап соли 1940 аз Олмони фашистӣ гурехта ба Ҳарвард (ИМА) ба кор омаданд, ҳамкории ӯ бо онҳо муваффақона давом ёфт. Соли 1993 файласуф мукофоти Ролф Шок дар соҳаи мантиқ ва фалсафа гирифт. Соли 2000 ин олими нобиға аз олам гузашт.

(*Шайхурраис*) дода буданд. Агар моҳияти фалсафаи таҳлилиро ба таври содда баён кунем, метавон гуфт, ки фалсафаи таҳлилӣ ин бозгашт аз "олами идеяҳо" ба сӯи воқеият ва табиат буд. Реша ва нишонаҳои пайдоиши фалсафаи таҳлилӣ ё аналитикиро бо номи Ҷон Локк (1642-1704, Англия, файласуфи сенсуалист, эмпирик ва либералист) таълимот ва таҷрубаи ӯ дар бораи донишҳои ҳиссӣ, ақлӣ ва таҷрубавӣ алоқаманд мекунанд.[2]Ба ҳар ҳол унсури муҳими фалсафаи таҳлилӣ ин аст, ки он решаҳои донишу маърифати инсонро ҷустуҷӯ мекунад, манбаъҳои ҳиссиву равонӣ ва мантиқии онро мавриди интиқод ва санҷиш (ҳоло ба истилоҳи Витгенштейн "*верификатсия*") қарор медиҳад, роҳи "*баромадан аз бедонишӣ ба сӯи дониш*" (Ибни Сино) ва расидан ба сарҳадҳои дуродури ҳақиқатро пайгирӣ ва пайравӣ мекунад. Мавзӯи ин мақола фалсафаи таҳлилии Уилард Ван Орман Куайн аст. Пас, ӯ чӣ гуна ба ин мактаби фикр ворид шуд?

**Роҳ ба сӯи фалсафаи таҳлилӣ.** Пеш аз ҳама, бояд мушаххас намоем, ки аз нигоҳи таърихӣ ва фарҳангӣ сабаби пайдо шудани фалсафаи таҳлилӣ чӣ ва дар куҷо буд ва заминасози таълимоти ӯ кадом ҷараёнҳои фикрӣ буданд? Ба таври мухтасар метавон гуфт, ки фалсафаи таҳлилӣ ҷавоб буд ба ***идеализми мутлақи навҳегелчиён*** *(неогегелянство)*, ки дар навиштаҳои худ дар ибтидои асри бистум(XX) мақоми фард, фардият, шахсият ва ҷузъро дар муқобили кулл (қувваи илоҳӣ, Худо,ҷамъият, давлат, миллат ва дигар мақулаҳои илоҳиву идеалистӣ ва метафизикӣ нодида мегирифтанд. Дар идеализми мутлақи гегелчиёни англис ашёву дунё, материяву фазо, вақт ва ғ. чун мақулаҳои ваҳмӣ (иллюзия) тасаввур мешуданд, воқеият ва усули дарёфти он, яъне ***ақли солим*** арзиши худро аз даст медод. Дигар вижагӣ ин холизми онҳо (умумигароӣ) буд, яъне дар ҷаҳоншинохтии онҳо

[2]Дар пайдоиши он саҳми юнониён, махсусан, Арасту ва файласуфони арабу форсу тоҷикзабон, махсусан, Абунасри Форобӣ, Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино (Садри ҳакимони Шарқ) низ хеле муҳим аст. Мутаассифона, ин меросро ғарбиён нодида мегиранд. Намунаҳои хуби таърихии он дар таълимоти Ибни Сино дар бораи силлогистика, илми бурҳон, системаи категориҳо, назарияи ақли фаъол ва ғ. мебошанд [5.2000.].

ба таври дихотомӣ дар муқобили табиату воқеияти олами беканори пур аз мавҷудоти бешумор арзиши кулл ва куллиёт бештар буд. Дар Ғарб А.В.Мур (1866-1930-ИМА, файласуфи прагматист) ва дар Англия Б.Рассел (1872-1970-намояндаи неореализм ва неопозитивизми англис) ба идеализми мутлақи ҳегелчиён таълимоти реализм- таҳлил, таҷрибаву табиатгароӣ ва эътирофи мақоми арзишманди ҷузъиётро муқобил мегузоштанд. Рассел ин корро аз роҳи атомизми мантиқӣ,рушди мантиқи тимсолӣ (символическая логика) ва Мур аз роҳи таҳлили забон ва истифода аз ақли солим (здравый смысл-common sence) ба роҳ мемонд.Натиҷа ин шуд, ки фаъолияти онҳо, махсусан А.В.Мур ба хотима додани амали файласуфони ҳегелгарои англис анҷом ёфт. Бояд гуфт, ки бо ин амалаш ӯ суннати фалсафаи эмпиризми англисро такон дод ва аз нав эҳё намуд. Мушаххасан, фалсафаи таҳлили мантиқии Б.Рассел барои рушди позитивизм ва мактаби Вена, алалхусус, ба вуҷуд омадани рисолаи “Таҳқиқоти мантиқӣ-фалсафӣ”-и Л.Витгенштейн (1889,Вена-1951, Кембридж) асос гузошт.

Б.Рассел мехост, ки зиддияти байни шаклҳои айнӣ (объективӣ) ва зеҳнии (идеалии) ҳастиро аз миён бардорад, вале барои ӯ ҳастӣ ҳанӯз ҳам як вуҷуде ба таври кулл аст. Мегуфт, ки барои ман як шакли ҳастии ҷаҳон вуҷуд дорад ва ҳастии хаёлоти Шекспир ва афкореро, ки ӯ дар вақти навиштани намоишномаи “Ҳамлет” дошта буд, низ шомили он аст. Рассел тарафдори монизми бетараф буд, ӯ мегуфт, ки рӯҳ ва модда (материя) сохта ва конструксияи додаҳои ҳиссиётанд, на бештар. “Ман бовар дорам, ки модда на онқадар моддӣ ва рӯҳ наонқадар рӯҳонӣ аст, мисле ки баъзеҳо тасаввур мекунанд.[9.1954:7].Дар мафҳуми “атомизми мантиқӣ” Рассел нақша дошт, ки сохтори забонро ба воқеият татбиқ намояд ва дар ин замина як метафизика ё онтология ё ҳастишиносии наверо бунёд намояд. Тибқи назарияи Рассел унсурҳои оддии таҷрубаи ҳиссӣ чун хиштҳои асосии назарияи дониш, ҳастишиносӣ (онтология) ва асоси илмҳои табиӣ шуморида мешаванд. Вале дар охири умр, ниҳоят дар зери таъсири Вингенштейн, ӯ ба хулосае омад, ки манзараи умумии

оламе ки ба мо дода шудааст, аз маҷмӯи ибораҳои мантиқӣ иборат асту халос. Олами дигаре ба таври айнӣ барои мо дода нашудааст ё он дастнорас аст.

Чун сухан аз назарияи Л.Витгенштейн рафт, метавон зикр намуд, ки вазифаи асосии фалсафаро ӯ дар “*интиқоди забон*” медид, яъне инсон аввал бояд забони худро ба низом даровարад, баъд даъвои шинохти олам намояд. Дар натиҷа бо мусоидати ӯ дар ин вақт предмети таҳлили фалсафа тағйир ёфт, файласуфон маҷбур шуданд, ки бештар ба таҳқиқи забон, фарҳанг, равобити таҷрибаи инсонӣ ва воситаҳои иртиботи инсонӣ машғул шаванд, акнун фалсафа барои илм роҳҳои нави таҳқики воқеияти ҷаҳонро пешниҳод намуд. Баъд аз Кант дар фалсафа ин як табаддулоти ба итилоҳ “коперникӣ” буд. Ин ҳамон коре буд, ки фалсафаи анъанавӣ (сохта дар заминаи эпистемологияи навҳегелӣ) бо умумигӯии худ ба сомон расонида наметавонист. Акнун масъалаи асосии фалсафа на ба мисли пештара*таносуби рӯҳ бо модда* (материя), балкичун *муносибати забон ва ҷаҳон* пазируфта мешавад. “Ҷаҳон маҷмӯае аз ҳақоиқ (фактҳо) аст, на чизҳо”-мегуфт ӯ. Бо истифода аз вожаи “чизҳо” ӯ ҷисмҳои оламро дар назар дошт. Ба андешаи файласуфони таҳлилгаро *сохтори ҷаҳон ва забон* як аст, зеро ҷаҳон ба низом ва забон ба мантиқ такя мекунад. Вале Л.Витгенштей ба ғулув рафт ва эълон дошт, ки ҳамаи он чизе ки ба қонунҳои мантиқ созгор нест, бояд аз байн бардошта шавад, масалан, бисёре аз мафҳумҳои ахлоқ, эстетика, метафизика ва ғ.Дар бораи мафҳумҳо ва мақулаҳои диниву мазҳабӣ ҳоҷати гап ҳам намемонад. Вале дар ин ҷараён Л.Витгенштейн дар асар “таъсири бенизомкунандаи (disorienting effect-дезориентирующее влияние) забон”ро ба тафаккур нишон дод, ки ин ҳам яке аз кашфиёти беназир ба назар мерасид.[6.pdf.Л.Витгенштейн]Зеро маълум аст, ки забон дунёи атрофи мо (ҳастӣ)ро инъикос мекунад, вале на бевосита. Магар мафҳумҳо ва ҳақиқатҳои забон худ ба худ собитшудаанд? Одатан, мо мафҳумҳои забониро бе ягон интиқод ба таври механикӣ қабул мекунем, диққат намедиҳем, ки забон дар тафаккури мо мақоми ҳокими мутлақ дорад, дар ҳоле ки тасаввур мекунем, ки мо бо фикри худ бевосита оламро ба таври

мутлақ мешиносем, бехабар аз он ки дар байни тафаккури мо ва ин олами беканор як унсури мобайнӣ- яъне забонистодааст, ки метавонад худ дар шинохти олам “*бозингари мустақил*” бошад. Хулосаи калом он мешавад, ки тасаввуроти қабл дар бораи ба таври табиӣ, бо истифода аз абзор (инструментария)-и дастраси маърифатӣ донисташавандагии ин олам як ҳадс, гумон, тасаввури нотамом, шояд хато будааст. Бо вуҷуди ин гуна таҳлили интиқодии имкониятҳои забон, Л.Винтгенштейн аз фалсафа ба таври комил даст накашид, ӯ боз ҳам фикр мекард, ки фалсафа ягона падидае аст, ки ниёзҳои амиқтарини инсонро қонеъ мекунад. Маълум аст, ки муқобилгузории забон ва ҷаҳонро Витгенштейн дар асари дигари худ (“*Таҳқикоти мантиқӣ*”) каме мулоим кард ва гуфт, ки мазмуни калимаву ибораҳоро дар натичаи “бозиҳои забонӣ” дарёфт намудан мумкин аст, яъне на тамоми вожаҳову мафҳумҳо аз тасвири нисбатан воқеии олам холӣ мебошанд. Бештар аз авқот истифодаи онҳо аз матн (текст) ё контекст (и таърихӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва ғ.) вобаста мебошад.

**Фалсафаи Куайн из чӣ иборат аст?**Фалсафаи Куайн маҳз дар заминаи ин гуна мушкилоти фалсафаи метафизикӣ ва рӯикарди файласуфони позитивист ба ин гуна мушкилот рӯид ва маҳз ин мушкилоти воқеан эпистемологиро ӯ минбаъд ҳам ба чолиш мекашид. Уиллард Ван Орман Куайн табиат ва мушкилоти забонро дарк мекунад, интиқоди Л.Витгенштейро қабул дорад ва дар заминаи он ӯ онтологияи суннатии фалсафаро ба зери интиқоди шадид гирифт. Ӯ бовар дорад, ки ҳастишиносии урфии фалсафа дар зери таъсири мафҳумҳои забонӣ қарор дорад, аз ин рӯ мо метавонем фақат дар бораи “нисбияти онтологӣ” сухан бигӯем (шарҳ дода ҳоҳад шуд). Маълум аст, ки ҳастиро ба таври мушаххас илмҳои табиӣ меомӯзанд. Дар ин самт фалсафа усулан аз илмҳои табиӣ фарқ надорад, тафовут танҳо дар каме бештар умумибаёнии усулу қазияҳо дар фалсафа асту халос. «Физик дар мавриди равобити иллату маълул (сабабу натиҷа) дар байни моҳияти падидаҳои олам мегӯяд, зистшинос(биолог) дар мавриди равобити иллату маълул дар шаклу намуди дигари мавҷудот,

файласуф бошад дар бораи равобити иллату маълул умуман ё ба таври кулл сухан мегӯяд, яъне чи гуна як падида сабаби падидаи дигар мегардад ва кадом мавҷудот дар маҷмӯъ сохтори (системаи) асосии оламро ташкил медиҳанд»[1.2020]. Ин аст, ки Куайн мавқеъ ва назари худро мушаххасан чун натурализм ё реализми илмӣ тафсир мекунад. Ӯ чунин назар дорад, ки «тарҳи мафҳумот», раҳнамои мафҳумҳо, ба иборае маъмул-*тасвири мафҳумии ҷаҳон* (Conceptual scheme- *конҷептуальная карта мира ё схема)* вуҷуд дорад, ки он дар асл чунин тасвире нест, ки ҷаҳонро ба тасвир мекашад,балки ҷаҳоне ест, ки танҳо ба унвони як тасвир дарк мешавад. Дар заминаи ин тасвир дар равони инсон ашъёи олами воқеӣ ба шакли тарҳҳо ё схемаҳои когнитивӣ ба таври ғайримустақим намоиш дода мешаванд.Ин нақшаҳои шуур (идеяҳо, фикрҳои когнитивӣ, арзишҳо, мақсаду маромҳои прагматикӣ ва ғ.) метавонанд бозтоби огоҳона бошанд, вале на инъикоси бевоситаи олам. Ба ибораи дигар ин тарҳ худ як ҷаҳоне аст, вале ҷаҳонедар оинаи забон. Пас дар байни таҷрибаи сенсорҳо (ҳиссҳо)и инсон ва боварҳои тафаккур чи гуна муносибати оқилона (ратсионалӣ) имконпазир ва дар байни таҷрубаи ҳиссӣ ва андешаву боварҳои мо чӣ гуна робита аст? Ба ақидаи Селлар, яке аз мунаққидони Кайан сухан дар бораи шабакаи аз нигоҳи мантиқӣ алоқаманди нақшаҳои фикрӣ меравад, ва шабакаи олами консептҳо (фикрҳо) дар заминаи равобити ақлонӣ (*rational relations*) сохта шудааст.Яъне барои он ки мо ягон чизро бидонем, мо идея, мафҳумҳо, консептҳоро на бевосита аз тарҷрибаи ҳиссӣ (empirically) мегирем, балки онҳоро дар фазои мантиқие мегузорем, ки он аллакай характери ақлӣ дорад. Ва танҳо дар заминаи ин фазои мантиқӣ-ратсионалӣ мо он чизеро, ки зарур аст гуфта метавонем ва собит созем.[13.1963:163] Оё "забон" тамоми бори маънои вожаи "тарҳи фикрӣ/консептуали"и Куайнро пурра ифода мекунад?Дар зери таъсири интиқоди шогирдаш Давидзон Куайн аз триадаи пешниҳодии эпистемологии худ, яъне:***Тарҳи фикрӣ (concept map)- Забон (language)-Ҷаҳон (world)***даст кашид, Куайн иқрор кард, ки он ҷое ки ман тарҳи фикрӣ (конпетуальная карта) гуфтам, онҷо ман забонро дар назар дорам. Пас ду унсури муҳими

эпистемологӣ мемонанд: ***Забон ва Ҷаҳон***.[12.1981:41;]. Ба андешаи Шиам Випилури, муҳаққиқи дигар, Куайн ин ҷо дар асл ба шогирдаш гузашт кардааст, зеро таълимоти “*Concept Map*” (Консепт Меп) дар осори ӯ (махсусан дар асараш “Word and Object”) мақом ва арзиши мустақил дорад. [11.2018:5]Ба ҳар ҳол аз таҳлили мухтасари осори Куайн мо ба чунин хулоса мерасем, ки сохтори забон- нақша (схема)и мафҳуму ибороти он сохтори тафаккури моро ташкил медиҳанд. Куайн мегӯяд, ки ӯ чун эмпирик (таҷрибагаро) ба хулосае расида, ки тибқи он бо истифода аз тарҳи консептуалии илм дар заминаи таҷрубаи гузашта имкон дорад, ки пешгӯиҳои оянда низ ба амал бароварда шаванд.

Аз ин рӯ Куайндар бунёди фалсафаи худ назари номинализми ифротӣ, неопозитивизм, таҷрибагароӣ (прагматизм), бихевероизм (рафторгароӣ) ва натурализмроба ҳам омехта, бо истифода аз онҳо кӯшидааст, ки фикри мустақили худро баён намояд. Ӯ дар баёни ниёзҳои илмҳои табиатшиносӣ забони фардишудаи илмро (мафоҳими интизоъӣ-абстраксияҳо, чакидаҳои фикрӣ) ба чолиш мекашад ва тавсия медиҳад, ки мафҳумҳои муфрадро (абстрактро) метавон фақат чун васоити ёридиҳанда истифода бурд, вале минбаъд онҳоро набояд чун ягона натиҷаи ниҳоии донишпазируфт. Вале танқиди позитивизми нав дар мақолаи ӯ «*Ду догмаи эмпиризм*»(ё «*Ду ҳукми ҷазмии таҷрибагароӣ*») диққати мутафаккирони амрикоиро ба фалсафаи таҳлилӣ афзуд ва ба ин фалсафа унсурҳои фалсафаи амалгароӣ(прагаматизм) ро ворид намуд. Куайн муқобилгузории байни қазияи таҳлилӣ (аналитическое суждение),ки баъд аз И.Кант як ҳукми априорӣ (тотаҷрибӣ) ва бидуни дониши нав шинохта мешуд[3] ва қазияи синтетикиву редуксионизми берун аз матну мазмунро мавриди интиқод қарор гирифт.

---

[3] Мисоли қазияи таҳлилӣ ҳукми зерин аст: тамоми беваҳо бешавҳар мебошанд. Маълум аст, ки ин ҷумла дониши нав намедиҳад, зеро дар вожаи “бева” мазмуни бешавҳар аллакай вуҷуд дорад.

**Назарияи нисбияти онтологӣ**. Муҳимтарин нукта дар бораи фалсафа ва эпистемологияи нави Куайн ин аст, ки ӯ муаллифи назарияи «*нисбияти онтологӣ*» (the relativity of ontology-*онтологическая относительность*, -он чи пештар аз ин ёд шуд) мебошад, ки тибқи ин назария тамоми донишҳои мо дар бораи ашъёи олам аз назарияҳои илмие вобаста мебошанд, ки мо онҳоро пештар ба роҳбарӣ гирифтаем. Ҳеҷ як ҳақиқати пешакӣ дар мавриди ҳастӣ вуҷуд надорад, мо танҳо тафсири забонии худро ба чизҳо таҳмил мекунем, ки ба воситаҳои ҳисс(сенсорҳо)и мо таъсиргузоранд.[7.2018:47;8.2018:36]. Ягон воқеияте мустақил аз забон, берун аз он нест, онтология комилан аз забон ва истифодабарандаи он вобаста аст. (7.2018:41). Баъзан мо гуфта наметавонем, ки объект чист ва кадом аст, хуллас ҳастишиносӣ дучандон нисбӣ аст. Аз ин рӯ вожаи «*ҳастӣ ба маънои том*» (ки файласуфони пешина оиди он бе ягон интиқод андеша баён намуда буданд) берун аз тасаввуроти вожазори забонӣ ва фазои назарияҳо маъноеро доро нест. Дар ин ҷо Куайн як муаммои кӯҳнаро мехост ҳал бикунад. Ин мушкилоти онтологӣ аст, ки онро бисёр содда қабул мекунанд. Ҳастиро одатан ба воситаи суоли «Он чист» мехоҳанд ки дарёбанд. Ва ҷавоби ин суол одатан ин аст:"Ҳама чиз" - ва ҳама ин посухро ҳамчун ҳақиқат қабул хоҳанд кард. [7.2018:29]. Вале ин ҷавоб мушкил дорад, он қонеъкунанда нест. Зеро «ҳастӣ» на «ҳама чиз» аст, балки оне аст, ки мо онро чун "ҳама чиз" мешуморем. [7.2018:41;55;]. Пас инҷо, яъне дар баҳодии мазмуни лафзи «ҳастӣ» дидгоҳ, тасаввурот ва забони мо мақоми муҳим доранд, вале мо онро нодида мегирем.

Забон падида ва санъати иҷтимоӣ аст-чунин сар мекунад Куайн асари худ "Калима ва Объект (мафъул)". Ҳанӯз дар оғози омӯзиши забон мо бо фармоишоти интерсубъективии "чӣ ва кай" гуфтан дучор мешавем. Масоили ҳастишиносӣ бо масъалаи тарҷума зич алоқаманд аст. Мафҳумхои забонҳоро наметавон пурра (ба таври комил) ба забони дигар тарҷума намуд.Муродифҳо (синонимҳо) низ ҳама вақт як мазмунро ифода намекунанд.**Забон** муҳимтарин шакли рафторё фаъолияти)и одамон мебошад,зеро воқеияте ки дар забон ба мо дода шудааст,

дар баробари шинохти олам мушкилзо аст, забон фикрро дар асорати афкори қабулшудаи худ мегирад. Вале набояд чунин тасаввурот ҳосил шавад, ки мо дар дунёи мафҳумоти забон мондаем ва роҳи бурун шудан аз онро надорем. Маълум аст, ки тасаввуроти мо дар бораи олам худ ба худ, аз дарун хосил намешавад, агар таъсироти ашъёю ҷисмҳои табиӣ ба ҳиссиёти мо ба вуҷуд наояд. Онҳо дар пайдо шудани тасаввуроти мо мақоми барангезонанда доранд. Нуктаҳои такягоҳи тарҳи фикрӣ (консептуалӣ) маҳз чизҳо ва ашъёи дар чашм инъикосшавандаи олам мебошанд, на таассуроти мо аз онҳо. [1.2000:7]. Калимаҳо-ишораҳо, рамз ва аломатҳое аз аҷсоми беруна мебошанд, забон шакли мафҳумгардонда шудаи (концептуализатсия)и олами беруна аст. Пас табиат ва вазифаи забон ин мафҳумсозӣ (консептуализатсия) аст.

**Шинохти илм бояд чӣ гуна бошад?** Дар баробари забон **илм** яке аз роҳҳои мутобиқгардонии организм (бадан)-и инсон ба муҳити зист аст. Забон ҳамвора дар ҳоли таҳаввул аст, инро дар мисоли неологизмҳо (вожасозии нав) метавон дид. Илм ҳам, агар дар асорати догмаҳо наафтода бошад, дарки бошууронаи ақли солим (common sence-здравый смысл) аст. Илмро ба завраќе ташбеҳ медиҳанд, ки онро ҳамвора бояд таъмир кард ва чунин таъмире, ки шахс (олим, файласуф) бояд дар даруни он нишаста бошад-як тахта аз паси тахтаи дигар [1.2000:10]. Агар ташбеҳи завраќро давом диҳем, мебинем, ки кори таъмир кори саҳлу осон нест, зеро шахси таъмиргар метавонад дар ин миёнбо завраќи худғарқ гардад. Вале афзалият ва фазилати инсон аст, ки ирода ва ақл дорад, набояд ғарқ шавад. Дар ин ҷо назари Ф.Нитше ба хотир мерасад, ки инсонро ҳамчун "*ҳайвони мариз*" муаррифӣ карда буд, ки гӯё бар асари фоҷиаи табиӣ ва кайҳонӣ ғаризаҳои табиии худро аз даст дода (мутатсия шуда) маҷбур ба сохтани асбоб ва ихтироот шудааст, ки натиҷаи он пайдоиши ақл гардид. Ин расолати адаптивӣ ё мутобиқсозандаи ақлу илмаст. Куайндар фалсафа мафҳуми "*рафтори ҳавасмандона*" (stimulated behavior) ро ворид намуд. Яъне дар дохил ва беруни вуҷуди инсон маҷмӯъи стимулҳое (фишангҳои ҳавасбарангез)е ҳастанд, ки онҳо моро барои истифодаи ягон мафҳум ва иборае ташвиқ мекунанд: ба

ҷавоби мусбат ё манфӣ дар мавриди ягон мафҳум мусоидат мекунанд. Дар асари худ “Калима ва ашъё” (Word and Object) Куайнпешниҳод мекунад, ки барои ҳалли масоили фалсафӣ ба имкониятҳои маърифатшиносии семантикаи забон (*уруҷи маъношиносона*) мурочиа бояд кард. Яъне саравваал ба ҷои пардохтан ба шарҳи ашъё дар олами воқеӣ ба шарҳи мафоҳими онҳо дар сохтори забонҳо такя кунем, онҳоро таҳлил кунем, ҳақиқатҳоро аввал дар ин сатҳ дарёбем. Чунон ки зикр рафт, инсон бо ёд гирифтани забон аз фармоишоти интерсубъективи (маҷмӯи мафҳумҳо)и он вобаста мешавад. Мо ашъёи олами физикиро ғайримустақим, ба воситаи додаҳои ҳиссиёти худ, на ин ки бевосита худ ҷаҳону воқеиятродарк мекунем. Яъне аз замони Беркли маълум аст, ки дар байни дониши мо дар бораи олами физикӣ олами эҳсос ҷойгир аст, вале мо ба мушаххасоти қобилияти тасвир ва инъикоси воқеият аз тарафи ҳиссҳо кам диққат медиҳем.(1.2000:7).Дар асл бошад додаҳои ҳисс барои мо додаи дараҷаи аввал барои дарки селаи бетартиби ҳаводиси оламанд. Вале ин додаҳо мустақил нестанд, онҳо ишора (references, ташбеҳе) ба воқеият мебошанд.Ба унвони як табиатгаро Куайн бар он назар аст, ки чолишҳои ҳақиқати илм дар худи илм ҷой доранд, илмро аз ин гуна чолишҳо озод бояд кард. Зарурияти маърифатшиносӣ (илмшиносӣ) маҳз дар бозсозии илм аст.

**Эпистемологияи нави Куайн.**Куайн тарафдори назарияи *холизми маърифатшинохтӣ (*Confirmation holism*)* ва ва чунон ки пештар ишора рафт, *нисбияти ҳастишиносӣ* (ontological relativity) аст. Тибқи назарияи холизми маърифатшинохтӣ тамоми назарияҳоро наметавон танҳо дар заминаи додаҳои таҷрибӣ (озмоиши ҳиссӣ, ба таври аёнӣ) мутлақ ё ба таври куллӣ рад ё собит сохт. Воқеият ин аст, ки дар бештар мавридҳо дарку шарҳи мушоҳидаҳои фардии мо аз назарияҳо (ё мушоҳидаҳои бо назария аз ҳад зиёд боргирифта) вобаста аст. Яъне мушоҳидаи ҳар яки моҳанӯз дар ибтидо холис нест, он аллакай бо назарияе ё ақидае “олуда” аст. Ҳам барои даъвои юнониён дар бораи дурӯғ будани худоёни (мушоҳиданашавандаи) достонҳои Гомери юнонӣ ва ҳам барои назарияи (ба чашм мушоҳиданашавандаи)

мавҷҳои электромагнитии пешниҳоди Максвелл-Лорентс (олимони физики миёнаҳои асри XIX), ки ҳоло ҳам дар назари мо ҳақиқатанд, бояд ба усули собит сохтани мушоҳидаи худ далел ҳосил кунем. Чун ҳам худоёни юнонӣ ва ҳам мавҷҳои электромагнитӣ дар тафаккури мо на ба таври физикӣ (ҷисмонӣ), балки танҳо ба масобаи рамз ва мазомини фарҳангӣ ҳукми ҳастӣ доранд.

Таваҷҷуҳ бояд кард, ки инҷо сухан роҷеъ ба дуруст будан ё набудани назарияи электродинамика намеравад, ин назария танҳо барои мисол оварда мешавад. Муҳим аст, ки додаҳои таҷрубӣ ба мо имконият медиҳанд, ки чандин назарияҳои хато,бо таҷруба номувофиқ ё назарияҳои хеле мураккабе, ки дарки мутобиқати назария ва додаҳои амалияро душвор месозанд, рад кунем. Вале ин маънои онро надорад, ки дар заминаи додаҳои амалӣ (эмпирикӣ) имкон дорад, ки мо як назарияи дуруст ва ягонаро барои ҳамешагӣ бипазирем, зеро бо вуҷуди амали "*нисбияти онтологӣ*" имкони мавҷудияти якчанд назарияҳои устувор ва ба таври алтернативӣ асоснок вуҷуд дорад. Ин назария фарогир (инклюзив) ё холистӣ (аз калимаи англ.w*hole-ҳама*) аст [7.2018:41-55].

Ҳамин тавр, Куайн аз беҳтарин файласуфони илм, мантиқи риёзӣ ва маърифатшиносӣ (эпистемология) буд.Дар фалсафаи илм Куайн эпистемологияи урфӣ (суннатӣ, normative epistemology)-ро, ки умдатанба асосноккунии илм машғул буд, мавриди интиқод карор дод. Ба назари Куайн кӯшише, ки дар ин самт Рудолф Карнап,намояндаи неопозитивизми олмониву амрикоӣ карда буд, барабас рафт, зеро он ба умқи тасдиқи ҳақиқатҳои илм нарасид. Кори хубе ки Карнап кард, ин пешниҳод барои даст кашидан аз тафаккури дихотомии реализм ва номинализм, материализм ва идеализм буд. Бо таваҷҷӯҳ ба ҷараёни физикализм (илми физикаро меъёри илмият қарор додан), Карнап расолати ҷаҳонбинӣ доштани фалсафаро рад кард ва ба сохтани забони ягонаи илм машғул шуд, дар заминаи назарияи семантикӣ ӯ мантиқи индуктивиро пешниҳод намуд. Ӯ мегуфт, ки ба ҷои доир кардани баҳсҳои метафизикӣ (и асримиёнагӣ) дар атрофи вуҷуди ҳастӣ (аз қабили "чӣ аввал аст:

материя ё рӯҳ”), табиати арқом (“оё рақамҳо ҳақиқатан вуҷуд доранд ё на” ва ғ.) бояд тибқи назарияи “чаҳорчубаи ашъё” ба масъалаҳои позитивии сохтори олами ашъё машғул шавем. Хуб мешуд, агар аввал ашъё аз тариқи “чаҳорчуби забонӣ” таҳқиқ шавад, яъне ба синфҳо, навъҳо, категорияҳо, хосиятҳо ва ғ. ҷудо карда шаванд. Вале Куайн дар баробари ин пешниҳоди қатъӣ ва муқобилгузориҳои илму метафизика, боз даъват ба таҳаммул ва мадоро мекунад. [2.1996:10].

Ба андешаи Куайн, илм танҳо василаест барои пайдо кардани ҳақиқатҳои ҷаҳон аст. Аз ин рӯ зарур аст, ки эпистемологияи кӯҳнаро (ки бештар метафизикӣ, номуваффақва ҳадафи он дифоъ аз илм бе дарназардошти тардидҳои шаккгароёна, вале дар заминаи таълимоти суннатии ақлгароӣ ва ва шавоҳиди ҳиссӣбуд) бо эпистемологияи нав, маърифтшиносии натуралистӣ, ё маърифатшиносии табиатгаро, ки ба равоншиносӣ наздиктар аст, иваз кунем. Аввал бояд таҳқиқ кард, ки дар ибтидои эҳсосот (сенсорҳо), дар равони инсон чун субъекти физикӣ ба таври табиӣ чӣ дорем ва он дар ниҳоят ба куҷо ва ба шаклгирии кадом назария мерасад. Сухан аз истифодаи озоди равоншиносии таҷрубӣ (*free use of empirical psychology*) [6.1969: 82–3] меравад. Ба андешаи Куайн, дар маърифатшиносӣ ё эпистемоложии равоншиносӣ, назария (ба маънои “теория”) аз худи табиати воқеӣ, объективӣ (объекти омӯзиш) бармехезад, на баръакс.

Ҳамин тавр, илм наметавонад, ки тавассути ҳеҷ чизе дар хориҷ аз худи илм тавҷеҳ шавад, бинобар ин маърифатшиносӣ бахше аз назарияи кулл ё низоми табиати мо мебошад, ба истилоҳ маърифатшиносӣ илм дар бораи қобилият ва имкониятҳои илм аст, ки то кадом андоза метавонад ҳақиқатҳои воқеиятро кашф намояд ва чи тавр метавонад ин ҳудудҳоро васеъ намояд.Ҳеҷ як қазовати илмие, ҳатто қазоватҳои мушоҳидавӣ (дар заминаи таҷрубаи аёнӣ)наметавонанд, ки иддаои дастрасии комил ба ҳақиқати собитшуда кунад. Куайн даъво дорад, ки замоне ки олимон назарияе эҷод мекунанд (ба мисли олими англис И.Нютон, ки қонуни ҷозиба ва қонунҳои ҳаракатро пешниҳод намудааст) дар партави он тамоми қазоватҳои мушоҳидавии худро (ки шояд яктарафа бошанд) баён мекунанд,

бинобар ин онҳо ба худ раво намебинанд, ки мушоҳидаҳои манфии худро ҳам, ки бо он назария зидбошанд ва хато будани назарияи худро фош созанд, ироа намоянд. Агар ба ибораи дигар бигӯем, онҳо мушоҳидаҳои манфии худро дар таҳтушшуури худ пахш ва дар назарияи худ ба истилоҳ "гӯр" мекунанд. Ҳақиқатан тули таърих маълум шуд, ки ба унвони мисол, қонунҳои И.Нютон, алалхусус, таълимоти ӯ дар бораи замону макон, ҳақиқати мутлақ набудаанд. А.Эйнштейн бо назарияи нисбии худ собит намуд, ки назарияисубстанциалии И.Нютон дар бораи замону макон нодуруст аст, макону замон ҳастии мустақил надоранд (онҳо ба мисли зарфе нестанд, ки чизҳо дар онҳо ҷой бигиранд), онҳо чун хосияти модда характери нисбӣ доранд. Дар ин робита Куайн назарияи "қиёснопазирӣ" ё "санҷишнопазирӣ" (incommonsurability)ро пешниҳод мекунад, яъне ҳеҷ меъёре барои бартарӣ додан ба назарияе дар нисбати дигар назария вуҷуд надорад. Назарияҳо дар аксар маврид натиҷаи пешинаафкор (тахмину, фарз, пиндошт,гумон ва андешаи пешакӣ) ва тасвири муҳити таърихиву иҷтимоии инсон (олим) мебошанд. Аҳамияти онҳоро набояд кам гирифт. Намешавад, ки барои таҳқиқи ягон падида фақат мисолҳо ва шавоҳид аз воқеият овард, ки худашон ягон матлабро ҳаллу фасл карда бошанд. Пояи пешакии шавоҳид зарур аст, ки фикр метавонад тибқи он ҳаракат намояд ва ба собит кардани ягон назарияе бирасад.

Ин гуна нисбатгароӣ илму фалсафа, дар шарҳи моҳияти илм дар миёни файласуфони илми замони муосир бахсу ҷадалҳо ба вуҷуд овард,бе тардид он фалсафа ва ахлоқи нисбатгароӣ (релятивизм)ро қувват дод. Албатта, мо наметавонем, ки назари Л.Витгенштейнро дар бораи он ки асоси ҷаҳонбинии муосирро як таваҳҳум (иллюзия) ташкил медиҳад, ки гуё сабабу натиҷа ва қонунмандӣ аслан дар олам вуҷуд надорад, он танҳо хоси мантиқ аст, ки нисбат ба олам титбиқ карда мешавад [6.Витгенштейн.pdf]. Вале нуктаи барои ҷомеаи мо муҳим ин буд, ки дар он андешаи фалсафаи таҳлилӣ андешаи бикр оид ба зеҳнгароӣ (субъект) аст, дар он даъват ба ҷунбиши фикр вуҷуд дошт.Яънеғунҷоиш, иқтидор ва масъулияти илмбоист, ки

ҳамвора санҷида шавад, дар як сатҳ қарор нагирад, боло равад ва ҳақиқатҳои қабулшудаи илм бояд ҳар замон дар тарозӯи мантиқ, таҷрибаи фардиву равонӣ ва иҷтимоисанҷида шаванд, усулу равишҳои нави верификатсияи ҳақиқатҳои илмӣ кашф шаванд.

Оё имкониятҳои имрӯзаи илм барои ҳалли муваффақона, саривақтии масоил ва қазияҳои зикршуда ва мушкилоти ҳамагонӣ басандаанд? Ин дар ҳоле, ки барои мисол моҳияти маризии гузаранда (вабо, тоун) ва роҳҳои пешгирии ононро ҳанӯз Лукретсий Кар, Буқрот, Ибни Сино ва диг. ҳазорҳо сол пештар гуфтаанд. Вале мавҷудоти олам дар ҳоли таҳаввул аст,вирус мутатсия мекунад. Ҷолиб аст, ки чаро инсоният ҳанӯз хам роҳи ҳалли ифротгароиҳоро пайдо намекунад. Шояд намехоҳад, иродат намекунад? Шояд илм ва мактабҳои мавҷудаи фалсафӣ ба талаботи замон ва ниёзҳои равониву ботинии ин гурӯҳҳои ифротгар ҷавобгӯ нестанд? Шояд ҷаҳонбинии илмиву фалсафии ҷомеаи замони мо, ки то ҳатто баъди гузашти чандин соли истиқлолият дар чаҳорчубаи фаҳмиши омиёнаи материализми диалектикиву таърихӣ омехта бо тассаввуроти урфии мазҳабӣ ва музофотӣ, боз ҳам омиёна ва таассубӣ шах шудааст ва ҳоло он дар муқобили назариёти аз нигоҳи мантиқӣ ва илмӣ коркардшудаи илоҳиёти модернистӣ (ба мисли ваҳҳобия. ки дар зери таъсири агентҳои ғарбӣ аз мамлакатҳои ба ном исломӣ ба кишвари мо экспорт мешаванд) расолати ҷаҳонбинии илмӣ буданихудро аз даст додааст, мутаассиона барои худ ҷойгузин ва бунёди нави фалсафӣ ва илмиро пайдо накардааст? Ин равандро дар интихоби мавзӯъҳо барои таҳқиқ ва сатҳу тарзи тафаккури донишҷуёну унвонҷӯёни донишгоҳҳо ва институтҳои таҳқиқотӣ дидан мумкин аст. Хулоса, агар илм худ худашро аз дарун интиқод, ислоҳ ва (тавре ки Куайн дар мисоли заврақ овардааст) таъмир накунад, илм худ аз байн меравад ва сабаби инқирози ҷомеа мегардад ва асрҳои миёна (дар мисоли ҳаракати Толибон) бармегарданд. Ҷомеаи тоҷик ҳам, бешубҳа, дар баробари кишварҳои ҳамҷувор ниёз ба ҳамин гуна нигоҳи интиқодӣ ва бозсозии илмӣ дорад.

### Сарчашмаҳо


1. Куайн У. В. О. Слово и объект./пер. с англ. А. З. Черняк, Т. А. Дмитриев.-М.: Логос, 2000.-386 с.
2. Куайн У. В. О. Онтологическая относительность / Сокр. пер. А. А. Печенкина // Современная философия науки.-М.,1996.-С.40-61.
3. Куайн У. Две догмы эмпиризма. М., Логос, Праксис, 2000
4. Печенкин. А.Релятивизм (Рудольф Карнап и Уиллард Куайн), индукция и индуктивизм, реализм – антиреализм. http://old.ihst.ru/~apech/pdf/relyat_indukt_realizm-antireal.pdf. Retrieved 04.29.2020.
5. Azadpur Muhammad.Analytical Philosophy and Avicenna:Knowing the Unknown. Routledge Taylor Francis Group.2020
6. Витгенштейн Л. Логико-философский трактат. http://w2.ict.nsc.ru/jspui/bitstream/ICT/951/3/vit.pdf; Quine, 1969 Ontological Relativity and Other Essays. Columbia Univ. Press
7. Quine, W.V. O. OntologicalRelativityandotherEssays, Samonda, Ibadan, 2018.p. 55;
8. OKPALA, MICHAEL IFEANYICHUKWU.36. Окпала М. с.41
9. Russel B.The analysis of matter.London,1954-P.7.
10. Quine’s Theory of Ontological Relativity and Foundationalism in Philosphy by Okpala, Michael Ifeanyichukwu. file:/Downloads/QUINES_THEORY_OF_ONTOLOGICAL_RELATIVITY.pdf
11. Shyam Wupulluri.The Map and the Territory.Eexploring the Foundation of Science, Thought and Reality.2018. p.5
12. Quine. W.V.On the very idea of Third dogma. 1981.41
13. Sellars, W. Emperisism and the Philosophy of Mind, in Sellars. 1963, p.163
14. زندگی و آثار کواین، سایت تاریخ فلسفهمصاحبه با کواین درباره قلمرو فلسفه و علم
15. **زندگی و آثار کواین** http://philosophers.atspace.com/quine2.htm
16. **معرف آرای کواین در فلسفه علم کواین** http://philosophers.atspace.com/quine.htm

**Меҳр Собириён**
*пажӯҳишгар*

## БАҲСИ БАРХӮРДИ ТАМАДДУНҲО: ВАЗЪИЯТ ВА ДУРНАМО

Таърихи инсоният саршор аз бархӯрдҳост. (Бархӯрд бо табиат, бо ҳайвонот, бо якдигар.) Ин бархӯрдҳо миллиардҳо қурбонӣ дар пай доштаанд. Барои мутобиқ шудан ба шароити кураи Замин ва ҳифзи бақои худ инсоният миллиардҳо ҷонро аз даст додааст. Ин раванд ҳанӯз ҳам идома дорад. Набард бо вируси “COVID-19” дар ин шабу рӯз аз ҷумлаи ҳамин бархӯрдҳо ва мутобиқшавиҳост. Замоне инсонҳо объекти шикори ҳайвоноти даранда буданд, вале саранҷом худ ба шикорчӣ табдил ёфтанд ва дар бархӯрд бо ҳайвонот баранда шуданд. Бархӯрди инсонҳо бо якдигар низ дар тули таърих ҷони миллиардҳо инсонро рабудааст, ки он сабабҳои гуногун дорад.

Аз рӯзе, ки инсон худ ва манофеи худро дар баробари дигар инсонҳо ва манофеи онҳо шинохт, бархӯрдҳо оғоз шуданд. Бархӯрдҳои барои ишқ, барои макони зист (авлодҳо), бархӯрдҳои номусӣ (қабилаҳо), бархӯрдҳо барои васеъсозии давлатҳо (шоҳигариҳо), бархӯрдҳо барои паҳнсозии динҳо (ниҳодҳои динӣ), бархӯрдҳои этникӣ (миллатҳо), бархӯрдҳои идеологӣ ва бархӯрдҳои тамаддунӣ. Дар ин навиштор ахирӣ, яъне бархӯрдҳои тамаддунӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба мо лозим аст, ки пеш аз пардохтан ба баррасии бархӯрди тамаддунҳо, ба мафҳуми тамаддун каме равшанӣ андозем.

“*Инсонҳо дар гурӯҳҳои созмонёфта зиндагӣ мекунанд, ки ҷомеа ном гирифтааст. Аъзои ҳар ҷомеае шеваи рафтори хосе пай мегиранд, ки ҷомеаи хоси онҳоро аз дигар ҷомеаҳо мутафовит месозад. Ин шеваи рафтори хос дар дар воқеъ фарҳанги ҳамон ҷомеа аст*”(2). Дар адабиёти фарҳангшиносӣ мафҳуми тамаддун аз мафҳуми фарҳанг фарқ мекунад. Баъзе муаллифон фарҳангро ҷанбаи маънавӣ ва тамаддунро ҷанбаи модӣ бахшидаанд.

Доктор Чингиз Паҳлавон дар китоби "Фарҳангшиносӣ"-и худ менависад "*тамаддун дар зимн метавонад бистари фарҳангҳои гуногун бошад, чуноне ки тамаддуни аврупоӣ чунин хислатеро дорад*" (1). Яъне, як тамаддун метавонад якчанд фарҳангро дар бар гирад. Дуруст ба монанди тамаддуни ориёӣ, ки тибқи ин бардошт метавонад аз фарҳангҳои тоҷикӣ, курдӣ, лурӣ, порсӣ, балуҷӣ ва ғайра иборат бошад. Бо вуҷуди чунин фарқиятҳо, Доктор Чингиз Паҳлавон баъди баррасии дурударози мафҳумҳои фарҳанг ва тамаддун ба хулосае меояд, ки "*дар воқеъ фарҳанг ва тамаддун аз ҳам ҷудо нест ва агар касе корбурди муайяне дар ҳавзаи хос барои онҳо қоил нашавад, гоҳ метавон ин ду мафҳумро ба ҷойи ҳам нишонд ва гоҳ ба вузуҳ ба як маъно ба кор бурд.*"(1) Ба қавли Доктор Паҳлавон "***Фарҳанг ё тамаддун, ба мафҳуми васеи калима дар қавмшиносӣ, маҷмӯаи печидае аст, ки шинохт, боварҳо, ҳунарҳо, ахлоқ, ҳуқуқ, одобу русум ва дигар қобилиятҳо ё одотеро дар бар мегирад, ки инсон ба унвони узви ҷомеа касб мекунад***" (3). Самуел Ҳантингтон ба ин маҷмӯа ниҳодҳои давлатиро низ дохил мекунад. Бо дарназардошти ин тафовутҳо дар бардошти донишмандон аз фарҳангу тамаддун дар доираи мавзуи баррасишаванда, беҳтар аст мо фарҳангро дар шакли маҳдудтар ва тамаддунро дар шакли васеъи дарбаргирандаи чанд фарҳанг баррасӣ намоем, то тавонем бархӯрдҳои дохилитамаддуниро низ бо моделҳои мавҷуда арзёбӣ карда бошем. Ба қавли донишманди эронӣ Доктор Масъуд Ҳоҷизода, **тамаддун болотарин гурӯҳбандии фарҳангии мардум ва густардатарин сатҳи ҳувияти фарҳангӣ аст, ки инсонҳо аз он бархӯрдоранд. Тамаддунҳо маҷудияти қобили дарк доранд, пӯё ҳастанд, зуҳур ва суқут мекунанд, тақсим мешаванд ва дар водии замон дафн мегарданд**(11). "*Ҳар сарзамине ба таносуби истеъдод ва завқи сокинон, ҳосилхезии хок, манбаъҳои табиӣ ва вазъи обу ҳавои худ офаранда ва тавлидкунандаи тамаддуне махсус аст, ки бо тамаддуни ноҳияҳои дигар мутафовит мебошад*"(4).

**Аҳамияти мавзӯъ.** Дар раванди ҷаҳонишавӣ тамаддунҳо бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд, омезиш меёбанд ва бархӯрд мекунанд. Маҳз дар ҳамин ҳолат масъалаи таъсири манфии ин раванд ба

ҳувияти миллӣ пайдо мешавад. Муайян кардани омилҳои таъсирасон ба ҳувияти миллӣ ва мусаллаҳ шудан бо ин огоҳиҳо имкон медиҳад, ки ин таъсири манфӣ пешгирӣ ва ё ҳадди ақал кам карда шавад. Ин аст, ки мавзӯи баҳси бархӯрди тамаддунҳо, ки дар даврони пас аз ҷанги сард аз ҷониби олими саршиноси амрикоӣ Самуэл Ҳантингтон ҳамчун назарияи рушди равандҳои сиёсӣ барои солҳои оянда матраҳ шуда буд, аҳамият пайдо мекунад. Чунки бо вуҷуди баҳсбарангез будани ин назария, дар се даҳаи охир, далелҳои зиёди тасдиқкунандаи он ба назар мерасанд ва дар баробари ин амалкарди кишварҳои абарқудратро дар аксар маврид аз рӯйи ҳамин назария метавон тавзеҳ дод. Кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ҳамчун узви тамаддунҳои муайян дар ин бархӯрд иштирок доранд ва дар раванди ҷаҳонишавӣ хатароти онро бештар эҳсос мекунанд. Бинобар ин, дар доираи омӯзиши таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ба ҳувияти миллӣ дар Осиёи Марказӣ, баррасии масъалаи бархӯрди тамаддунҳо лозим ба назар мерасад.

## Бархӯрди тамаддунҳо ҳамчун модели муносибатҳои байналмилалӣ

Баъди фурӯ рехтани девори Берлин дар соли 1989 Ҷанги сард ба охир расид ва донишмандону сиёсатшиносон дар ҷустуҷӯи модели нави рушди муносибатҳои байналмилалӣ афтоданд. Онҳо аз додаҳои таърихӣ истифода бурда, барои сохтани модели рушди муносибатҳои байналмилалӣ кӯшишҳо ба харҷ медоданд. Замоне муносибатҳои байналмилалӣ ва ҷангу ҳамгироиҳо дар доираи дин, бо ҷиҳоду ҷангҳои салибӣ ба вуҷуд меомаданд. Баъдтар дӯстиву эҳтиром ва ё кинаву адовати шоҳу шоҳзодаҳо муносибатҳои байналмилалиро муайян мекарданд. Пас аз пайдо шудани давлатҳои миллӣ дар қарни 19 рақобати миллатҳои гуногун, аксаран аврупоӣ, мавқеи намоён пайдо кард ва то поёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ идома ёфт. Пасон ҷанги сард дар рақобати ду идеология ва ду система давлатдорӣ, сотсиализм ва капитализм, ба миён омад, ки чуноне қайд карда шуд, бо бардоштани девори Берлин хотима ёфт. Акнун коршиносон дар

андеша буданд, ки дар ояндаи наздик чӣ парадигма муносибатҳои байналмилалиро муайян мекунад ва дар ҷустуҷӯи модели наве буданд, ки тавонад бархӯрду ҳамгирой миёни миллатҳои гуногуни ҷаҳон ва ё рушди ояндаи муносибатҳои байналмилалиро дар худ ифода кунад. Якчанд назарияҳо пешкаш карда шуданд, ки онҳоро метавон ба хушбинона, воқеъбинона ва бадбинона тақсим намуд.

Дар ҳамин сол буд, ки Френсис Фукуяма назарияи худро дар шакли мақола пешниҳод кард, ки он баъдтар дар соли 1992 ба китоб табдил дода шуд. Номи мақола "Поёни таърих?" буд, ки дар маҷаллаи амрикоии "Манфиати миллӣ" соли 1989 мунташир шуд ва унвонии китоби вай "Поёни таърих ва охирин инсон" (1992) аст. Вай аз ғалабаи пурраи демократияи либералӣ бар сотсиализм илҳом гирифта, парадигмаи "Поёни таърих"-ро пешниҳод кард. Яъне, ба хулосае омад, ки модоме низоми демократияи либералӣ дар ҳама паҳлуҳои зиндагии инсон бартарии назарраси худро исбот кард, дигар баъд аз ин қуввае пайдо нахоҳад шуд, дар баробари Ғарб ва системаи он истода, хатари бархӯрди бузургро ба вуҷуд оварад. Аз ин пас ин система ба тадриҷ дар тамоми ҷаҳон паҳн мегардад ва дунё ба як давраи нисбатан оромиву шукуфой ворид мешавад, ки метавон гуфт то дараҷае дилгиркунанда аст. Ӯ мегӯяд "*демократияи либералӣ "нуқтаи охири таҳаввули идеологии башар" ва "шакли ниҳоии давлат дар ҷомеаи башарӣ" бошад, ки "поёни таърих" аст. Ин ба он маъност, ки шаклҳои қаблии давлатдорӣ камбудиҳои ислоҳнопазир ва ғайримантиқӣ доштанд, ки дар ниҳоят сабаби фурӯпошии онҳо мешуд, гуфта мешавад демократияи либералӣ аз чунин тазодҳои бунёдии дохилӣ орӣ аст.*" Вай эътироф мекунад, ки "*бархе аз кишварҳои муосир мумкин аст натавонанд ба демократияи либералии босубот даст ёбанд, дар ҳоле ки бархеи дигар мумкин аст ба шаклҳои дигари примитивии давлатдорӣ ба монанди теократия ва диктаруураи ҳарбӣ баргарданд.*" (5) Ин назарияи Фукуяма ба гурӯҳи назарияҳои хушбинона дохил мешавад.

Баъдан Самуел Ҳантингтон дар соли 1993 бо нашри мақолаи илмии худ дар маҷаллаи “Foreign affairs”-и америкоӣ зери унвони “Бархӯрди тамаддунҳо?” назарияи худро пешниҳод мекунад, ки хеле баҳсбарангез мешавад. Дертар ин назарияи худро тақвият дода, дар соли 1996 онро дар шакли китоб мунташир мекунад, ки дар он аломати саволашро бардошта номи китобро “Бархӯрди тамаддунҳо ва азнавсозии низоми ҷаҳонӣ” мегузорад. Ӯ мегӯяд, ки не, дар давраи нав низ рақобату бархӯрдҳо боқӣ мемонанд, на ин ки мо вориди як давраи оромиву осудагӣ мешавему демоктарияи либералӣ дар тамоми ҷаҳон паҳн мешавад. Дар ин давра табиати бештари бархӯрдҳо фарҳангӣ-тамаддунӣ хоҳад буд. Ин назарияи Ҳантингтон назарияи воқеъбинона буд.

Дар ҳақиқат, пас аз поёни ҷанги сард мавҷи нави ҳувиятҷӯӣ дар ҳама гӯшаҳои ҷаҳон сар зад. Миллатҳое, ки зери таъсири қувваҳои идеологӣ буданд ва системаи мувофиқи идеологиву иқтисодиро ҷустуҷӯ мекарданд, ахиран ба корношоямии сотсиализм қоил шуда, демократия ва низоми сармоядориро ҳамчун беҳтарин низом шинохтанд. Ба ибораи дигар демократияи либералӣ тавонист, бартарияти худро дар баробари дигар низомҳо исбот кунад. Ин ба он маъно набуд, ки демократияи либералӣ аз камбудиҳо орист. Вале ин самараноктарин низом дар миёни дигар низомҳои ихтироъкардаи инсоният буд. Аммо ин зиддияту рақобатҳои ҷаҳониро хотима надод. Мавҷи ҳувиятҷӯӣ инсониятро дар баробари рақобатҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ қарор дод.

Дар ҳамин вазъият баъди мушоҳидаву омӯзиши зиёд Самуел Ҳантингтон ба хулосае омад, ки “*дар ҷаҳони пас аз Ҷанги сард парчамҳо аҳамият доранд, ҳамчунин, аз ҷумла салиб, ҳилол ва ҳатто пӯшишҳои сар аҳамият пайдо мекунанд, зеро фарҳанг аҳамият пайдо мекунад ва ҳувияти фарҳангӣ чизест, ки барои аксари мардум аз ҳама бештар маънодор аст. Инсонҳо дар ҳоли кашф кардани ҳувияти нав, аммо ағлаб қадимӣ ҳастанд ва зери парчамҳои нав, вале ағлаб қадимӣ роҳпаймоӣ мекунанд, ки мунҷар ба ҷангҳо бо душманони нав, вале ағлаб қадимӣ мешавад. Душманон барои афроде, ки ба дунболи ҳувият ва шинохти тозаи қавмият*

*ҳастанд, муҳим мебошанд ва эҳтимолан душманони хатарноктарин дар хатҳои миёни тамаддунҳои бузурги ҷаҳон пайдо мешаванд. Фарҳанг ва ҳувиятҳои фарҳангӣ, ки дар густардатарин сатҳ ҳувиятҳои тамаддунӣ ҳастанд, омилҳои ҳамбастагӣ, таҷзия ва даргирӣ дар ҷаҳони баъди Ҷанги сардро ба вуҷуд меоваранд. Назми ҷаҳонии мабнӣ бар тамаддун дар ҳоли зуҳур аст: ҷомеаҳое, ки пайвандҳои фарҳангӣ доранд бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд; талошҳои иваз кардани тамаддуни як ҷомеа ба дигар тамаддун бенатиҷа ҳастанд; ва гурӯҳи давлатҳо дар атрофи кишвари меҳварӣ ё аслии тамаддуни худ ҷамъ мешаванд*" (6). Эътироф мекунад, ки "*тамоили ҷаҳонгароёнаи Ғарб ба таври фазояндае онро дар таззод бо дигар тамаддунҳо қарор медиҳад, махсусан бо ислом ва Чин*" (6). Вай ин хулосаи худро ба таври куллӣ чунин асоснок мекунад "*дар дунёи пас аз Ҷанги сард тафовутҳои идеологӣ, сиёсӣ ё иқтисодӣ аз ҷумлаи муҳимтаринҳо нестанд. Тафовутҳои фарҳангӣ муҳимтарин ҳастанд. Мардум ва миллатҳо талош мекунанд ба одитарин саволе, ки инсонҳо рӯ ба рӯ мешаванд, посух гӯянд: Мо кӣ ҳастем? Ва онҳо барои ҷавоб ёфтан ба ин суол аз равиши суннатие кор мегиранд, ки инсонҳо то имрӯз истифода мекарданд, яъне бо таваҷҷуҳ ба чизҳое, ки барои онҳо бештарин арзишро дорад. Инсонҳо ҳувияти худро дар пояи аҷдод, дин, забон, таърих, арзишҳо, одобу русум ва ниҳодҳо муайян мекунанд. Онҳо ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мешаванд: қабилаҳо, гурӯҳҳои қавмӣ, ҷомеаҳои динӣ, миллатҳо ва дар васеътарин сатҳ тамаддунҳо. Мардум аз сиёсат танҳо барои расидан ба манофеашон истифода намекунанд, балки барои муайян кардани ҳувияташон низ онро истифода мебаранд. Мо кӣ будани худро, танҳо ҳангоми донистани ин ки кӣ нестем ва ё дар бисёр ҳолат танҳо баъди донистани ин ки мо зидди кӣ ҳастем, медонем*" (6).

Дар ҳамон солҳои дигаргуншавии бузург дар низоми ҷаҳонӣ Ҳантингтон мушоҳида мекунад, ки кишварҳое, ки дар якҷоягӣ аз сохти сотсиалистӣ даст кашиданд, дар амалӣ сохтани ислоҳоти демократӣ аз якдигар фарқ мекунанд ва ин фарқият ба фарҳангу тамаддуни онҳо вобастагӣ дорад. Яъне кишварҳое, ки мероси фарҳангии ғарбӣ доранд, дар роҳи рушди иқтисодиву демократӣ

қадамҳои нисбатан устувор бардошта истодаанд. Ин дар ҳолест, ки ин равандҳо дар кишварҳои дорои фарҳанги Ортодоксӣ (православӣ) кунд буда, ояндаи норавшан доранд ва дар ҳамин ҳолат ояндаи кишварҳои дорои фарҳанги исломӣ нигаронкунанда аст. Дар воқеъ баъди қариб сӣ сол ҳанӯз мо ин фарқиятро мебинем, ки он боз ҳам равшантар шудааст.

Дар асоси ҳамин воқеиятҳо Самуел Ҳантингтон кӯшиш мекунад як парадигма, як харита ва ба истилоҳи дигар як модели рушди муносиботи байналмилалӣ барои давраи баъди Ҷанги сард коркард кунад. Ӯ мегӯяд "*агар мо дар бораи ҷаҳон ҷиддӣ андеша намоем ва дар он амалҳои самаранок дошта бошем, ба як намуд харитаи соддакардашудаи воқеиятҳо, як назария, консепсия, модел, парадигма эҳтиёҷ дорем*". Саранҷом ин харита ё моделро дар асоси тақсимоти тамаддунии ҷаҳон месозад ва пешкаши ҷаҳониён менамояд. Онро назарияи "Бархӯрди тамаддунҳо" меномад, ки ба хотири ғунҷонидани он дар қолаби як модели илмии рушди муносибатҳои байналмилалӣ ҷаҳонро ба 8 тамаддун тақсим мекунад. Яъне, (1) тамаддуни ғарб, (2) тамаддуни ортодоксӣ (провославӣ), (3) тамаддуни конфутсионӣ, (4)тамаддуни ҷопонӣ, (5) тамаддуни ҳиндуӣ, (6)тамаддуни исломӣ, (7) тамаддуни амрикои ҷанубӣ ва шояд (8)тамаддуни африқоӣ. Албатта, ин ба он маъно нест, ки дар ҷаҳон танҳо ҳамин 8 тамаддун вуҷуд дорад ё намояндагони ин тамаддунҳо аз як гиребон сар бароварда, бар зидди якдигар муборизаи дастаҷамъона мебаранд. Ин тақсимот тибқи қавонини илмии моделсозӣ сода карда шудааст. Худи муаллиф низ эътироф мекунад, ки "тасвири сиёсати пас аз Ҷанги сард тибқи факторҳои фарҳангӣ, ки бархӯрд ва ҳамгироии кишварҳо ва гурӯҳҳоро дар меҳвари тамаддунҳои гуногун дар бар мегирад, хеле содакардашуда аст. Он хеле чизҳоро ҳазф мекунад, таҳриф мекунад ва ё тира месозад". Аммо "*харитаҳо ё парадигмаҳои содакардашуда барои дарк ва амалкунии инсон ногузир ҳастанд. Мо метавонем ба таври саҳеҳ назарияҳо ё моделҳоро бисозем ва огоҳона онҳоро барои раҳнамоии рафтори худ истифода кунем*"(6). Барои тақвияти ин гуфтаҳо метавон назари Роберт Солоро

овард, ки барои модели рушди иқтисодии худ ва дигар корҳои илмӣ дар соҳаи Иқтисодиёти рушд, соли 1987 Ҷоизаи иқтисодии Нобелиро гирифта буд. Роберт Соло мегӯяд “*моделҳои беҳтарин маъмулан бисёр оддӣ ҳастанд, аммо маълумоти зиёдеро дар борaи он ки ҷаҳон чӣ тавр кор мекунад ба мо медиҳанд. Ҳама назария ба фарзҳое такя мекунанд, ки дурустии сардарсадӣ надоранд. Ин вижагиест, ки онро назария месозад. Санъати назарияпардозии муваффақона ин аст, ки гумонҳои содашудаи ногузир тавре пешкаш карда мешаванд, ки натиҷаи охирини он ҳассосияти зиёд надорад*”(7). Яъне метавон гуфт, ки модели Семуел Ҳантингтон низ дар пояи моделҳои илмӣ сохта шудааст ва қарор нест, ки ҳама падидаҳои ба вуҷудомада дар замони навро дар бар гирад. Аммо ба мо имконият медиҳад равандҳоро ба тартиб дароварда, дар кул тасаввур намоем, зарурро аз нозарур фарқ кунем, ояндаро пешгӯӣ намоем ва муҳимтар аз ҳама роҳҳои расидан ба аҳдофи худро интихоб намоем(6).




(манбаи расм: www.semanticscholar.org )

Самуел Ҳантинтон дар китоби худ моделҳои алтернативии сиёсати ҷаҳониро низ баррасӣ мекунад ва эътироф мекунад, ки як модел наметавонад ҷавобгӯи ҳама талаботҳо бошад. Яке аз ин моделҳои алтернативӣ “Як ҷаҳон: эйфория ва гармония” мебошад, ки намояндаи барҷастаи он ҳамон Френсис Фукуяма мебошад. Тибқи ин модел, ба истиснои чанд кишвари ҷаҳони сеюм пас аз Ҷанги сард бояд дар олам як раванди нисбатан

оромиву осудагӣ ва ҳамгироии зичи миллатҳо ҷорӣ мешуд. Аммо солҳои баъдӣ дидем, ки чунин нашуд. Дигар модел ин "Ду ҷаҳон: мо ва онҳо" мебошад, ки тибқи он ҷаҳон метавонист боз ба ду қутб тақсим шавад. Фарзияҳо зиёд буданд. Шимоли сарватманд ва Ҷануби фақир, мутамаддинҳо ва варварҳо, Шарқ ва Ғарб, минтақаҳои ором ва минтақаҳои ноором ва дигар фарзияҳои рушди ҷаҳони дуқутбаро донишмандон ҳадс мезаданд. Сеюм, модели давлатҳо мебошад. Яъне маҳз давлатҳои соҳибистиқлол дар муносиботи байналмилалӣ дар бархӯрду ҳамгироиҳо нақши бештаринро доранд. Сиёсати онҳо аст, ки асоси бархӯрдҳоро дар сатҳи ҷаҳонӣ дар худ инъикос мекунад. Чорум, модели хаос ва анархия аст, ки бо дар назардошти давлатҳои заиф ва давлатҳои шикастхурдаи зиёд дар ҷаҳон сохта шудааст. Ин моделро донишманд Зигниев Брезински ва дигарон дар корҳои худ баррасӣ кардаанд ва ин намунаи назарияи бадбинона буд. Ҳамаи ин моделҳои алтернативиро Самуел Ҳантингтон баррасии кӯтоҳ мекунад ва эътироф мекунад, ки дар шароитҳои хос онҳо низ коршоям ҳастанд. Дар қисмати муқоисаи ин моделҳои гуногун вай эътироф мекунад, ки "*парадигмаи тамаддунӣ як нақшаи нисбатан оддӣ, аммо на аз ҳад зиёд соддаи дарки равандҳои ҷаҳониро дар охири асри 20 пешниҳод менамояд. Ба ҳар ҳол ҳеҷ парадигмае барои ҳамеша хуб нест. Модели "Ҷанги сард" барои сиёсати ҷаҳонӣ барои 40 сол аҳамиятноку муфид буд, аммо дар охири солҳои ҳаштодум корношоям шуд ва дар як давраи дигар парадигмаи тамаддуниро низ ҳамин сарнавишт интизор аст. Бо вуҷуди ин, барои давраи муосир ин парадигма барои мо дастурамали муфиде мебошад, ки тавонем он чиро ки бештар муҳим аст аз он чӣ ки камтар муҳим аст, фарқ кунем*"(6).

Парадигмаҳо ва моделҳо пешгӯиҳо ҳам мекунанд. Ин вижагии моделҳоро баррасӣ карда Самуел Ҳантингтон дар ҳамон солҳои 1993, яъне зиёда аз 20 сол пеш аз сар задани ҷанг дар Украина, онро пешгӯӣ карда будааст. Вай овардааст, ки "*дар ҳоле ки парадигмаи давлатҳо дар муносибати Русияву Украина рақобати ду давлати бузург ва бархӯрд дар сатҳи давлатиро пешбинӣ мекунад. Модели бархӯрди тамаддунҳо порашавии*

*давлати Украинаро аз рӯйи тамаддун пешгӯӣ мекунад. Ин порашавии Украина бо сабабҳои фарҳангӣ метавонанд дар хунрезӣ хеле бадтар аз ҷудошавии Чехословакия бошад, аммо хеле камтар аз порашавии Югославия.*” Ҳоло 20 сол пас аз ин пешгӯӣ мо дар амал иҷро шуданашро шоҳид шудем. Ҳоло ин ҷо метавон дахолати Русия ва дигар омилҳоро пеш овард, вале воқеият ин аст, ки имрӯз Украина тибқи ҳамон пешгӯии Ҳантингтон пора шудааст.

Барои тақвияти афкори худ Самуел Ҳантингтон дар китоби худ чандин ҳаводисеро мисол мезанад, ки дар шаш моҳи аввали соли 1993 рух додаанд, ки мутобиқи модели “Бархӯрди тамаддунҳо” мебошанд. Дар ин рӯйхат ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ ҳаст, ки онро “набард миёни қувваҳои мусаллаҳи Русия ва муҷоҳидони чирикӣ” номидааст. Дар кадом асос ду ҷониби ҷанги дохили моро номгузорӣ кардааст, номаълум нест ва муҳим нест. Муҳим ин аст, ки ҷанги дохилии моро низ метавон бо модели “бархӯрди тамаддунҳо” баррасиву тасвир кард. Ҳарчанд дар тақсимоти тамаддунии Ҳантингтон ҳарду ҷониб аз тамаддуни исломӣ буданд, вале бо андак тақвият додани ин тақсимот мебинем, ки ин ҷо исломи суннатии омехта бо тамаддуни эронӣ-тоҷикӣ мавриди ҳамлаи муҷоҳидони ифротӣ қарор гирифта буд, ки аъзои “Фронти халқӣ” огоҳона ва ё ноогоҳона дар ин бархӯрди тамаддунҳо аз арзишҳои тамаддуни эронӣ-тоҷикии мо ҳимоят мекарданд.

Ҳадафи Ҳантингтон аз сохтани модели “Бархӯрди тамаддунҳо” пеш аз ҳама огоҳӣ додан ва раҳнамоӣ кардани давлатмардони ҷомеаи худаш аст. Вай ҳамчун як меҳанпарасти амрикоӣ кӯшиш мекунад ба гӯши тасмимгирон дар сатҳи баланд бирасонад, ки шефтаву фирефтаи бартариҳои илмиву ҳарбӣ ва давлатдории худ нашаванд ва аз хатароти дар пешистода ғофил набошанд. Боби 12-ми китоби худро ӯ пурра ба ҳамин мавзӯъ бахшида, камбудиҳои ҷомеаи Ғарбро номбар мекунад ва дар баробари он аз таърихи мағлуб шудани тамаддунҳои бузург мисолҳо оварда, таъкид мекунад, ки тамаддуни Ғарб метавонад бо пойбандӣ ба арзишҳои асосии худ, насроният, гуногунандешӣ,

индивидуализм ва волоияти қонун, ки ба Ғарб имкони модернизатсия шуданро дод, худро ҳифз кунад. Ӯ мегӯяд, "*масъулияти лидерони Ғарб кӯшиши дар сурати тамаддуни Ғарб даровардани дигар тамаддунҳо нест, чизе ки хориҷ аз қудрати таназзулёбандаи онҳост, балки нигаҳдорӣ, ҳимоят ва азнавсозии вижагиҳои тамаддуни Ғарб аст. Аз сабаби қудратмандарин давлати Ғарб буданаш ин масъулият аз ҳама бештар ба дӯши Иёлоти Мутаҳидаи Амрико меафтад.*" Ҳарчанд вай мултикултурализм ва муҳоҷирати намояндагони тамаддунҳои дигарро, ки дар фарҳанги Ғарб ассимилятсия (омехта) шудан намехоҳанд, зери тозиёнаи танқид гирифта, ҳифзи ягонагии тамаддуни Ғарб дар ватанашро талаб мекунад, таъкид мекунад, ки "*мудохилаи кишварҳои Ғарб ба корҳои дохилии тамаддунҳои дигар эҳтимолан бузургтарин сарчашмаи ноамнӣ ва бархӯрдҳои ҷаҳонӣ дар дунёи бисёртамаддунӣ хоҳад буд.*" Яъне мавқеи Ҳантингтон таҳоҷумӣ набуда бештар ҳимоявӣ ба назар мерасад.

### Нақди модели "Бархӯрди тамаддунҳо"

Назарияи "Бархӯрди тамаддунҳо"-и Самуел Ҳантингтон яке аз баҳсбарангезтарин назарияҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Мунаққидони ин назария дар бисёр маврид, қонуну қоидаҳои моделсозиро ба назар нагирифта, кӯшиш мекунанд, то онро барои мувофиқат накардан бо ин ё он раванд инкор кунанд. Масалан, Ҷефрӣ Ҳейнес аз Донишгоҳи Лондон эрод мегирад, ки "*худи идеяи ҷаҳони тақсимшуда миёни 7 ё ҳашт тамаддун чаранд ба назар мерасад*"[8]. Ин дар ҳолест, ки Ҳантингтон сароҳатан таъкид мекунад, ки ин тақсимоти содакардашуда аст ва танҳо барои сохтани модели коршоям истифода шудааст. Яъне вай намегӯяд, ки ҷаҳони мо танҳо аз ҳамин 8 тамаддун иборат аст. Вале ин мунаққидаш инро ба назар нагирифта, эроди ноҷо гирифтааст. Ё гурӯҳи дигар аз сари таассуб ба боварҳои худ онро бо овардани бардоштҳои нодурусти худ аз дину мазҳаб рад карданӣ мешавад.

Ба ҳар ҳол ин назария ҷонибдорони худро пайдо кард ва аз ҳама муҳимтар ин назария дар долонҳои тасмимгирандагони

Ғарб ҷойгоҳ пайдо кард, ки бе шак ҳадафи аслии муаллиф буд. Агар бархӯрдҳои дар тӯли 30 соли охир рӯйдодаро арзёбӣ кунем, мебинем, ки бештарини онҳо ба модели "Бархӯрди тамаддунҳо" мувофиқ меоянд. Дар баробари ин, дар сиёсати кишварҳои Ғарбӣ метавон таъсири назарияи мазкурро мушоҳида кард. Сайид Мансуб Муршид, аз Донишгоҳи Эрасмуси Ҳоланд, дар баробари эътирофи ин воқеият, ки дар давраи 20 сол пас аз нашри мақолаи Ҳантингтон бурхурдҳои тамаддунӣ дар воқеъ зиёд шуданд, дар ин бархӯрдҳо бештар фарҳангу сиёсати Ғарбро гунаҳгор мекунад. Иддао дорад, ки мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоии мусалмонон дар кишварҳои ғарбӣ онҳоро ба доми гурӯҳҳои террористӣ мебарад. Ва ё суханрониҳои баъзе сиёсатмадорони ростгарои кишварҳои аврупоиро мисол оварда, кӯшиш мекунад, ки онҳоро низ дар ин бархӯрдҳо мунқасир нишон диҳад. Аммо ин ҳама иддаоҳо дар асл тасдиқкунандаи назарияи "Бархӯрди тамаддунҳо" буда, бархӯрди ин ду тамаддунро ифода мекунад. Ҳамин муаллиф зери таассуботи динии худ, кӯшиш мекунад, тамаддуни худро хеле таҳаммулгаро, мардумсолор ва беозор тасвир намояд. Аз таърихи ихроҷи мусалмонон аз Испания ва Сисилия, куштори онҳо дар Балкан ва Фаластинро ёдовар мешавад, вале бо вуҷуди эронӣ будан аз ҷиноёти хулафои рошидин ва Аббосиён нисбати эрониён ва тамаддуни эронӣ-тоҷикӣ чизе намегӯяд. Ин ҳам баёнгари таассуб доштани вай аст, ки ин мақолаи ӯро аз нуқтаи назари илм беарзиш месозад. Бо вуҷуди ин, вай дар ин матлаби худ чанд назароте дорад, ки тасдиқкунандаи назарияи Ҳантингтон аст. Масалан, вай мегӯяд, ки: "*ин камбағалӣ ва мушкилоти шахсии ҷавонони мусалмони кишварҳои Ғарб нест, ки онҳоро ба гурӯҳҳои ифротгаро ҷалб месозад, балки нокомиҳои кулли мусалмонон дар ин кишварҳо онҳоро ба ин роҳ мебарад.*" Ё: "*илова бар даст задан ба амалҳои террористӣ, "ифротгароии исломӣ" дар дигар амалҳои бидуни хушунат, ба монанди ҳиҷобпӯшӣ ва дигар унсурҳои фарққунанда низ ифода меёбад, ки ин аъмоли рамзӣ нороҳатии ғарбиёнро ба вуҷуд меоваранд, бо ин сабаб, ки ҳамчун радди пархошгаронаи тамаддуни ғарбӣ қабул карда мешавад*"[8]. Дар баробари ин, аз як тадқиқоти соли 2008 ёдовар

мешавад, ки нишон додааст шумори зиёди аҳолии кишварҳои Ғарб назари манфӣ ба мусалмонон доранд. Ин ҳама назарот тасдиқкунандаи он аст, ки дар ин чанд даҳаи охир бархӯрдҳои тамаддунӣ зиёд шудааст.

Собиқ президенти Эрон Муҳаммад Ҳотамӣ низ дар тасдиқи назарияи "Бархӯрди тамаддунҳо" мегӯяд "*пештар Ҳантингтон масъалаи ситези тамаддунҳоро матраҳ карда буд, ки дар воқеъ бозгӯкунандаи воқеияти сорӣ ва ҷорӣ дар ин рӯзгор буд. Аммо набояд иҷоза дод, ки ин воқеият сарнавишти ҳамаи миллатҳо ва кишварҳоро рақам бизанад. Агар парадигмаи мавҷударо иваз кунем ҳамаи натоиҷ дигаргун хоҳад шуд*"(9). Ӯ дар соли 2000 дар суханронии худ дар Маҷмааи умумии СММ пешниҳод карда буд, ки соли 2001-ум соли "Гуфтугӯи тамаддунҳо" эълом карда шавад ва ҳамчунин ҳам шуд. Вале мутаассифона, ин пешниҳоди Ҳотамӣ бештар сиёсӣ буд то илмӣ, ки бо вуҷуди тарғиби зиёд шуданаш аз ҷониби худи муаллиф ва дигар ҷонибдоронаш, амалӣ нашуд. Худи муаллиф низ натавонист ягон механизми дурусти амалӣ сохтани онро пешниҳод кунад. Бо эътирофи муаллифи муқаддимаи китоби "Гуфтугӯи тамаддунҳо" Муҳаммадалӣ Абтаҳӣ ин тарҳ ҳатто "*дар Эрон мавриди бемеҳрӣ қарор гирифт*"(10). Доктор Масъуд Ҳоҷизода низ мегӯяд, ки "*ба "Гуфтугӯи тамаддунҳо" ба шакли сиёсӣ бархӯрд намуданд ва дар ҳоле, ки ин андеша дар сатҳи ҷаҳонӣ эътибор ёфт дар сатҳи дохилӣ ба матраҳ намудани он баҳои кофӣ нададанд ва онро ҷиддӣ нагирифтанд*"(11). Парадигмаи "Гуфтугӯи тамаддунҳо" дар матбуоти Тоҷикистон низ пайваста баррасӣ мешуд. Ба ҳар ҳол дар шароити ҳозира амалӣ шудани он номумкин аст. Чунки то ҳол болоравии ҳувияти фарҳангӣ, махсусан динӣ, дар аксар кишварҳо дида мешавад ва иштироки мазҳаб дар сиёсат зиёд ба назар мерасад. Мусаллам аст, ки таълимоти баъзе аз ин динҳо таҳоҷумӣ ва нафратбарангез аст. Дар чунин ҳолат бархӯрдҳои тамаддунӣ зиёд мешаванду кам не. Шояд баъди як давраи муайян шароит тағйир ёбад ва тибқи пешгӯии худи Ҳантингтон модели "Бархӯрди тамаддунҳо" корношоям гардад. Он замон шояд, баъди ислоҳи таълимоти худ ва бештар инсондӯстона

кардани онҳо, аз ҷониби намояндагони ин ё он тамаддун, роҳ ба сӯи амалӣ сохтани парадигмаи “Гуфтугӯи тамаддунҳо” кушода шавад.

**Воқеият баъди 27 сол**

Модели “Бархӯрди тамаддунҳо”-и Самуел Ҳантингтон, дар тайи 27 соли охир бисёре аз бархӯрдҳо дар сатҳи ҷаҳониро дар худ ифода мекунад. Сар карда аз ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон то наслкушии курдони ориёӣ аз ҷониби исломиҳои бунёдӣ ва фоҷеаи Яманро метавон ба осонӣ дар қолаби модели мазкур ҷой дода, баррасӣ кард. Албатта барои ин корро кардан тақсимоти Ҳантингтонро васеътар кардан лозим меояд. Яъне ба монанди ба се қисмат ҷудо шудани насрониҳо миллатҳои мусалмонро ҳам метавон бо шиаву суннӣ ва модерну бунёдгаро қисмат кард. Ба шиаву сунни ҷудо шудани ин тамаддун ба асрҳои миёна рост меояд, аммо танҳо дар асрҳои 19-20 буд ки ин тамаддун ба модерну бунёдгаро тақсим шуд. Ҳанӯз Арнолд Тоимбӣ дар асари худ “Тамаддун дар озмоиш” дар соли 1948 ин тақсимотро баррасӣ карда буд (12).

Ҷангҳо дар Кавказ, Югославия, Афғонистон, Ироқ, Сурия, Украина, Яман ва чанде аз кишварҳои африқоиро ҳам бархӯрди тамаддунҳо гуфтан мумкин аст. Дар Қафқоз Арманистону Озарбойҷон ва чечену русҳо, дар Югославия мусалмону ортодокс ва ортодоксу католикҳо, дар Афғонистон исломиҳои бунёдгаро ва коалитсияи ғарб, дар Ироқ боз ғарбу арабҳо ва баъдан ҷанги ДИИШ муқобили ҳама, дар Яман ҷанги минтақавии шиаву сунӣ ва дар Украина ҷанги ортодоксҳо бо украиниҳои греко-католикро метавон дар қолаби ин модел тавзеҳ дод, ки дар аксар ҳолат дар ин бархӯрдҳо чандин кишвар иштирок мекарданд, яъне аз доираи як кишвар берун буда, табиати онҳо тамаддунӣ буд.

Баъди кушторҳои фоҷеаноки собиқ ҲНИ дар Тоҷикистон ва Толибон дар Афғонистон, қатли оми курдҳо аз тарафи ДИИШ сангинтар буд. Дар падидаи тамаддунии ДИИШ намояндагони онҳо аз ҳама зиёд курдҳоро нобуд мекарданд. Сабаби он ҳам аз тамаддуни дигар будани ин миллат мебошад. Бо вуҷуди он, ки

курдҳо мусалмон буданд, вале исломи онҳо дар тамаддуни ориёияшон ҳазм шуда буд. Инро бунёдгароҳои ДИИШ медиданд ва барои тамаддуни дигар доштанашон курдҳоро мекуштанд, моликияташонро ғорат мекарданд ва зану духтарҳояшонро ҳамчун каниз бо худ мебурданд. Ҳамаи ин бераҳмиҳоро дар асоси суннату қонунҳои тамаддунии худ мекарданд. Дар фронти дигар ин бунёдгароҳо бо намояндагони исломи шиа меҷангиданд, ки аз аъроби шиаи Сурия, Ироқ ва Эрон иборат буданд. Ҳарчанд Русия дертар вориди ин бурхурд шуда бошад ҳам, ин маънои ҳамкории ду тамаддуни мухталиф барои нест кардани тамаддуни дигари ғосиб, нафратпарокан ва ҷаҳонталабро дошт. Ҳамкории тамаддунҳо дар бархӯрд ба як душмани муштаракро ҳам Ҳантингтон дар назарияи худ пешбинӣ карда буд.

Ҳама ин ҳаводиси бо тамаддуну мазҳабҳои гуногун рабтдошта нишон медиҳанд, ки модели “Бархӯрди тамаддунҳо”-и Самуел Ҳантингтон як модели коршоям буда, бештари равандҳо ва бархӯрдҳо дар ҷаҳони муосирро, то имрӯз, дар худ ифода мекунад. Дар ҳоли ҳозир бархӯрдҳои бунёдгароҳо дар Сурия зери пуштибонии Туркия бо курдҳои ориёӣ, бархӯрдҳои шиаҳои Яман бо дастгирии Эрон бо сунниҳои ин кишвар бо дастгирии коаллитсияи кишварҳои арабӣ бо сарварии Арабистони Саудӣ, бархӯрдҳои бунёдгароҳои Нигерия бо ҳукумати ин кишвар, мушкилоти мусалмонони Мянмар бо ҳукумати буддоии он ва мушкили шарқи Украин идома доранд. Ин ҳам далели он аст, ки мутассифона то имрӯз модели Ҳантингтон актуалӣ мебошад. Инсоният то ҳол роҳҳои аз байн бурдани мушкилот дар муносибати намояндагони тамаддунҳои гуногунро наёфтааст. Ҳама аз сулҳу гуфтугӯи тамаддунҳо сухан мегӯянд, вале ҳеҷ тамаддуне кӯшиши ташхису муайянсозии камбудиҳои худро накардааст. Дар бештар маврид омилҳои хатарзои тамаддунҳо ба адёни муқаддас бастагӣ доранд, ки онҳо ислоҳнопазир ҳастанд. Ҳатто кишварҳои абарқудрат ва созмонҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ба ҷойи талаби ислоҳи омилҳои хатарзои адён ба пуштибони аслии онҳо табдил ёфтаанд. Онҳо пушти мафҳуми озодии виҷдон пинҳон шуда, аз

ҳизбу ҳаракатҳои динӣ дар баробари ҳукуматҳои дунявӣ ва донишмандони алоҳида мубориза мебаранд. Ҳамин бархӯрди нодуруст дар сатҳи ҷаҳонӣ боиси пайдо шудани ДИИШ гардида буд, ки натиҷаашро ҳама медонад. Ҳоло пасмондагони ҳамин гурӯҳи ваҳшатзо аз ҷониби кишварҳои минтақа пуштибонӣ ёфта, курдҳои ориёиро мекушанд. Навори ғорати шаҳри Африн ва барандохтани пайкараи қаҳрамони тамаддуни ориёи Коваи Оҳангар, аз ҷумлаи ҳамин ҷиноятҳои ба амаломада пушти мафҳуми озодии виҷдон мебошад. Дар сатҳи байналмилалӣ ва ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи башар, ҳеҷ кас ҷилави омилони ин куштору ғоратгарӣ ва поймолсозии ҳуқуқи курдҳои ориёиро нагирифт. Чунин бархӯрди духура бо амилҳои хатарзо дар миёни тамаддунҳо роҳи гуфтугӯро бастааст ва дар натиҷа ин ҳама бархӯрдҳои тамаддуниро мебинем, ки аз он гурӯҳҳои муайян суд меҷӯянд. Ин дигар воқеияти имрӯзӣ аст.

**Дурнамои бархӯрди тамаддунҳо**

(ба ҷойи охирсухан)

Яке аз омилҳое, ки боиси ба вуҷуд омадани ҷанги сард шуда буд, ин ҷаҳонхоҳии ду системаи давлатдорӣ ва нафрати онҳо нисбати якдигар буд. Кишварҳои дорои низоми сармоядорӣ бо сарварии ИМА кӯшиш мекарданд низоми демократияи либералиро дар ҷаҳон густариш диҳанд, аз ҷониби дигар кишварҳои сотсиалистӣ бо сарварии ИҶШС кӯшиш мекарданд коммунизмро дар тамоми ҷаҳон паҳн созанд. Дастбакорони ҳарду низом ба якдигар нафрат доштанд ва аъмоли якдигарро зиддиинсонӣ мешумориданд. Дар ин замина ҷанги сард қариб 40 сол идома ёфт. Саранҷом коммунистони Шӯравӣ ба бунбасти иқтисодӣ гирифтор шуданд ва афкори худро бозбинӣ карда, аз ҷаҳонхоҳӣ даст кашиданд. Онҳо бо як мардонагии ба худ хос нафратро канор гузошта, вориди ҳамкориҳову ҳамгироиҳои зич бо рақибони дирӯзаи худ шуданд. Ин буд анҷоми Ҷанги сард ва оғози марҳилаи нав дар муносибатҳои байналмилалӣ.

Ҳоло агар нақши ин ду омил, ҷаҳонхоҳӣ ва нафратро, дар модели "Бархӯрди тамаддунҳо" баррасӣ кунем, мебинем, ки дар

воқеъ ҷойгоҳи муайяни худро доранд. Махсусан дар муносиботи тамаддуни исломӣ бо Ғарб ва дигар тамаддунҳо ин ду омилро ошкоро дида метавонем. Яъне ҷаҳонхоҳӣ ва нафрати байни ҳамдигарӣ вуҷуд дорад ва аксари ҷангу терроргҳо дар асоси ҳамин ду омил ба вуҷуд меоянд. Албатта, ин ҷо наметавон кулли намояндагони ин тамаддунҳоро ҷаҳонхоҳ ва бадбини якдигар хонд. Аммо бо вуҷуди бетараф ва ҳатто зидди ҷаҳонхоҳиву нафрат будани як қишри ин ҷомеаҳо, қишри фаъоли ин тамаддунҳо огоҳонаву ноогоҳона дар ҳамин масир ҳаракат карда истодаанд. Ин метавонад далели он бошад, ки модели "Бархӯрди тамаддунҳо" дарояндаи наздик корношоям нахоҳад шуд. Моро дар пеш ҷангу терроргҳои навбатӣ интизоранд, ки аз ҷониби намояндагони тамаддунҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. Ин дар ҳолест, ки айни замон мушкили курдҳои ориёӣ бо исломиҳои бунёдгаро, уйғурҳои мусалмон бо чиниҳои конфутсионӣ, мусалмонони Мянмар бо буддоиҳои ин кишвар, ҷанги шиаву сунниҳо дар Яман ва чандин бархӯрдҳои тамаддунии дигар дар Африқо ҳалли ниҳоии худро наёфтанд.

Мутаассифона, нафрат нафрат мезояд. Як мисоли оддӣ силсилаи терроргҳои бархоста аз мухталиф будани дидгоҳҳои Ғарбу ислом дар масъалаи озодии баён метавонад бошад. Дар соли 2015 тибқи арзишҳои тамаддунии худ ва дар асоси ҳуқуқҳои констутсионияшон чанд кормандони ҳафтаномаи ҳаҷвии "*Charlie Hebdo*", дар Пориси Фаронса, карикатураи зиди дини Исломро мунташир карданд. Ин нафрати бунёдгароҳои исломиро зиёд карда, боиси бархӯрдҳои лафзии зиёд ва саранҷом иҷрои чанд амали террористӣ гардид. Намояндагони тамаддуни исломӣ кормандони маҷаллаи фаронсавии "*Charlie Hebdo*"-ро террор карданд, ки он 12 кушта ва 11 захмӣ ба ҷой гузошт. Ин ҷинояти дар асоси нафрат иҷрошуда, намояндагони тамаддуни Ғарбро ба хашм овард. Баъди 4 сол, соли 2019, яке аз пайвандони қурбониёни амали террористӣ дар дафтари ин ҳафтанома, дар асоси нафрат ва барои қассос аз мусалмонон дар ду масҷиде дар Зеландияи Нав амали террористӣ иҷро кард, ки аз худ 51 кушта

ва 49 захмӣ ба ҷой гузошт. Яъне, нафрат нафрат зоид ва намояндагони ду тамаддун хуни ҳам рехтанд.

Маълум аст, ки дар дарозмуддат ин вазъият дигар хоҳад шуд. Махсусан раванди ҷаҳонишавӣ то рафт вобастагии тамаддунҳоро аз якдигар зиёд карда истодааст, ки ин метавонад шиддати бархӯрдҳоро кам карда, заминаи гуфтугӯ ва ислоҳшавии онҳоро муҳайё созад. Аммо дар ояндаи наздик мушкили тамаддунҳо вуҷуд хоҳад дошт. Чунки ҳоло ҳар ҷониб мувофиқи фалсафаи "тамаддуни ман ба зоти худ надорад айбе" амал карда истодааст ва ҳеҷ кас омода нест, камбудии тамаддуни худро баҳри ба даст овардани сулҳу оромии пойдори ҷаҳонӣ ба таври холисона эътироф ва бартараф намояд. Ҳатто баъзе муҳаққиқон ин мушкилотро нодида гирифта, модели "Бархӯрди тамаддунҳо"-ро аз бунёд рад мекунанд ва иддао мекунанд, ки дар таълимоти тамаддунҳояшон ягон камбудие ҷой надорад.(13) Махсусан мушкилоти бархоста аз таълимоти адёни ба истилоҳ "осмонӣ" дар ин ояндаи наздик пушти пардаи муқаддасот монда, мавриди ислоҳот қарор намегиранд. Ва чун адён таъсири назаррас ба тамаддунҳои муайян доранд ва наметавон аз мубаллиғон ва раҳнамоҳои онҳо мардонагии коммунистони Шӯравии солҳои 80-уми асри гузаштаро интизор шуд, бархӯрди тамаддунҳо идома хоҳад ёфт. Ин вазъият моро водор месозад, ки дар оянда аз модели "Бархӯрди тамаддунҳо" истифода бурда, оянданигарӣ кунем ва мушкилоти эҳтимолииояндаро дар воқеияти имрӯз бартараф созем. Муҳимтар аз ҳама роҳҳои расидан ба аҳдофи худро интихоб намоем(6). Равише ки аксари кишварҳои қудратманди ҷаҳон аз он истифода мекунанд.

**Сарчашмаҳо**


1. Доктор Чингиз Паҳлавон, Фарҳангшиносӣ, саҳ.390, Теҳрон, 2003;
2. Ҳамонҷо, саҳ 41;
3. Ҳамонҷо, саҳ 48;
4. Комил Бекзода, Сарнавишти фарҳанги ориёӣ, Маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа", №2(20), саҳ.176;

5. Фрэнсис Фукуяма, Конец истории и последний человек, Москва, АСТ-2015, саҳ. 7;
6. Samuel Huntington, The Clash of Civilizations and remaking of World Order;
7. Charles L. Jones, Economic Growth, Second Edition, New Delhi-2015;
8. J. Paul Barker, The Clash of Civilizations Twenty Years On,
9. Муҳаммад Ҳотамӣ, Гуфтугӯи тамаддунҳо, Теҳрон-2009, саҳ 130;
10. Ҳамон ҷо, саҳ.10;
11. Масъуд Ҳоҷизода Маймонӣ, Нақши васоили иртиботи ҷамъӣ дар гуфтугӯи тамаддунҳо;
12. Arnold J Toynbee, Civilization on Trial, Oxford University Press 1948;
13. Mohamad Zaidin Mohamad, The Clash of Civilizations: A Historical Perspective, The Social Sciences 10 (3): 312-317, 2015;
14. Ёрмаҳмад Ниёзӣ, Муҳтавои бархӯрди тамаддунҳо ва таъсири он ба ҷомеаи тоҷик, Маҷалаи “Илм ва Ҷомеа”, №1(5), 2017;
15. Anastasia Oprea, The border that is not there: a critique of Samuel Huntington's concept of “Clash of Civilizations”.

# ДУНЁМАДОРӢ ВА АХЛОҚНИГАРӢ

**Нозим Нурзода**
*пажӯҳишгар*

## ДУНЁМАДОРӢ ВА ИНСОНМЕҲВАРӢ

Инсон аз бомдоди зиндагӣ ба донистану дарк кардани ҳастӣ ва вуҷуду ҳайсияти худ талош варзида, то имрӯз дар ин масир ҳаракат мекунад. Саъю талошҳои инсонӣ дар ростои шинохти ҷаҳону ҳастӣ ва шахсияту ҳайсияти фардию ҷамъӣ боиси ба вуҷуд омадани мактабу маслак, ҳазбу ҳаракат ва созмону иттиҳодияҳои гуногуни фикрӣ, сиёсӣ, идеологӣ, динӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ҳунарӣ, эҷодӣ ва маданӣ гардидааст. Дар меҳвари фаъолиятҳо ва барномарезиҳои рӯзмарраи инсонҳои огоҳу ҳушманд ҳамеша беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии инсонӣ қарор доштааст ва барои пиёда кардани пружаҳои сиёсӣ, фикрӣ, иқтисодӣ, илмӣ, эҷодӣ ва маданӣ инсон аз ирода ва неруи илму хирад истифода кардааст. Ба ин тартиб, маҳз ба воситаи талошҳои мудавом ва рӯзмарраи инсонҳои огоҳу ҳушманд тайи таърихи тӯлонӣ ҷомеа ва давлатҳои инсонмеҳвар ва хирадбунёд ба вуҷуд оварда шудаанд. Намуна ва ё моделҳои давлат ва ҷомеаҳои инсонмеҳвар ва илмбунёдро имрӯз дар симои давлатҳои пешрафта ва модерну мутамаддини имрӯзӣ метавон мушҳоҳида кард. Албатта, дар ба вуҷуд овардан ва тавсеа бахшидани ҷомеаҳои хирадбунёд ва инсонмеҳвар дониш, биниш ва таҷрибаи гузашта васеъ истифода бурда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҳакимону файласуфон аз қадим дар орзуи сохтмони як давлат ва ҷомеаи озоду ободи ормонӣ будаанд, ки дар он инсон меҳвари зиндагӣ ва арзишҳо дониста ва пазируфта шуда, кору фаъолиятҳои инсонӣ дар партави хирад ва ойини меҳрварзию вафодорӣ сурат бигиранд. Ба ин далел, ҳанӯз дар қадим ва асрҳои миёна тарҳҳои фикрӣ, фалсафӣ, адабӣ, ирфонӣ, сиёсӣ ва мадание рӯйи кор омаданд, ки бар

мабнои ормонгаройӣ таҳаққуқ ёфта буданд. Аммо, ба иллати ин ки ҷомеаҳо дар ҳолати карахтии фикрию эҷодӣ ва фақри маънавӣ қарор дошта, тахти таъсири бевоситаи рӯҳониёну сиёсиёни мустабиди замон будаанд, пружаҳои фикрию эҷодӣ ва фалсафии донишмадорону равшанфикрони замон (манзур аҳли илму фалсафаи даврони қадим ва асрҳои миёна аст) на танҳо татбиқ нашуданд, балки муаллифону ҷонибдорони чунин пружаю барномаҳои созанда ҳамеша ба фишору таъқиб, таҳдиду тазйиқ ва қатлу куштор мувоҷеҳ гардидаанд. Ҳамин тариқ, меъёри асосӣ дар барномарезиҳо ва ё ба истилоҳ, пешфарзияҳои ормонӣ, ки аз ҷониби мутафаккирону андешамандон ва ҳакимону файласуфони гузаштаи шарқию ғарбӣ матраҳ гардида буданд, хирадмандӣ ва меҳрварзӣ муаррифӣ шудааст.

Ин ки дар фалсафа ва афкори фалсафии муосир инсон ба унвони меҳвар ва маънои вуҷуду ҳастӣ талаққӣ шудааст (манзур фалсафа ва ҷараёнҳои муосири фалсафианд, ки инсонро дар маркази таваҷҷуҳ қарор медиҳанд), маънои онро надорад, ки дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна андешаҳое, ки бар мабнои инсонмеҳварӣ ироа гардидаанд, вуҷуд надоштаанд. Чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб анвои андешаҳое, ки дар қолаби осори манзуму мансур мунсаҷим гардида, вежагии инсонмеҳварӣ доштанд, кам набуданд. Гузашта аз ин, ҳакимону файласуфон ва мутафаккирони шарқию ғарбӣ барои аз қайдубанду асорати фикрию идеологӣ ва ақидатию иҷтимоӣ наҷот додани инсон саъю кӯшиши фаровон карда, дар ин замина осори арзишманди адабӣ, бадеӣ, фалсафӣ, сиёсӣ ва ҳунарӣ ба мерос гузоштаанд. Мероси арзишманди ҳиндӣ, чинӣ, эронӣ, мисрӣ, юнонӣ ва румӣ гувоҳи он аст, ки мавзӯи инсонмеҳварӣ дар тавъамӣ бо хирадварзӣ ва меҳрпарастӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор доштааст. Ҳарчанд ки дар осори фарҳангии бостонӣ ва асримиёнагӣ, махсусан мероси шарқӣ мавзӯоти динӣ ва ирфонӣ бештар инъикос ёфтаанд (ногуфта намонад, ки дар асрҳои миёна, дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб теократизм ва ё илоҳимеҳварӣ ба сифати мафкураи калидӣ дар тамоми шууни зиндагӣ салтанат доштааст), таваҷҷуҳ ба ҳайсият ва шахсияти инсони пӯё, ҷӯё, ҷуръатманд ва офаранда аз авлавиятҳои фикрию фалсафӣ ва эҷодию ҳунарӣ ба шумор мерафтааст. Ба ҳар сурат, фарҳанги

бостонӣ ва асримиёнагии шарқию ғарбӣ аз матраҳ кардани масъалаҳои ҷиддии давру замон канор намондааст.

Муҳимтар аз ҳама, дин ва мазҳаб аз қадимтарин замонҳо ба сифати қудрати сиёсӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ дар ҷомеа нуфуз доштааст ва сардамдорони динӣ на танҳо умури мазҳабӣ ва ойинӣ, балки тамоми фаъолиятҳои инсониро таҳти назар мегирифтаанд. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки муносибати мутақобили «дин ва сиёсат» тайи 5 ҳазор соли ахир ба масъалаи дин ва контрол иртибот мегирад. Дин ва контроли ҷомеа тайи асрҳои тӯлонӣ, ки ба даврони набуди осори хаттӣ марбут мешавад, масъалаи меҳварӣ будааст (ниг.: Гараджа В. И. Социалогия религии: Учебное пособие для студентов и аспирантов гуманитарных специальностей. -Москва: Аспект Пресс, 1996. -С.146). То падид омадани давлат дин тавассути васила ва приёмҳои сиёсӣ ҷомеаро идора мекард ва аз ин тариқ бо системаи сиёсӣ пайванд меёфт. Муҳокимаи инсонҳо, табъиду муҷозот кардани онҳо дар доираи фармудаҳои динӣ дар ҷомеаҳои ибтидоӣ иттифоқ меафтодааст ва ин навъ муносиботи аввалияи иҷтимоӣ алоқамандии динро бо сиёсат дар давра ва мароҳили ибтидоӣ таҳаққуқ бахшидааст (таваҷҷуҳ шавад ба: Гараджа В. И. Социалогия религии: Учебное пособие для студентов и аспирантов гуманитарных специальностей. -Москва: Аспект Пресс, 1996. -С.145-148).

Гузашта аз ин, муборизаи равшанфикрону мутафаккирон бо динмадорону рӯҳониён, ки аз пуштибонии бевоситаи шоҳону амирон ва сиёсиёни даврон бархӯрдор буданд, далели он аст, ки инсон ва озодиҳои фитрию зотии ӯ сарчашмаи баҳсҳои ҷиддии ҳар давру замон будааст. Агар дар Шарқ маобиди динӣ ба унвони фронти сиёсию идеологӣ ва фикрию ақидатӣ хидмат мекарданд, дар Ғарб калисо минҳайси неруи тавонои сиёсию мафкуравӣ ва динию мазҳабӣ дар пушти давлатҳо қарор гирифта буд.

Ба сухани дигар, калисо дар Ғарб ба дастгоҳи пурқудрати ақидатӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфта, бо давлат ва сиёсат дар иртиботи қавӣ қарор гирифта буд ва ин ду неру (калисо ва давлат) тамоми умури зиндагиро назорат мекарданд. Илова бар ин, ҳар ду неру (калисо ва давлат дар назар аст) танҳо ба хотири ба ҳам ҷур омадани манфиатҳояшон ҳамкорӣ

мекарданд (мутаассифона, имрӯз ҳам дар бархе кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ, ки низоми давлатдории дунявӣ доранд, баъзан ҷараёни ҳамкории элитаи сиёсию давлатӣ бо рӯҳониён ба хотири манофеъ ба мушоҳида мерасад. Албатта, ниёзҳои муштарак онҳоро ба ҳам меоварад ва дар як масир қарор медиҳад). Бад-ин минвол, дар Ғарби асримиёнагӣ табақаи рӯҳонӣ дар симои калисо ва табақаи давлатӣ дар симои давлатмадор бо ҳам ҳамкорӣ мекарданд ва барои расидан ба манофеи худ як ҳадафро дунбол менамуданд. Ин буд, ки дахолат дар корҳои динию мазҳабӣ (аз тарафи шоҳону давлатмадорон) ва вуруд ба умури сиёсию идорӣ ва давлатӣ (аз ҷониби динмадорону рӯҳониён) ҳодисаи муқаррарӣ ба шумор мерафт. Бавежа, ҳамкории ин ду неруи тавонманд дар самти фишор болои озодандешону равшанфикрон ва аз саҳнаи сиёсию маданӣ ва иҷтимоию фикрӣ дур андохтани донишмандону мутафаккирон ҷиддӣ будааст. Барои намуна, яке аз императорони Рум ба номи Константин ва ҳамчунин ҷонишини ӯ бо хости худ дар умури дин дахолат ва барои расидан ба манофеи худ аз дин баҳрабардорӣ мекарданд. Як рӯҳонии бузург хитоб ба императоре ба исми Теодосиюс чунин гуфта буд: “Императури ман! Сарзамини маро аз кофирон поксозӣ кун, ман дар баробар биҳиштро ба ту пешкаш мекунам. Маро дар нобудии нобоварон ёрӣ деҳ ва ман туро дар аз байн бурдани эрониён мадад хоҳам дод” (ниг.: Иронӣ Аҳмад. Ҷудоии Ҳукумат аз дин. Лос-Анҷелес, 1994. С.16). Ин аст, ки калисо ва рӯҳониёни масеҳӣ ҳаргиз равшанфикрон ва озодандешонро таҳаммул намекардаанд ва ба ин далел дар он замон мадорои мазҳабӣ ва ҳамзистии эътиқодӣ аслан вуҷуд надоштааст.

Бо гузашти замон қудрат ва неруи калисо ва рӯҳонияти масеҳӣ ончунон боло меравад, ки дар даруни рӯҳоният “силсилаи маротиб” ташаккул меёбад ва дастгоҳи калисо дар империяи Рум ба яке аз тавонмандтарин ниҳодҳои сиёсӣ ва идеологӣ бадал мешавад. Баландтарин мақом дар ин силсилаи маротиб “поп” будааст, ки он ҷонишин ва ё намояндаи зиндаи Исои Масеҳ талаққӣ мешуд. Дар охирин солҳои қарни панҷуми мелодӣ қудрати рӯҳонияти масеҳӣ ончунон боло мегирад, ки яке аз попҳои масеҳӣ хитоб ба император мегӯяд: “Ду неру бар ин

ҷаҳон ҳукмравоӣ мекунанд: неруи муқаддас рӯҳониён ва қудрати император. Неруи аввал муҳимтар аз дувумӣ аст, зеро дар рӯзи доварӣ ин неру дар баробари Худо ҷавобгӯйи ҳама ва ҳатто ҷавобгӯйи императорон хоҳад буд” (ниг.: Иронӣ Аҳмад. Ҷудоии Ҳукумат аз дин. Лос-Анҷелес, 1994. С.17).

Ҳамин тариқ, бо ибтикороти табақаи равшангари ғарбӣ дар Аврупо мавҷи нави таҳаввулоту пешравӣ ба вуҷуд омад, ки онро ба таври истилоҳӣ “Даврони Эҳё” (Эпоха Возрождение) ном бурдаанд. Даврони Эҳё (Ренесанс) дар Аврупо илм ва хирадро дар муқобили хурофоту таассуби мазҳабӣ қарор дод ва роҳи мубориза ва муқовиматро алайҳи калисоиён ва рӯҳониёни масеҳӣ ҳамвор сохт. Махсусан, озодии виҷдон ва ҷудойии дин аз давлат, ки аз мавзӯоти бунёдӣ ва калидии системаи давлатдории дунявӣ ва демократӣ маҳсуб меёбанд, дар тарҳҳои фикрию сиёсии андешамандони ғарбӣ, назири Волтер, Дидро, Монтискиё, Руссо ва дигарон таҷассум ёфтаанд. Кору пайкори мутафаккирону маорифпарварони франсавӣ асрҳои баъдӣ самараи хуб ба бор овард ва ҷомеаро сифатан тағйир дод. Ба дунболи ин, бо барқароршавии шаҳрҳо ва инқилобҳои дохиликалисоӣ қадам ба сӯйи демократия ва ҳукумати мардумӣ дар Аврупо аз нав ҷон гирифт ва дар манотиқе, ки имрӯз кишварҳои Шветсия, Шведсария, Белгия, Голландия, Олмон ва Фаронса мустақаранд, шуълаҳои ҳукуматдории демократию дунявӣ барафрӯхта шуд. Аллакай дар соли 1688 дар Англия ва соли 1720 дар Шветсия шаклҳои нави давлатдорӣ, ки ба намояндагони мардумӣ асос ёфта буданд, пайдо шуданд (ниг.: Лодан Амир Ҳусайн. Худосолорӣ ва дармондагӣ. Мубориза барои адолат, озодӣ ва мардумсолорӣ. –Лос-Анҷелес, 2014. - С.41). Андешамандону сиёсатмадорони ғарбию аврупоӣ бо истифодаи аз неруи тафаккури илмӣ ва фалсафӣ тавонистанд, ки дунёро ба самти демократия ва дунёмадорӣ бикашонанд. Элитаи сиёсию маданӣ ва ҷомеаи муосири ғарбӣ ва аврупоӣ, ки дар доираи модели давлатдории дунявӣ ва демократӣ зиндагӣ мекунанд, хидматҳои бедареғи маорифпарварону мутафаккирони бузургро арҷ мегузоранд ва дар ҳамкорию ҳамбастагӣ ҷиҳати боло бурдани сатҳи зиндагӣ талош меварзанд.

Тамоми пешравӣ, таҷаддуд ва таҳаввули Ғарб ба инсонмеҳвар ва донишбунёд будани системаи сиёсию давлатӣ марбут аст. Ҷомеаи муосири аврупоӣ системаи давлатдории дунявӣ (секулулярӣ)-ро ба унвони меъёри сиёсию давлатӣ ва иҷтимоию маданӣ шинохтааст ва ин низоми сиёсию идорӣ ва маданию фикрӣ инсонро ба сифати арзиши олӣ пазируфта, ба озодии виҷдон ва ҳаққи интихоб эҳтиром мегузорад. Озодии виҷдон озодии интихоби ақида, мафкура, дину мазҳаб ва соири эътиқодоту бовардоштҳо аст. Дар кишварҳое, ки деократия устувор аст, озодиҳои фардӣ ва ҳуқуқи инсонӣ арзишҳои баланди ҷомеа ва давлат шинохта мешаванд. Дар давлат ва кишварҳое, ки демократия ва дунёмадорӣ дар маънои томаш нуфуз ва тасаллут доранд, намояндагони дину мазоҳиб ба таври озод фаъъолият мекунанд. Афзун бар ин, ҳеҷ дину мазҳабе аз адён ва мазоҳиби дигар имтиёз надорад ва давлат дар миёни адёну мазоҳиб нақши бетарафиро иҷро мекунад (ниг.: Иронӣ Аҳмад. Ҷудоии Ҳукумат аз дин. Лос-Анҷелес, 1994. С.4-5).

Хулоса, таърих ва таҷрибаи инсонӣ системаи динӣ ва низоми сиёсии дунявиро бар низомҳои теократию тоталитарию диктатурӣ тарҷеҳ дода, бартариятро ба дунявият вогузоштааст, зеро ки ин тарзи мудирияти сиёсӣ бо илму дониши зинда ва муносиботи созандаи инсонҳо асос ёфтааст. Бо такя ба мероси сиёсию мадании ниёкон, ҳамчунин бар мабнои таҷрибаи таърихӣ ва усулу принсипҳои давлати дунявӣ раҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоӣ, фикрӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик ва халқи Тоҷикистон саъю талош меварзад. Танҳо дар низоми давлати дунявӣ инсон ва дар маҷмӯъ, мардум ҷойгоҳи иҷтимоӣ касб карда, ҳуқуқи интихоби озодро пайдо менамояд. Ин аст, ки мардуми тоҷику тоҷикистонӣ интихоби дуруст кардааст ва дунявиятро ба сифати беҳтарин намуна ва низоми сиёсӣ, фикрӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ пазируфта, дар шоҳроҳ бардамона гом бармедорад.

**Исомиддин Шарифзода**
*номзади илмҳои фалсафа*

## АХЛОҚ ВА ДИН

*(баҳсе муқаддимотӣ)*

Яке аз масоиле, ки гоҳ-гоҳе мавриди баҳс қарор мегирад, ин муносибати дин ва ахлоқ будааст. Аксар аз нафарони боварманд гумон меварзанд, асли дин ва ахлоқ якест ва ҳеҷ як ахлоқ бидуни дин вуҷуд дошта наметавонад. Ин динҳоянд, ки таъинкунандаи меъёрҳои ахлоқиянд. Агар ба зоҳири масъала таваҷҷуҳ намоӣ, шояд ба онҳо метавон розӣ шуд, ки ахлоқ бо дин ҳамбастагӣ дорад. Аммо гоҳе ба назари таҳқиқ ба масъала таваҷҷуҳ менамоӣ, чунин нест. Дин ва ахлоқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ҳамабастагӣ доранд вале онҳо комилан як чиз нестанд. Аз лиҳози пайдоиш аксари муҳақиқони улуми иҷтимоиву фарҳангшиносон ахлоқро қадимитар аз динҳо меҳисобанд. Яъне ишон муътақиданд, ки ҳазорон сол, ки ҳанӯз аз динҳо ному нишоне набуд, инсонҳо дорои ахлоқ буданд ва аз меъёрҳои он риоят менамуданд. Дар мароҳили баъдии зиндагии башар ҷиҳати идораи умури иҷтимоӣ ва бартарият нишон додану тасаллут намудан бар тӯдаҳо аз батни ахлоқ динҳо ва ҳуқуқу сиёсат берун омадаанд. Ба фарзи мисол, метавон боварҳоеро ба мисли конфутсиянӣ ва буддоӣ мисол зад, ки асл ва бунёди ахлоқӣ доранд, то бунёди қудсиву илоҳӣ ва ин ақида метавонад нисбатан камтар аз онҳо ба зардуштия низ сидқ дошта бошад.

Асли ахлоқ аз ҳамзистии иҷтимоии инсонҳо маншаъ мегирад ва ҳанӯз дар бомдоди рӯзгори башар, гоҳе ки ҳанӯз зиндагии инсон дар ҷангалҳо ба шакли тӯдаҳои ибтидоӣ сурат мегирифт, бармегардад. Вел Дуронт, файласуф ва фарҳангшиноси шаҳири амрикоӣ ахлоқро як аз омили асосии тамаддун меҳисобад, ки қаблтар аз авомили дигар таҳаввул ёфтааст ва бидуни он маданият наметавонад вуҷуд дошта бошад. Ӯ дар шинохти ахлоқ муътақид аст: “ Ахлоқ ташкил мешавад аз урфу одоте, ки иҷтимоъ онҳоро барои хайр ва такомули худ дорои аҳамияти

ҳаётӣ ташхис медиҳад. Дар иҷтимои аввалия, ки аз қонуни навиштаву маданӣ асаре нест, ҳамин урфу ахлоқ асоси танзими аъмоли башарӣ ба шумор меравад ва пойдориву пайвастагии назми иҷтимоъро таъмин месозад. Чун замон пеш меравад ва асари ҷодуии худро ба ин урфу одот боқӣ мегузорад, дар натиҷа такрор барои фард, ҳукми табиати сонӣ пайдо мекунад, чун аз ҳудуди онҳо таҷовуз кунад, эҳсоси тарсу парешонӣ ва наңг дар вай падид мешавад ва ин ҳамон виҷдон ва замир ё ҳисси ахлоқӣ ба шумор меравад. Ин замири ахлоқӣ дар мароҳили такомули худ, ки пеш меравад, иллати пайдоиши замири иҷтимоӣ мегардад ва ба василаи он инсон ба хубӣ эҳсос мекунад, ки вобастаи як ҷамоате аст ва бояд онро дӯст бидорад ва муҳтарам шуморад. Ахлоқ иборат аст аз ҳамкории фард бо умум ва ҳамчунин таовуну ҳамкории ҳар дастае бо даста ва иҷтимои бузургтар аст" (Вел Дюронт. Таърихи тамаддун. Ҷилди аввал. Машриқзамин гаҳвораи тамаддун. Созмони интишороти омӯзиши инқилоби исломӣ. Теҳрон: Чопи дувум - 1367 (1988). Саҳ 46-47).

Тавре дар таъриф ишора шуд, ахлоқ ҳамбаста ба зиндагӣ ва ҷомеаи инсонист, ки чӣ гуна бояд инсонҳо дар ҳамзистии иҷтимоӣ бо таовуну ҳамкорӣ мушкили зистии хешро саҳлу содда кунанд. Зиндагиву иҷтимоъ чизҳои мунҷамид нестанд, ки дар ҳазорон сол бетағйир бошанд. Чун моддаи сохтмонии онҳо инсон аст, инсон ҳамеша дар ҳоли тағйиру таҳаввул аст. Ӯ на танҳо таҳаввули биологӣ мекунад, балки таҳаввули иҷтимоиро низ дар пай дорад.Ахлоқ чун падидаи иҷтимоист, мисли тамоми падидаҳои дигари иҷтимоӣ ҳамеша дар ҳоли тағйиру такомул аст. Меъёрҳои он вобаста аз вазъи рӯзгор, тарзи бароварда кардани ниёзҳои иҷтимоӣ, замону макон, қавму гурӯҳ, хусусияти равониву синнусолӣ ва амсоли инҳо дигар мешаванд. Бахусус анвои ҷомеа ахлоқи хоси худро доранд. Ҷомеаи кишоварзӣ вижагии ахлоқии худро дорад ва ҳамин тавр, ҷомеаи саноатӣ ва пасосаноатӣ хусусияти ахлоқии худро доранд.

Даъвои ин ки инсонҳо танҳо бо омадани динҳои такхудоӣ бо ахлоқ расида соҳиби фазилат шуда бошанд ва ба қавле, ба инсоният расида бошанд ва ё маҳз ахлоқ туфайли онҳо комил

гардида, болотар аз онҳо дигар ахлоқе вуҷуд надошта ё мароҳили такомули ахлоқ поён ёфта бошад, як назари воруна ва ғайриилмиест. Ҳанӯз то омадани динҳои таххудоӣ дар адёни бостонӣ ва ҳатто то шаклгирии динҳои ибтидоӣ ахлоқ вуҷуд доштааст. Масъалаи ахлоқ ба ҳайси як падидаи баҳси илмӣ ҳануз 2500 сол қабл яъне ҳадди 500 сол қабл аз зуҳури масеҳият ва ду ҳазор сол қабл аз Ислом дар назди суфастоиёну эпикуриён Юнон мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст. Махсусан баҳсҳои Суқрот ва пасон ахлоқро Афлотун ба маънии ҳушёрӣ истифода менамояд. Ӯ меъёри ахлоқро ҳадди васати разоилу фазоил медонад. "Афлотун мегӯяд ҳушёрӣ амали ҳушёрона нест, балки таносуби зебоӣ ва ҳунарӣ миёни авомили хулқии фард аст. Ба иборати дигар ҳушёрӣ яъне ҳусни тартиб ва лутфи таркиби рафтори инсонӣ. Хайри мутлақ дар тезҳушӣ ё тавоноии ғайриақлонӣ нест, балки иборат аст аз таносуби аҷзоъ бо кул хоҳ дар фард ва хоҳ дар иҷтимоъ" ( Вел Дуронт. Лаззоти фалсафа. Ширкати интишороти илми ва фарҳангӣ. Теҳрон 1387. Саҳ.102-104) Арасту низ ба он таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва рисолотеро аз қабили ахлоқи Никомах ва ахлоқи эвдемӣ таълиф менамояд ва онро дар тақсимбандии фалсафа (илм) ба бахши амалӣ мансуб медонад. Ҳамин тавр пас аз ҳазор соли зери бори масеҳият рафтан, ки ахлоқ дар Аврупо мунҳал ба он гардид ва тамоми қаламрави он аз ҷониби дини масеҳӣ ишғолгарӣ шуд ва худ дар инҳисори дин монд, таваҷҷуҳи дигаре, ки бар ахлоқ сурат гирифт ва кӯшиши озод кардани он аз инҳисори дин аз ҷониби бунёнгузори фалсафа ва илми нав дар Аврупо Френсис Бекон сурат гирифтааст, ки он дар китоби "Пешрафти дониш" тарҳи назарияи комил аз ахлоқи мустақил аз динро дар бар дорад. Ин давлатмадори бузург мегӯяд: "Мо ба ашё бо ду гуна хайр майл ва иштиҳод дорем. Агар шайъро кул фи нафсиҳи дар назар орем, майл ва иштиҳо бад-он аз ғаризаи фардӣ аст ва агар он шайъро ҷузъе аз кул бузургтар бидонем майл ва иштиҳо бад-он аз ғароизи иҷтимоӣ аст. Ин маънии онро дорад, ки пояи ахлоқиёт ва хилофи ахлоқиёт дар табиати инсонӣ аст, на берун аз он. Ба ақидаи Бекон, ғароизи иҷтимоӣ аз сиёнати зот қавитаранд. Ҳамин

тавр, назарияи ахлоқро бар пояи табиати инсон Бекон поягузорӣ намуд ва онро Дарвин идомат бахшид. Бардошти зистшинохтӣ аз ахлоқ ва таърифи он ҳамкории ҷузъ бо кул аст. Дар ин назари куллӣ ҳар майл ва муҳаббате дар инсон бо майли куллии бадани ӯ ва майли дӯст доштани ҳар фарди инсонӣ бо хонаводаи худ ҳар хонаводае бо давлати худ ҳар давлате бо тамоми башарият ва башарият бо ҳаракати суудии ҳаёт ҳамкорӣ мекунад.

Масоили ахлоқ аз назари мутафаккирони олмонӣ берун намонд. Иммануэл Кант (1724-1804) ба баҳсу баррасии ахлоқ пардохт. Кант дар баррасиву шинохти ахлоқ аз усули метафизикӣ истифода менамояд. Ақидаву равиши Кант дар ин бора дар хилофи ақидаҳои Арасту дар бораи ахлоқиёт аст.

Арасту ақида дошт, онҳое, ки сулук ва маниши ахлоқӣ доранд, бар он ҷиҳат аст, ки аз кирдору сулуки ахлоқии худ лаззат мебаранд. Кант дар ин бора мегӯяд, агар шумо нисбат ба бародар ва ҳамсояи худ меҳрубон ҳастед, далелаш он аст, ки шумо онҳоро дӯст доред, на ин ки рафтори неки шумо нисбат ба бародар ва ҳамсояатон холӣ аз арзишҳои ахлоқии шумо бошад. Амалу рафтори инсон дорои арзиши ахлоқӣ аст, ки усулу мавозини ахлоқӣ анҷоми онро лозим шумурда бошад, на ин ки инсон барои гирифтани подош ё раҳоӣ аз муҷозот ба анҷоми он амал бипардозад. Кант аз ин баҳс натиҷа мегирад, ки маниши ахлоқӣ як падидаи дарунзотӣ аст ва омилҳои хориҷӣ дар он ҳеҷ гуна таъсире надорад. Рафтори ахлоқӣ пайваста инсонро водор ба таҳаммули ранҷ мекунаду чун инсон аз ба кор бурдани амали ахлоқӣ наметавонад дар ин дунё подош бигирад ночор бояд дар дунёи пас аз марг интизори гирифтани подош барои рафтору сулуки ахлоқии худро дошта бошад. Табиист, ки дар дунёи пас аз марг ба ғайр аз Худованд мавҷуди дигаре наметавонад ба корҳои ахлоқиву некие, ки башар дар зиндагии худ дар ин дунё анҷом дода подош диҳад. Аз ин рӯ, ахлоқиёт бо вуҷуди Худо пайванди устувор дорад. Кант аз ин баҳси илмӣ, ки ахлоқиётро дар воқеъ болои метафизика қарор медиҳад натиҷа мегирад, ки покдоманӣ дар сурате мумкин хоҳад буд, ки Худо вуҷуд дошта ва инсон вуҷуди Худоро ба расмият бишносад. Ба ин тартиб, Кант

арзишҳои ахлоқиро лозимаи ҳақиқат ва вуҷуди Худоро шарти мусаллами покдоманиву арзишҳои ахлоқӣ ба шумор меоварад.

Нубуғи Кант то он ҷо, ки лузуми вуҷуди Худоро бо андешае дурусткирдории афроди башар, бидуни интизори дарёфти подош ёдоварӣ аз муҷозот пайванд медиҳад, қобили тамҷид ва ситоиш аст, зеро Кант дар нававарии ин назария хостааст зеҳни афроди башарро аз тазоҳуроти берунӣ ба андешагариҳои дарунӣ раҳнамун шуда ва ба афроди башар бифаҳмонад, ки анҷоми пораи ташрифоти берунӣ монанди вард хондан ва ё зоҳири худро бо мушахассоти вижае монанди ришгузоштану тасбеҳ дар даст гирифтану ба калисо, каниса масҷид рафтан далели худошиносӣ ва мазҳабӣ будан нест, балки инсоне, ки ба вуҷуди Худо бовар дошта, худро мазҳабӣ медонад, бояд нахуст аз лиҳози андешагарӣ худро худошинос ва мазҳабӣ намуда сипас чигунагии андешагирии мазҳабиашро дар сулуку рафтораш ба кор барад. Он ҷое низ, ки Кант аз андешагирӣ сухан мегӯяд, ҳадафаш андешагирии мазҳабии мусбат аст на манфӣ. Бад-ин шарҳ, ки ҳангоме ки инсон бо некандешии ва анҷоми сулуки некӯ даст мезанад набояд ин корро барои гирифтани подош ва ё дур шудан аз муҷозот анҷом диҳад, балки ҳадафи ӯ дар андешаву сулуке, ки барои худ бармегӯзинад, бояд андешаҳои мусбату созандаи андеша ва рафтораш бошад, на баҳрагирӣ аз маниши некрӯии худ. Ҳадафи Кант дар баҳси фалсафии ахлоқ аз ду андеша хориҷ нест, ё ӯ кӯшиш дорад инсонро аз роҳи сулуку рафтораш ба Худошиносӣ раҳнамун шавад ё ин ки қасд дорад, аз роҳи худошиносӣ андешаву рафтори инсонро пероиш ва ӯро ба кирдору маниши некӯ раҳнамун созад. (Масъуди Ансорӣ(дуктур Рӯшангар) Аллоҳу Акбар. Сан Франсиско, 1375ҳ.

Дар солҳои поёнии қарни 19 Фридрих Нитше (1844-1900), файласуфи баландмартабаи олмонӣ низ ба масоили ахлоқӣ пардохт ва комилан дар мухолифат ба назарияи ахлоқи масеҳӣ қарор гирифт. Ӯ ахлоқи масеҳиро ахлоқи як ғулом ном бурд ва дар китобаш “Антихирист” онро мавриди интиқоди шадид қарор дод. Ошкоро вуҷуди Худоро инкор кард ва изҳор дошт, Худое, ки мо барои ӯ вуҷуд қоим ҳастем, дар воқеъ, як мавҷуди мурда

аст ва афроди башар ба ҷои ин ки худро ғулому бардаи мавҷудоти маъдуму нестандарҷаҳон бикунанд, бояд хештанро офаринандаи рӯйдодҳо ва падидаҳои ҷаҳони мо ба шумор оваранд. Башар ба ҷои ин ки худро дар зинаи пастӣ ва хорӣ қарор дода, ҳамаи тавонашро ба як мавҷуди маъдум нисбат диҳад, бояд дар пойгоҳи як мавҷуди тавонманд ва фароравон фурӯҳмандӣ пайдо кунад ва он чиро ки аз Худои пиндорӣ ва нестандарҷаҳон интизор дорад, худ биофаринад.

Дар садаи 20 ва 21 ҷиҳатҳои равоншиносиву равонковии ахлоқ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки дар ин самт метавон ба осори Зигмунд Фрейду Эрих Фром ва Карл Ясперсу дигарон сар зад ва бардоштҳо намуд, ки ин метавонад як баҳси дигаре бошад.

Дунёи сармоядорӣ ва ҷомеаи саноатӣ, ки бар пояи манфиат тарроҳӣ шудааст, меъёрҳои ахлоқиро бар пояи манфиат кашонид ва ҷомеаҳо муқаррароти ахлоқии худро ба сурати возеҳ дар доираи манфиатҳои иқтисодиву истеҳсолии худ ба роҳ мондаанд, ки ин ҳам тарафҳои мусбат ва манфии худро дошт ва рӯи ахлоқи инсонҳои ин навъи ҷомеаҳо таъсири худро гузоштааст.

Аз пешрафти ахлоқ дар таърих беш аз он ки беҳбуди муқаррароте ахлоқӣ манзури назар бошад, ин ҷанба мавриди назар аст, доираи ин муқаррароти ахлоқӣ ҳамеша дар ҳоли тағйир буда, ҳамбастаи навъу шакли зиндагӣ, тамаддунҳо, андешаҳо, шинохтҳо ва тарзи баровaрда кардани ниёзҳои моддии башарӣ ва дар таъовун ба сар бурдани онҳо будааст. Дар ин дарозо ахлоқ тағйир карда вусъат пайдо намудааст ва имрӯз тавассути баҳамоии инсонҳо аз роҳи фанновариҳо курраи хокиро ба як деҳкадае табдил додааст. Ин раванд ахлоқро аз доираи меъёрҳои қавмиву қабилавӣ ба доироти миллатҳову минтақаҳо кашонидааст. Таъсирпазирии ахлоқӣ байни миллату давлатҳо зиёд гардида, пазиришу усулҳои ахлоқии мухталиф рӯи кор омадааст. Ин вазъ, пеш аз ҳама бастагӣ дорад ба ҷомеи имрӯзаи фаросаноатӣ, ки васоили иртиботӣ бахусус фанновариҳои навини инсонӣ онро шакл додаанд. Албатта, ҳар падида ҷанбаҳои манфӣ ва мусбати худро дорад, ки он боз бармегардад

ба табиати инсон. Имрӯз дар ин баҳамоии башарӣ намешавад арзишҳои ахлоқии мардумон ва қавмҳои дигарро ваҳшонияту ҳайвоният номид. Имрӯз инсонҳо дар ҳамзистӣ боястӣ дар доироти таҳаммулпазирӣ, гуногунандешӣ ва эҳтиром қоил будан бар андешаву арзишҳои якдигар муносибат намоянд.

Аз муқаддимоти овардашуда пайдост, ки дар ҳар мавриди аз зиндагӣ инсонҳо побанди ахлоқ будаанд ва ахлоқ метавонад ҳам дар доироти меъёр ва муқаррароти динӣ вуҷуд дошта бошад ва ҳам берун аз меъёрҳои он. Яъне табиатан инсон ниёз ба ахлоқ дорад ва яке аз вижагиҳоест, ки онро аз ҳайвонот бартар мегардонад.

**Феҳрасти манобеъ**

1. Science and Religion, D.L. Bender and B. Leone, Greenhaven Press. 1981/
2. Бузургони фалсафа. Навиштаи Ҳенри Томас. Тарҷумаи Фаридуни Бадрай. Теҳрон: Кайҳон, 1362.
3. Масъуди Ансорӣ (дуктур Рӯшангар) Аллоҳу Акбар. Сан Франсиско, 1375ҳ.
4. Таърихи тамадун. Вел Дуронт. Ҷилди аввал. Машриқзамин гаҳвораи тамадун. Созмони интишороти омӯзиши инқилоби исломӣ. Теҳрон Чопи дуввум соли 1367 (1988), саҳ 46 47 ).
5. Вел Дуронт. Лаззоти фалсафа. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон 1387. Саҳ.102- 104.

**Муродова Тоҷинисо**
*номзади илмҳои фалсафа*

## ОҚИБАТИ ҒАМУ АНДӮҲ – НОТАВОНИИ ҶИСМУ РӮҲ
(дар асоси «Тибби рӯҳонӣ»-и Закариёи Розӣ)

Ғаму андӯҳ аз куҷо пайдо мешавад, сарчашмаи он аз чиву аз куҷост ва оқибату осебҳои он аз чӣ иборат аст? Ин суолҳое мебошад, ки диққати инсонҳо, махсусан муҳаққиқону равоншиносонро ҷалб намудааст ва бисёре аз равоншиносону муҳаққиқони берун аз кишвар ба ин суолҳо нисбатан ҷавобҳои саҳеҳу рӯшан пайдо кардаанд.[1] Аммо, мутаасифона, масоили дар боло номбаршуда дар кишвари мо ҳануз ба таври зарурӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Ғаму ғусса падидаи табиӣ буда, ба эҳсосоти фарогирандаи аз даст додани чизе боарзиш мебошад, ки он хоҳ дар шахси азизон, дӯстон, бахту зиндагии хуб, саломатӣ ва ё ғурбат, танҳоӣ, факру нодорӣ ва ё чизҳои арзишманди моддӣ, ба монанди пул, хонаву дар, кору тахассус ва амсоли инҳо зуҳур мекунад.

Аломатҳои ғаму андӯҳ ба сурати мондашавӣ, беҳавсалагӣ, тағйирёбии хулқу одоб, беқарорӣ, гиряву нола, гӯшанишинӣ, ҷангҷӯӣ, хурдагирӣ, беҳуда ба наздикон пархош намудан, эҳсоси пӯчӣ, рӯҳафтодагӣ, ноумедӣ, маъюсӣ, эҳсосоти беарзишии зиндагӣ, беарзишии дунё ва ғайра дар инсон буруз мекунад. Инсони ба ғаму андӯҳ дучоргардида ҳатто мумкин аст, ки дар зиндагӣ муваффақ нашуда, дучори ин эҳсосоти хастакунанда гардад. Ва ё ба монанди тарки кору зиндагӣ, бебахтӣ, камбизоатӣ, ноҳамвории вазъи иқтисодӣ, қиматии маводу ашёҳои рӯзғор, безнишастагӣ, талоқ, мустақил шудани фарзандон, нобаробарии сарнавишти азизон низ метавонад нишонаҳои ин дарди ахлоқӣ-равонии инсон гардад.

[1] Ниг.: Сайти интернетӣ: hitps // honape hzendeqi. Com/fa/….

Ҳамин тавр, шахси ба ин дард гирифторшуда, агар аз паи илоҷи он нашаваду гирифторӣ ва сахтиҳои ҳамешагии зиндагиро дастак кунад, ғаму андӯҳ ба сурати номаълуму тез дар рӯҳу равон ва ҷисми ӯ реша давонда, идома пайдо мекунад. Дар натиҷа зиндагии иҷтимоӣ, ҳунарӣ, шуғлӣ, таҳсилот ва тамоми кору бори вай пароканда гардида, аз даст хоҳад рафт. Аз паси ин нокомиҳои зиндагӣ аломатҳои афсурдагии ҷисмӣ, ҳолатҳои ба худиву бехудӣ, ноумедӣ, баҳамрезии рӯҳу равонӣ паси ҳам пайдо мешаванд.

Фарди гирифтори ғаму андӯҳ бояд фаромӯш накунад, ки пастиву баландиҳо, барорию нобаробариҳо, доштану надоштан, шикасту барориҳои зиндагӣ, ба даст овардани молу амвол ва аз даст додани он, аз даст додани кори хубу вазифа, издивоҷи бомуваффақияту бемуваффақият, аз даст додани азизон ва амсоли инҳо ин қонуни ҳаёт ва ё ба истилоҳи фалсафӣ, қонуни диалектика аст. Маҳз инсон дар ҷараёни ин шикасту рехтҳо обу тоб меёбад ва аз он таҷруба мегирад ва инсонияти ӯ такмил меёбад, ба шарте ки сабру таҳаммулро аз даст надиҳад ва барои зиндагии минбаъдаи хеш саъю талош намояд.

Вақте ки инсон дороиҳо ва ё дилбастагиҳои арзишманди хешро аз даст медиҳад, фикр мекунад, ки шахсият, обру ва зиндагиаш ба хатар афтода, дунё барояш тира мегардад. Аммо нигарон шудан даркор нест, зеро ки ин рӯйдодҳои табиӣ аст, вале мушкилоти сахттар замоне падид меояд, ки дар вазъи иҷтимоӣ ва шуғлии фард баҳамрезӣ ва ё бесару сомонӣ рух диҳад, он вақт ғаму андӯҳ вуҷуди ӯро фаро гирифта, дар ҳолати саргардонӣ мемонад. Дар ин ҳолат наҷот ёфтан аз ин гирифториҳо барои ӯ нисбатан мушкилтару тӯлонитар аст ва чунин вазъият барои беҳбуд иродаи ниҳоят матинро мехоҳад.

Яке аз зеҳниятҳое, ки ба инсон фишор меорад ва ӯро дучори ғаму ғусса мекунад, ин эҳсоси гуноҳ кардан дар ҳар шакле аст. Дар ин ҳолат дилшураву нооромиҳо вуҷуди вайро фаро гирифта, эҳсоси хиҷолату ноумедиву пӯчӣ ва нобароиҳо дар ҳадафҳои зиндагиаш ба вуқӯъ меояд. Аммо фикр намекунад, ки ин ҳам роҳи ҳалли худро дорад:

дар муқобили гуноҳ вобаста ба он ки дар чӣ шакл онро содир шудааст, метавонад бо роҳи бахшишу узрхоҳӣ, ислоҳи он тавассути аъмоли ахлоқӣ – гуфтору рафтор ва кирдори нек аз содир намудани гуноҳ канорагирӣ кунад, то ки аз ин бунбаст раҳо ёбад.

Аз тарафи дигар, зиндагӣ ин мубориза дар муқобили чунин пешомадҳои хубу бад аст. Мо дар фазое ба сар мебарем, ки бо сарсабзиҳою дурахшишаш моро ба шодобию хушҳолӣ ва зиндагии хуш даъват мекунад, новобаста ба он ки ғаму андуҳ қисмати табиӣ аз зиндагии тамоми одамон мебошад ва аз он роҳи гурез нест. Бинобар ин бояд худро омода созем, ки чи тавр бо он бархӯрд кунем ва худро дар обу оташи ғаму андӯҳ насӯзем ва ба он қудрат набахшем, то ки осонтар бо ин носозгориҳо зиндагӣ кунем. Чунки барои идомаи ҳаёт солимӣ ва тандурустӣ зарур аст, ки аз роҳи дуруст ба ғаму андуҳ, ки ҳамқадами инсон аст, муносибат намоем. Вале дар акси ҳол, агар ба тарзи дигар масоили пешомади ҳодисаву воқеаҳои нороҳаткунандаро истиқбол кунем дар натиҷа иллати рӯз ба рӯз вазнин шудани вазъи саломатӣ ва баҳамрехтагии ҳолатҳои рӯҳии мо мегардад ва ба саломатии мо осебпазир шуда, мушкилиҳои ҷисмиро низ ба вуҷуд меорад. Ба ин хотир ягона роҳ ин аст, ки ин ғаму андуҳҳои рӯзмарароро барои худ қабул кунем ва сабру таҳаммулро дар рафъу осон кардани пазириши он истифода намоем. Ба инсон зарур аст, ки ба эҳсосоти хеш эҳтиром гузорад ва пешомадҳои нохуше, ки дар зиндагии ӯ сар мезанад, аз рӯи ақли солим онро қабул кунад ва дарк намояд, то ки ба зиндагии оянда худ садама назанад. Аз ин рӯ, аз як тараф, инсон бояд аз ақл, имон, эътиқодот ва ихлоси худ дар муқобили ғаму андӯҳ ва нороҳатиҳои зиндагӣ истифода намояд. Аз тарафи дигар, дар ҳолатҳои гирифтории ғаму ғусса аз зебоиҳои табиат-чаманзору гулгаштҳо, соҳили дарёчаҳои об, обшорҳо ва сайругашти боғу боғчаҳо, ҳамсуҳбатӣ бо ёру дӯстони хуб, ҳамнишинӣ бо шахсони донишманду бо маърифат истифода намояд, ки барои оромиши рӯҳ ва роҳатии ҷисми инсон ниҳоят манфиатпазиранд. Табиат бо тамоми зебоиҳои худ як навъ

ғизои маънавие мебошад, ки ба инсон дубора ҳаёт мебахшад ва умедворем, ҳоҷатмандон аз ин ғанҷи бебаҳои боарзиш - табиат ба хубӣ ва бо эҳтиромона истифода мебаранд ва онро надида намегиранд. Ва роҳи сеюм низ вуҷуд дорад: фарди ғаму ғуссадор метавонад, китобҳои бузургони гузаштаи илму ҳикматро доир ба ҳаёту фаъолият, замону зиндагӣ ва осори панду ахлоқии онҳо мутолиа намояд, ки дастури беҳтарине барои ҳидояти ӯ шуда метавонад. Ба ҷуз ин фарди ғаму андуҳдор дар ҳолати гирифторӣ ба ин дард аз ҳузури одамони хирадманду оқил, ботаҷриба, донишмандон, аҳли илму адаб набояд канорагирӣ намояд.

Бояд қайд намуд, ки масоиле, дар бораи он мухтасаре навиштем, доираи ниҳоят васеъ дорад, чунки аз рӯзе, ки инсон ба дунё омад, масоили ғаму дард дар як шакле ҳамқадаму ҳамдами ӯ буд. Бинобар ин бо ин гузориши мухтасар суханро хотима медиҳем ва бубинем, ки мутафаккири барҷастаи асрҳои миёнаи тоҷик Муҳаммад Закариёи Розӣ нисбати ғаму андӯҳ чӣ андеша ва ақидае дорад.

Муҳаммад Закариё Розӣ (865-925) аз мутафаккирони барҷастаи тоҷику форси асрҳои 1Х-Х буда, донандаи илмҳои риёзӣ, ҳандаса, мусиқӣ, фалсафа, табиатшиносӣ, тиб, ахлоқ ва ғайра буд, аз худ осори гаронбаҳое боқӣ гузоштааст.

Дар ин мақола андешаҳои ин мутафаккири барҷастаро дар асоси «Тибби рӯҳонӣ» доир ба категорияҳои ахлоқӣ-равонӣ – ғаму андӯҳ мухтасар баррасӣ намуда, мебинем, ки ғаму андӯҳ аз назари Закариёи Розӣ дар инсон маҳсули чист ва чи гуна инсонро зери султаи худ мегирад. Аз нигоҳи Закариёи Розӣ «ғаму андӯҳ маҳсули амали ақли инсон ҳастанд. Агар кас ин ё он ношоистаро ба ифрот кардан одат кунад, онгоҳ яқин аст, ки онҳо боиси ба вуҷуд овардани дарду алами зиёде мешаванд».[2] Ба ин хотир, ба фикри ӯ инсони оқил бояд ҳар як амалро аз фикри худ гузаронад, то ки ҷисми худро аз дарду алами ҷонкоҳ наҷот диҳад. Аз ин ҷо, ӯ ақида дошт, ки инсонро зарур аст, ки ҷисми

[2] Закриёи Розӣ. Мунтахаби осор. Тибби рӯҳонӣ. Тарҷума ва таҳияи А.Девонақулов, М.Бақоева, С. Раҳимзода. Душанбе: «Адиб»,1989.-С.86

хешро бо лавҳу бозӣ ва воситаҳои масрурию дилхушӣ машғул намояд. Ва саъй кунад, ки дар ҳадди имкон ба ҷисми худ роҳатӣ ато намояд, то ки аз саломатии он муҳофизат шавад. Аз тарафи дигар мақсаду маромҳо дуруст анҷом дода шаванд, то ки ҷисм лоғару заиф нашавад, зеро ки табиати одамон мухталиф аст, фикрҳояшон нисбат ба ин ва ё он одат андозае муайяне дорад, ки дар натиҷа ғаму андӯҳи ҳар инсон ба дараҷаи афкори ӯ ва вобаста ба аҳволи вай аст. Масалан баъзе одамон тоқати сабру таҳаммули зиёде доранд, ки дар ҳолати гирифтор шудан ба ғам ва дигар рӯйдодҳои нохуш ба онҳо осеби зиёде расонида наметавонанд. Вале қисмате аз инсонҳо тоқати сабру таҳаммулро надоранд. Пас, ба андешаи Закариёи Розӣ, барои чунин афрод зарур меояд, ки онҳо пеш аз ба вуҷуд омадани он ҳолат, яъне ғаму андӯҳ ҳолати бесабриву бетоқатии хешро муолиҷа намоянд. Зеро ки бесабрӣ ба тақвият ва авҷ гирифтани ғаму андӯҳ ва дигар офатҳои рӯҳӣ-ҷисмӣ мусоидат менамояд. Дар ин ҳолат на танҳо барои аз ғаму андӯҳ наҷот ёфтан ва дур кардани онҳо муваффақ мешавад, балки барои душмани ҷони худ – ғаму андӯҳ роҳ мекушояд. Аммо фарди босабру таҳаммул метавонад бо фикру ҳиммат мақсадҳои худро ба амал оварад. Закариёи Розӣ дар бораи пуртоқатии инсон чунин мисол меорад: «Чунонки марди сайёҳ кушиш дорад, ки бо пуртоқатӣ барои ҳайвони савории худ алаф пайдо кунад, то ки он ҳайвон қувват гирифта, соҳибашро ба маконаш расонад. Ин гуна рафтори мард аз рӯи ақл аст. Агар он мард алафро на барои қуввати асп, балки ҳамчун воситаи лаззат меҷуст, он гоҳ вай кори аз ақл берунро мекард».[3] Ҳадаф аз ин мисол ин аст, ки инсон барои ислоҳи ҷисми худ бояд саъй намояд ва ба қадри ҷисми худ бирасад, онгоҳ бо суръат метавонад мақсадҳои худро амалӣ созад. Ва ӯ монанди он марде набошад, ки бори ҳайвони худро аз ҳад зиёд намуда, то аз вазнинии бор он чорпо ба манзил нарасида, дар нимаи роҳ ҳалок гардад. Аз ин мисоли оварда шуда, метавон ба хулосае расид, ки инсон дар тамоми корҳо ва ҳолатҳои рӯҳии хеш бояд аз ақлу заковат ва сабру таҳаммул истифода намояд, то мубталои нохушиҳои зиндагӣ нагардад. Аз ин ҷо, бармеояд, ки «ғам самараи амрҳои тулонӣ ва воқеаҳои дақиқи зиндагӣ

[3] Ҳамон ҷо.-С.87

мебошад», бинобар ин «ғами инсонӣ ҳам фикр, ҳам ақл, ҳам нафс ва ҳам ҷасадро дар азоб мемонад» ба ин хотир мо маҷбур ҳастем, ки дар ҳадди имкон ғамро аз худ дур созем ва ё бо сабру таҳаммул азоби онро кам кунем. Ба андешаи Закариёи Розӣ чунин аъмоли инсон ба ду ваҷҳ амалӣ мегардад: яке он ки пеш аз пайдо шудани ғам аз он эҳтиёт шавем, то ки рӯй надиҳад. Агар пешгири кардани он муяссар нашавад, он вақт саъй намоем, ки аз шиддати ҷонкоҳи он наҷот ёбем; дуюм ин ки ғамро ба куллӣ аз худ дур созем ва нобуд кунем. Аммо агар ғамро ба тамоми аз худ дур намудан имконнопазир бошад, пас аксаран онро паси сар намуда, аз ин пас эҳтиёт шавем, ки онро ба қалби хеш наздик нагирем.

Ба андешаи Закариёи Розӣ он моддае, ки ғам аз он тавлид меёбад, иборат аз чизҳои дӯстдоштаи инсон мебошанд, ки мавриди истеъмоланд ва кавну фасод бар онҳо мансуб аст ва тамоман нобуд кардани онҳо ғайри имкон мебошад. Пас, аз назари ӯ бештар ва шадидтарини мардуми ғамгин касоне мебошанд, ки чизҳои дӯстдоштаашон нисбат ба дигарон зиёдтар буда, шиддати муҳаббаташон низ фаровон аст.[4] Яъне ҳарчи қадар дороии одамон зиёд бошад ҳамон қадар ғамашон афзун мегадад, вале касоне ки ғаму андӯҳашон камтар аст, одамоне мебошанд, ки дороии зиёд надоранд ва талабгори чизҳои зиёде ҳам нестанд. Бинобар ин Закариёи Розӣ ба одамон раҳнамоӣ мекунад, ки: а) аввалан барои одами оқилу хирадманд зарур аст, ки чизҳои ғамоварро аз худ ҷудо кунад ва дар ҳар маврид худро мустағнӣ пиндорад; б)дигар ин ки одами оқил аз чизҳое, ки нуқсонашон боиси ғаму андӯҳ мегардад, барҳазар бошанд ва инчунин ба дороиҳои мавҷуда низ мағрур нагарданд, ки онҳо дорои лаззату ҳаловат мебошанд ва ҳамеша талхию азоби онҳоро ҳангоми зиёновариашон тасаввур кунанд. Масалан касе, ки фарзанд надорад, ғамаш аз он ки фарзанд дошту талаф шуд камтар аст. Дар ин ҳолат мутафаккир чунин мисоле мезанад, ки яке аз аҳли фалсафаро пусиданд, ки агар фарзандор шавӣ, чи мешавад? Онгоҳ вай ҷавоб медиҳад: «Ман ҳоло бо ислоҳи ҷасад ва нафси худ бетоқат шуда ғам мехурам. Чи ҳоле рӯй медиҳад, ки ба азоби ҷисму ҷасад ва нафси худ боз азоби як ҷисму ҷасад ва

[4] Ҳамон ҷо.-С.89

нафси дигареро зам намоям».[5] Мутафаккир аз ин мисолҳо зиёд мезанад, ки мо дар ин мақолаи мухтасар аз баёни онҳо худдорӣ менамоем ва барои аҳли фаҳм як ишора ҳам кифоя аст, ки ҷавҳари ҳадафро дарёбад.

Аз нигоҳи мутафаккир вуҷуди чизи дӯстдошта мувофиқ ва вобаста ба табиати инсон аст, вале нуқсони он мухолифу зидди табиати ӯ буда, эҳсоси ғаму андӯҳ дар натиҷаи нуқсони он чиз зиёдтар аз вуҷуди лаззати он мебошад. Бинобар ин инсони тандурусту солим муддати зиёде аз саломатии худ чандон лаззатеро ҳис намекунад, аммо ҳамин ки баъзе аъзои бадани ӯ ранҷуру бемор шуд, ҳамоно дарду алами сахтеро ҳис мекунад. Аз ин ҷо, ҳоли ҳама чизҳои дӯстдоштаи инсон ҳамин тавр аст. Ҳамчунин марде муддати зиёде бо зану фарзандони хеш якҷоя буда, аз зиндагии худ лаззат мебурд, вале ин лаззатро равшан ҳис намекард. Ҳамин ки вай зану фарзандонро аз даст дод, он вақт дар як рӯз, ё дар як соат тамоми он лаззатҳоро аз даст медиҳад ва худро гирифтори ғаму ғусса мекунад. Бинобар ин мутафаккир мефармояд, ки табиати инсонро воҷиб аст, ки ҳамаи он лаззату шодобиҳои тулониро ба назар нагирад ва дар як замоне онро аз эътибор соқит кунад. Чунки табиати инсон дар ин ё он ҳолат аз лаззату сурур ҷудо шудану истиқлол доштанро мехоҳад. Ва агар аҳвол ин тавр бошад, яъне дар ҳоли вуҷудиёт, лаззат бурдан аз чизҳои дӯстдошта, аммо баъдан ҳамаи онҳо аз байн бираваду лаззату шодобӣ ба ғаму андӯҳ табдил ёбад, ки дар натиҷа кас ба ҳалокат дучор гардад. Пас, ба фикри Закариёи Розӣ, «тарки он чизҳои дӯстдошта ва ҳамеша ҷудо шудан аз онҳо беҳтар нест?!».[6]

Ин шарҳу эзоҳе, ки Розӣ медиҳад баландтарин мартабаи ин мавзӯъ ва беҳтарин шарҳест дар чизҳое, ки боиси ғаму андӯҳ ва дарду ранҷ мегардад.

Пас, инсони оқил бояд нуқсони чизҳои дӯстдоштаашро дар нафсу хаёли худ ҳамеша тасаввур намуда, бидонад, ки онҳо чизҳое ҳастанд ки бақои доимӣ надоранд. Бинобар ин ҳамеша бояд он ҳолатро ба хотир оварда, ҳодис шудани онро собитқадамона пешвоз гирад. Чунин амал инсонро аз нуқсони он

[5] Ҳамон ҷо.-С.90
[6] Ҳамон

чизҳо наҷот медиҳад, зеро ки шахс дар ин бобат ба шахси обутобёфтаву таҷрибадор ва риёзат намуда монанд мешавад. Дар натиҷа нафсро аз камини ғаму андӯҳ берун мекашаду огоҳ менамояд ва дар ҳангоми ба вуҷуд омадани дарду мусибатҳо ёрӣ мерасонад. Он гоҳ нафси инсонӣ дар таҳаммули мусибатҳо дар вақти пайдоиши онҳо одат мекунад. Бинобар ин арзиш дорад, ки агар мо нафсро ба тобу тоқати мушкилӣ ва ранҷу азобҳо одат диҳем, то ки нафс ин офатҳоро пеш аз пайдо шуданашон тасаввур намуда, барои пазируфтани онҳо тайёр бошад.

Закариёи Розӣ барои кумак ба инсонҳо чунин раҳнамоӣ мекунад: «Пас агар инсон то андозае ноумед бошаду ӯ аз лаззат ва ҳавою ҳавас ба дараҷаи ифротӣ расида бошад ва баҳри ислоҳи он ба нафси худ боварӣ надошта бошад, онгоҳ чунин кас мувофиқи ин ду таълимот амал кунад»:[7] аввалан беҳтар аст, ки чунин шахсон яке аз он чизҳои дӯстдоштаашонро ҷудо карда, онро баробари ҳама чизҳои махсуси худ қарор диҳанду бо он қаноат кунанд…. Дар натиҷа онҳо метавонанд, ҳолати ифротии худро аз ҳирси чизҳои дӯстдоштаашон суст ва заиф созанд. Ҳамин тариқ, ба онҳо муяссар мегардад, ки ба ин роҳ ғаму андӯҳи худро камтар кунанд ва аз фано шудан раҳоӣ ёбанд. Дигар ин ки агар кас бихоҳад, ки он ғами ба вукуъ пайвастаро тамоман аз худ дур созад ва ё ақаллан шиддати онро паст намояд, чунин бикунад: Агар шахси оқил бо диққат таҳқиқ кунаду ба чизи мавҷуда ва одати ба ин чизҳое, ки ба он сару кор дорад, назар намояд, мебинад, ки он чиз ва чизҳои дигар унсурҳое мебошанд, ки онҳо суботу бақое надоранд ва бардавомии онҳо низ муваққативу даргузар мебошанд, ба он маъно, ки ҳамаи онҳо аз байн мераванду ба ҳукми адам маҳкуманд. Дар ин ҳолат агар инсон чизеро аз даст дод, набояд барои он худро ноумеду нотавон пиндорад ва худро ба ҳалокат бирасонад, балки ҳамоно бақою оқибати он чизро ба хотир оварад. Чунки вай агар бо ақли солими хеш фикр кунад, аллакай медонад, ки чизе пояи бақо дошта бошад вуҷуд надорад, ба ин хотир набояд ин гуна чизҳоро бисёр ҷамъ кард. Ба ҷуз ин онҳоро набояд муҳимтар аз ҳаёт шумурд, зеро ки як лаҳза хушу осуда гузаштани зиндагӣ беҳтарин неъмат аст барои инсони оқил. Аз

[7] Ҳамон ҷо.-С.91

ин рӯ, ҳар як инсони заковатманд бояд дар хотир дошта бошад, ки вуҷуди чизҳо, яъне дороиҳои ӯ муваққатӣ ва ғаниматӣ буда, манфиати он низ ғайридоимӣ мебошад ва заволи онҳо ҳатмист. Ва агар инсон барои бақои он фикр кунад ва хостори бақои доштани он шавад, бояд донад, ки орзуи бефоида кардааст ва **барои худ танҳо чизи ғайримумкинро мехоҳад ва донистанаш зарур аст, ки барои худ ва атрофиёнаш маводди ғаму ғусса ва ҳирсро фароҳам меоварад.** Чунин ашхос бештар гирифтори ҳавою ҳавас шуда, ҳолати баҳамрезии рӯҳу равонӣ пайдо мекунанд ва ҳатто метавонанд аз ақл бегона шаванд.

Як қабил инсонҳое ҳастанд, ки нуқсону зиёни чизҳое, ки барои зиндагиашон зарурият надоранд, бо вуҷуди аз даст додан ғаму андӯҳи онҳоро тул намедиҳанд. Чунки баъд аз нуқсону заволёбии онҳо чизҳои дигаре ба ҷояшон ҷойгузин мешаванд, ки ғаму ғуссаро дур мекунанд ва зиндагӣ тибқи риволи худ идома меёбад. Ҳамчунин бисёр инсонҳоеро дар зиндагӣ мебинем, ки ба ғаму мусибатҳои сахте дучор гардидаанд, вале пас аз муддате онҳо ба ҳоли пештараи худ бармегарданд ва маишаташон маҷрои аввалаи худро мегирад. Дар натиҷа мебинем, ки чунин ашхос на танҳо таҷрубае накардаанд, балки дарси ибрате ҳам нагирифтаанд.

Муҳаммад Закариёи Розӣ ба инсонҳо муроҷиат намуда мефармояд, ки дар ин сурат ба одамони оқил воҷиб аст, ки дар ҳоли мусибат нафси худро ба ин ҳолатҳои ғайридоимӣ омода созанд ва он (нафс)-ро ба лавҳ ва машғулият водор кунанд, то ин ки он ҳолатҳои ногуворeро фаромуш намоянд. Инчунин шахс ҳамеша ба ёд дошта бошад, ки ба монанди ӯ дучори мусибатшудагон кам нестанд. Ҳамчунин тасаввур кунад, ки онҳо, яъне ғамзадагон низ ба ин ҳолатҳо дучор шудаанд.[8] Дар натиҷа, каси мусибатзада ба ҳамин восита худро тасаллӣ дода метавонад ва роҳу усули барҳам задани дарду аламро аз худ мекунад, яъне меомӯзад. Ҳамин тавр, тавассути ёдоварии ҳоли мусибатдории дигарон боиси сабукии ғаму андӯҳ шуда, мояи таслият мегардад.

Муҳаммад Закариёи Розӣ иллатҳои ғамзада шудани мардумро пайгирӣ намуда, менависад, ки яке аз сабабҳои

[8]Ҳамон ҷо.-С.92

ғамзада шудани мардум он аст, ки кас ва чизҳои дӯстдоштаашон ниҳоят зиёд аст ва ба онҳо дилбастаггии сахт доранд. Ба ин хотир агар ҳар касе, ки яке аз он чизҳои дӯстдоштаашро гум кунад, мусаллам аст, ки баробари арзиши он ғамеро аз худ дур кардааст. Дар натиҷа он кас рӯҳи хешро аз як бори гарон - ғаму андӯҳ наҷот дода, худро аз нобудшавӣ раҳо намудааст. Пас, ҷон ва рӯҳи инсон аз дасти нафси амораи соҳибаш ба роҳатӣ мерасад, бо вуҷуди он ки роҳативу талхӣ, ғаму шодӣ бо ҳаманд. Мутарҷимони китоби «Тибби рӯҳонӣ» аз кадом шоире чунин мисраҳоро рӯи ин масъала хеле бо мавқеъ овардаанд:

*Агарчи сарвари мо будию ниҳон гаштӣ,*
*Барои ту ҳама ёрон ба ҳузну ғам гаштем.*
*Вале вафоти ту нафъе ба мо ато бинмуд,*
*К-аз он ҳама ғами оянда мо раҳо ҷустем.*

Дигар аз иллатҳои ғамзада шудани одамонро мутафаккир дар он мебинад, ки марди мумсик баробари ҷудоӣ аз чизе, ки дошт, гирифтори ғам мегардад, зеро ки маҳз ҷудоӣ аз чизе нафсро водор мекунад, ки гирифтори ғам гардад. Дар ин маврид ҳардуи фикри зикршуда як чиз аст. Аз ин рӯ, аз назари Закариёи Розӣ, бояд марди оқили комил чизе, ки ба зарари вай анҷом меёбад, он чизро интихоб накунад. Барои чунин шахс ҳатмист, ки доир ба иллати ғами ба сари ӯ меомада ва ҳикмати он назар афканад ва тамоми имкониятҳоро аз рӯи ақли солим истифода намуда, кушиш намояд, ки он ғамро аз қалби худ берун кунад. Зеро ки маҳз нафс ӯро ба ғам водор месозад, на ақл. Чунки ақл ҳамеша инсонро дер ё зуд ба чизи муфид ва рафтору аъмоли дуруст водор месозад ва намегузорад, ки инсон худро ба он чи аз даст рафт ва баргашт надорад, худхурӣ намуда, худро ба оташи ғам гирифтор кунад. Ба ҳар ҳол марди оқилу хирадманд дар ҳамон вақт ғамро мепазирад, ки агар вуҷудиёти он ғам узри возеҳи мантиқӣ дошта бошад, чунин шахс ҳеҷгоҳ мувофиқи талаботи ҳавою ҳавас ба ғам гирифтор намешавад.

Ин буд таҳлили мухтасари андешаҳои донишманд ва файласуфи бузурги мардуми тоҷику форс Муҳаммад Закариёи Розӣ доир ба ғаму андӯҳ ва оқибатҳои нохуши он. Ин мавзӯъ шояд дар зоҳир як падидаи зарурию содда ва табиӣ ба назар расад, вале дар асл ин қазия яке аз иллатҳои асосии гирифтории инсон ба бемориҳои ҷисмӣ ва ҳатто ба бемориҳои рӯҳу равонӣ ва ғайраҳо шуда метавонад. Чунки то ҳануз тафаккур ва зеҳнияти

аксари мардум ба он нарасидааст, ки ба дарки нисбатан пурраи қонунҳои ҳаёт дар рӯи замин сарфаҳм раванд. Ҳамчунин донанд, ки ҳама чиз дар ҷараёни инкишоф, пешравӣ, аз байн рафтан ва ё ҷойгузин шудан, аз поён ба боло рафтан ва амсоли инҳо мебошад. Мо бояд нисбатан донем, ки зиндагии ҳар як фард дар дунё як муддати муайяне аст ва ё бо иллатҳое мушаххас ва ё номушаххас зиндагии ӯ қатъ мегардад. Ба ҷуз ин молу сарвате, ки мо ба даст меоварем бояд донем, ки мо бо онҳо то абад нестем ва рӯзу соате ба вуқуъ меояд, ки мо бо дасти холӣ ин дунё ва молу сарватамонро падруд мегӯем. Пас, хонандаи муҳтарам аз ин навиштаҷоти мухтасар метавонад хадафи ба миён гузоштаро дарёбад ва шояд ин мақола кумаке барои диду ҷаҳонбинии ӯ нисбати инсон ва дунёи ҳастӣ гардад.

**Зебуннисо Зиёева**
*ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ*

# МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ ТАЪРИХӢ ВА САМТҲОИ ИНКИШОФИ ИЛМИ АХЛОҚ ДАР ЮНОНИ ҚАДИМ ВА ҒАРБ

**Ахлоқи антиқа.** Зери мафҳуми "антиқа" дар таърих марҳалаи аз асри VII – VI то м. то асри IV – V то м. (қариб 10 аср) фаҳмида мешавад. Марҳалаи аввали инкишофи афкори ахлоқӣ бо заволёбии сохти қабилавӣ-авлодӣ ва худро ҳамчун шахсият дарк кардани инсон, ҳамчун "Ман"-и аз дигарон (кул) ҷудошуда алоқаманд мебошад. Тасаввурот дар бораи ногустанӣ будани "Мо" ва "Ман" дар асарҳои Гомер тавсиф ёфтааст.

Саравввал андешаҳои ахлоқӣ дар ҷараёнҳои фалсафӣ ташаккул ёфта, низоми асотирӣ ва динӣ дар бораи макони инсон дар олам ва робитаҳои тарафайн бо дигарон ҳамчун заминаи он хизмат кардаанд, ташаккул ёфтаанд. Дар ин марҳала афкори ахлоқӣ дар шакли ҳиссӣ-образӣ баён мегардиданд, таваҷҷуҳи махсус ба масъалаи ташаккули рафтори амалӣ дода мешуд.

**Марҳалаи классикии инкишофи ахлоқи антиқа.**Марҳалаи классикии инкишофи ахлоқи антиқа аз фаъолияти **Демокрит** (5-4 то м.), ки аввалин бор ғояҳои ахлоқӣ ва фалсафии худро дар мафҳумҳои махсус баён намудааст, оғоз ёфтааст. Хидмати асосии ӯ кӯшиши таҳия намудани меъёрҳоест, ки аз рӯи он метавон хайр ва шарро ҷудо кард. Ба сифати чунин меъёр ӯ қаноатмандиро на ба маънои рӯзмарраи он, балки қаноатмандӣ ҳамчун истилоҳи фалсафӣ, ҷудо намудааст. Зери маънои қаноатмандӣ, Демокрит, ҳолати оромии нафсро баъди анҷом додани амал, мефаҳмидааст."Агар баъд аз чанд вақте ноқаноатмандӣ боз гардад, пас, кори нахустин кори хайр набудааст".

Эҳтиёҷмандӣ, ба андешаи ӯ, инсонро ба меҳнат кардан маҷбур намуда, ӯро аз ҳолати ваҳшигӣ берун мебарад: “Меҳнат одамро ба вуҷуд овардааст”.

Демокрит ба раванди тарбия таваҷҷуҳи махсус намуда, тарбияро бе маҷбуркунӣ номумкин меҳисобидааст. Ҳисоб ва навиштанро бе аз худ кардани хатнависӣ ва арифметика, ёд гирифтан номумкин аст. Маҷбуркунӣ метавонад зоҳирӣ (ҷисмонӣ ва ахлоқӣ) ва ё ботинӣ бошад.

Симои дигари давраи классикии инкишофи ахлоқ **Арасту** мебошад. Дар тафоввут аз Демокрит, Арасту бештар ба масъалаи худтарбиякунӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ӯ аз ҷумла таъкид намудааст, ки дар рафти худтарбиякунӣ инсон мутлақан озод аст, зеро интихоби рафтор - ин натиҷаи андешаҳои инфиродӣ мебошад.

Мактаби “**софистон**” (софия – ҳикмат). Баъди Демокрит онҳо коркарди проблемаҳои ахлоқиро идома дода, ду нуқтаи асосиро ба мерос мондаанд.

1. Ғояи низоми тарбияи сезинагӣ (оила, мактаб ва тарбия тавассути ҳуқуқ).

**2.** Ягонагии тарбияи ахлоқӣ ва бадеӣ. Ғояи ба ҳам омезиш додаи тарбияи ахлоқӣ ва бадеӣ қабл аз ҳама дар коркарди арзишҳои маънавии давлат, дар рамзиёт, дар тасаввурот оид ба рафтори дилхоҳ ва ғайра истифода мешуд.

Марҳалаи охирин – марҳалаи рӯ ба завол овардани давлатҳои антиқа мебошад. Дар ин марҳала ахлоқ аз як тухм ба якчанд ҷараёнҳо: **гедонизм, шаккокия, равоқия** ва ғайра ҷудо мешавад.

**Эпикур** – вассофи ҳаловат, таълимоти лаззату ҳаловатбарӣ мебошад. Ӯ бори аввал нуқтаро дар бораи хирадмандӣ, оқилона будани эҳтиёҷоти инсониро шакл додааст. Тамоми эҳтиёҷотро ӯ ба се гурӯҳ ҷудо кардааст:

1.Эҳтиёҷоти табиӣ ва зарурӣ (хоб, ғизо ва ғ.);

2.Табиӣ аммо нозарур (бо завқ хӯрдан, хоби ширин, зебо пӯшидан);

3.Ғайритабиӣ ва нозарур (ҳирси бойшавӣ, муҳаббат ба шараф, саъю талош барои гузоштани ёдгориҳо ҳанӯз дар давраи зинда будан).

Дар раванди тарбия ҳар як инсон, бояд аз низоми маҳдудиятҳои эҳтиёҷот бигузарад, он гоҳ ӯ хоҳад фаҳмид, ки барои зиндагии пурра бисёр чизи кам лозим аст ва онро метавон бо воситаи меҳнати худ ба даст овард. Замоне, ки инсон аз лаззати ин ду чизи охир маҳрум мегардад - ин барояш фоҷиа нахоҳад буд.

**Ахлоқ дар Юнони қадим ва Рими қадим.** Таъсири фалсафаи антиқаро дар инкишофи шуури фалсафии инсон баҳо додан душвор аст. Ватани маънавии антиқа Юнони қадим мебошад, ки бо сафарҳои ҳарбии Искандари Мақдунӣ дар асрҳои 3-4 то м. ҷаҳонбинии Юнони қадим дар қисмати шарқии Миёназамин (Осиёи Хурд ва Миср) ба таври васеъ интишор ёфта, дар асри 2 мелодӣ бошад ба маданияти Юнон маданияти Рими қадим низ илова гардид.

Ҷаҳонбинии антиқа дорои хусусиятҳои хосаи худ мебошад:

1. Афзалият доштани ангезаҳои эвдомонистӣ дар ҷустуҷӯҳои маънавии мутафаккирони юнонӣ (ба андешаи онҳо инсон бояд хушбахт бошад).

2. Ғояи ҳамоҳангии маънавӣ ва ҷисмонӣ. Ахлоқ дар Юнони қадим кӯшиш накардааст, ки ба мисли Ҳинди қадим барои пайваст шудан бо Худо аз болопӯши моддӣ раҳо гардад. Баръакс антиқа парастиши ҷисмро, ки барои дигар маданиятҳо тамоман ношинос буд, оғоз мекунад.

3. Самтнокии иҷтимоӣ доштани андешаи ахлоқӣ, робитаи ногустании ахлоқ бо сиёсат. Накӯкориҳои шаҳрвандӣ чӣ дар Юнон ва чӣ дар Рим қадрдонӣ мешаванд. Арзишҳои демократӣ низ нақши муайян бозиданд. Барои антиқа давлат ба мисли Чин ҳадаф набуд. Дар ибтидои антиқа тасаввурот дар бораи ваҳдати фард ва давлат интишор ёфта бошад, баъдан бо ҳам муқобилгузории олами ботинии инсон ва ҳаёти иҷтимоии ӯ пайдо шудааст.

4. Тавсифи муҳими ҷаҳонбинии ахлоқии антиқа ақлгаро (ратсионалӣ) будани он аст. Барои бо ҳадафи ниҳоӣ иттиҳод

ёфтани инсони антиқа бартараф намудани модда ва ё ташкил намудани ҷомеаи комил шарт набуд: вай инро тавассути ақл татбиқ намуд. Олами ғайб, барои антиқа тавассути ақл шинохташаванда аст ва он дорои номи макони "оқилона" буд. Инсон қодир буд, ки чунин маконро мустақилона шинохта гирад. Ин далели он аст, ки инсон дорои арзиши муайян ва худмухтор буд. Аз ин ҷо, тасаввурот дар бораи инсон, ҳамчун инсони оқил ва рафтори маънавӣ ҳамчун рафтори оқилона бармеоянд. Илм дар бораи ахлоқ низ ба вуҷуд омадааст. Дар байни худшиносӣ ва камолот, саодат ва лаззати оқилона робитаи муайян вуҷуд дорад.

5. Антиқа ба оламиён чунин шакли дониши ҷамъиятӣ - илмро додааст.

Ахлоқи антиқаро метавон ба се марҳала ҷудо кард: **архаистӣ** аз асри 7 то 5 то мелод, дар ин давра ташаккулёбии аҳкоми ахлоқӣ оғоз ёфтааст. **Классикӣ** аз асри 5 то 4 пеш аз мелод коркард ва ба низомдарории андешаҳои ахлоқӣ. **Эллинӣ** тахминан асри 3 то 6 м. Дар ин давра ахлоқи антиқа аз ҳудуди полисҳои (шаҳр-давлатҳои) юнонӣ берун мебарояд.

Дар фалсафаи антиқа муҳимтарин проблемаҳои назариявии ахлоқ матраҳ ва роҳҳои гуногуни ҳаллу фасли онҳо пешниҳод шудааст. Идеали оқилона, саодатмандӣ, шахсияти баркамол тарҳрезӣ шуда, дар тасаввуротҳои гуногуни рафтор: гедонизм (киреикҳо), эвдемонизм (Арасту, Эпикур ва диг.), аскетизм ва ригоризм (равоқиён, киникҳо, шаккокон), ратсионализми ифротӣ (Суқрот, Афлотун) ва ғ. инъикос ёфтаанд.

**Андешаҳои ахлоқии Асрҳои миёна.** Асрҳои миёна - марҳалаи махсуси таърихи инсоният мебошад. Муҳаққиқон ҳанӯз ҳам оид ба оғоз ва анҷоми ин марҳала баҳсу мунозира мекунанд. Ин баҳсу мунозираҳо асосноканд, зеро масалан, дар Чин ва Ҳинди асри 1 то мелод инкишофи ахлоқ бо роҳи эволютсионӣ пеш меравад. Дар Ҳинд марҳалаи браҳманӣ-буддоӣ идома дошта, дар Чин буддоия интишор ёфта бошад ҳам, конфусчигӣ нақши бузург мебозид. Дар олами юнонӣ-римӣ таҳаввулоти ҷиддии ҷаҳонбинӣ ба вуҷуд омад. Маҳз ҳамин сабаби пайдошавии

истилоҳи “асрҳои миёна” гардидааст. Аксари муҳаққиқон ҷонибдори ин андешаанд, ки ахлоқи ин давра ахлоқи динӣ мебошад, аммо барои Ҳинд ва Чин пантеизм[9] хос буд.

Даврабандии Асрҳои миёнаро шартан ба чунин давраҳо тақсим кардан мумкин аст:

Аз асри 1 то асри 5 то мелод - барқароршавии ахлоқи Асрҳои миёна (империяи Рим);

Аз асри 6 то 10 то мелод - инкишофи афкори ахлоқии асрҳои миёнадинӣ (Хилофати Араб, Византия, Аврупои Ғарбӣ);

Аз асри 11 то асри 14 то мелод - ахлоқи Асрҳои миёнаи мутааххир (Аврупои Ғарбӣ).

Сарчашмаи асосии ҷаҳонбинии Асрҳои миёна мероси маънавии антиқа мебошад. Ғояҳои зиёди он (масалан, афкори равоқиён, навафлотуния) бо афкори шуури Асрҳои миёна ҳамроҳ шуданд.

Сарчашмаи дигари ахлоқи Асрҳои миёна парастишҳои бисёрмиллати Империяи Рим ва кишварҳои ҳамсояи он мебошанд. Эътиқодҳои динии ин ва ё он халқ интишор ёфта, нишонаҳои миллии худро аз даст дода, дар заминаи мусоиди антиқа нишонаҳои умумӣ қабул менамуданд.

**Масеҳият.** Масеҳият дар асри 1 мелод пайдо шуда, ҳамчун таълимоти ягонаи динӣ дар асри 4 мелод дар Шӯрои Умумиҷаҳонии Никей ташаккул ёфтааст. Тибқи ин таълимот Худо – Исои Масеҳ дар як вақт табиати ҳам инсонӣ ва ҳам илоҳиро дар худ ҷо мекунонад. Исои Масеҳ барои наҷот додани одамон ва ато кардани ҳаёти абадӣ, бар неруи маъсият тавассути қабул кардани азоби чормех ва марг ғолиб омад. Китоби муқаддаси масеҳиён Библия мебошад.

Насрония баробарии тамоми инсонҳоро новобаста аз мансубияти миллӣ ва иҷтимоӣ назди Худо эътироф намуда, ақидаеро, ки тибқи он, яҳудиҳо **миллати эътироф шуда ва ё баргузидаи Худо** мебошанд, комилан инкор менамояд.

[9] Пантеизм (аз юн. пан –ҳама ва теос- Худо) таълимоти фалсафие, ки тибқи он Худо мабдаи бешахс буда, на берун аз табиат, балки баръакс, худи табиатро ташкил медиҳад.

Дар асоси таълимоти китоби муқаддаси «Инҷил» насрония чунин таълим медиҳад:

1) ахлоқ табиати фавқуттабиӣ ва илоҳӣ дошта, онро Худо ба инсон эҳдо кардааст;

2) инсон танҳо дар асоси имону боварӣ ба Худо метавонад, ки ахлоқӣ бошад, чунки ахлоқи инсонӣ бе эътиқод ба Худо имконнопазир аст;

3) ахлоқ системаи меъёрҳо, қоидаҳо ва принсипҳои рафторе мебошад, ки онҳоро Худо ба сифати қонуни ахлоқии азалии тағйирнаёбанда муайян кардааст; одамон вазифадоранд, ки онҳоро иҷро намоянд.

Насрония ба пайравонаш тасалло ва умеди озодиро ба воситаи маърифати ҳақиқати илоҳӣ таълим медиҳад, ки онро Исои Масеҳ ба тамоми инсоният овардааст.

**Асоси насронияро муҳаббати Худо ба одамон ва муҳаббати инсон ба Худо ташкил медиҳад**. Дар «Инҷил» гуфта шудааст, ки: **«Худо муҳаббат аст»** (I ин. 4,8). Тамоми муъминон ба воситаи муҳаббат ба Худо муҳаббати худро нисбати наздиконашон амалӣ менамоянд. Ин муҳаббат одамонро ба худию бегона, ба дӯсту душман ва ба хубу бад ҷудо намекунад, ин муҳаббат муносибати байни одамонро ба мисли Исо ҳамчун муносибати бародар ва хоҳар баҳо медиҳад.

Насрония ба сифати меъёрҳои ахлоқии умумиинсонӣ даҳ аҳкомро муайян мекунад, ки байни онҳо меъёрҳои ахлоқие аз қабили **эҳтироми волидон, манъи қатли инсон, манъи зинокорӣ, дӯздӣ ва дурӯғ, шаҳодати бардурӯғ додан ва ғайра** дохил мешаванд.

Насрония таълим медиҳад, ки **инсон аз рӯзи таваллуд гунаҳкор таваллуд шуда, роҳи халосии инсон аз гуноҳ ба воситаи тавба ва тағйир ёфтан аст, барои ин зарур аст, ки талаботҳои «Каломи муқаддас», маросимҳои динӣ, рӯза ва ҷашнҳое, ки онҳоро калисо муайян кардааст, ҳатман риоя шаванд.**

Ғояи асоси насрония дар он зоҳир мешавад, ки **неъмат ва некӣ ба инсон равона шуда, дар ин роҳ зарур аст, ки шарру бади ҷаҳон ва ҳамаи он чизе, ки ба зидди неъмати инсон равона шудааст, мубориза бурда шавад.**

Насрония ғояеро пайгирӣ менамояд, ки мутобиқи он ҳар амале, ки мо дар ин дунё нишон додаем, подоши онро баъди марг дар охират хоҳем дид. Инсон бояд барои наҷоти ҷони худ

ҳаракат кунад, то ки дар ҷаҳони **«салтанати илоҳӣ»** ба саодату хушбахтӣ табдил ёбад.

Барои пайравони насрония риояи ҳатмии эътиқоди Исои Масеҳ **қонуни асосӣ** мебошад. Ҳар як пайрави Исо бояд кӯшиш намояд, ки намунаи рафторҳои Исои Масеҳро дар худ амалӣ карда, худро дар асоси талаботҳои «Каломи Муқаддас» ба камолоти ахлоқӣ расонад. Тибқи таълимоти насрония, **одамон бояд ба хотири зиндагии охират дар салтанати осмонӣ, ба хотири Исои Масеҳ азоб кашанд**. Онҳо ҳамчунин бояд дар ин дунё душвориҳои зиндагиро ҳалимона паси сар намоянд. Мутобиқи таълимоти дини насрония бояд, ки **писари Худо - Исои Масеҳ бори дуюм ба ҷаҳон зоҳир шавад, то ки нисбат ба мурдаю зиндаи насли инсонӣ ҳукми одилона барорад.**

Насрония таълим медиҳад, ки ҷони инсон нисбат ба ҷисмаш бартарӣ дорад. Барои ҳамин **талаботи насрония ин аст, ки инсон бояд рӯҳи худро, ки азалию ғайри моддист, наҷот диҳанд**. Пайравони насрония гузаштагони худ ва аъмоли онҳоро бояд дар намозашон ёдовар шуда, ба онҳо тақлиду пайравӣ намоянд.

Насрония фаҳмиши идеали ахлоқӣ ва маънои зиндагии хоси худро пешниҳод менамояд. Покӣ ва корнамоиҳои Исои Масеҳ ба хотири накӯаҳволии дигарон барои насрониҳо намунаи ибрат мебошад. Исои Масеҳ дар хутбаи кӯҳии худ нақшаи амали ахлоқиашро барои пайравонаш муайян мекунад (Матф. 5-7). **Итоат ба қонунҳои илоҳӣ, риояи аҳкомҳои китоби «Инҷил», хизмат ба дини худ, бурдани салиби худ дар ин ҷаҳон барои соҳиб шудан ба хушбахтӣ дар олами дигари ҷовидонаву азалӣ дар салтанати илоҳӣ маънои зиндагии пайравони насронияро ташкил медиҳад.**

**Таълимоти ахлоқии Библия.** Фаъолияти Исои Масеҳ ва талаботи ӯ аз мардум, ки ба аксиомаҳои ахлоқи масеҳӣ табдил ёфтаанд, дар матнҳои махсуси Инҷил ва Аҳди ҷадид инъикос ёфтаанд. Ғояҳои асосии ахлоқии он чунинанд:

1. Ғояи Худо-шахсият ҳамчун офаридгори олам, пас, қонунгузори ахлоқӣ.

2. Ғояи баробарии инсон дар назди Худо сарфи назар аз миллат, мақоми иҷтимоӣ ва ғайра. Дар парастишҳои миллӣ вай вуҷуд надорад (масалан, дар Аҳди қадим вай ба "халқи

баргузида" дода шудааст). Маҳз тавассути масеҳият ин ғоя "Мунаввар карда шуда" барои оммаи васеъ дастрас гардидааст.

3. Ғояи муҳаббат ва ғамхорӣ. Онҳо барои инсон маънои баромадан аз доираи худмухтории ахлоқиро доранд, ки барои антиқа хос буданд. Муҳаббат ба онҳое равона гардидааст, ки аз онҳо манфиате гирифта намешавад, яъне камбизоатон, пастзадаҳо ва ғайра.

4. Ғояи азоб кашидан ҳамчун неъмат. Азоб кашидан дар ин ҷо ҳадаф набуда, танҳо барои наҷот ёфтан зарур аст.

5. Барои масеҳияти ибтидоӣ муносибати инкоргароёна ба моликият низ хос аст. Чунин муносибат аслан аз сабаби қабул надоштани ҷисмоният бар омадааст. Дар тафоввут аз гноститсизм, масеҳият аз ҷисм рӯй намегардонад, аммо "покии" онро тавассути зоҳидӣ ва рӯза талаб мекунад.

Марҳалаи таблиғоти Масеҳ то асри 5 мелодӣ (аз рӯи баъзе ҳисобҳо то асрҳои 9-11 мелодӣ.) **марҳалаи патристика** ба ҳисоб меравад. Дар ин давра мутафаккирони динӣ заминаи таълимоти масеҳиро омода намудаанд. Онҳо барои мутобиқ кунонидани масеҳияти ибтидоӣ ба талаботи маданияти юнонӣ-римӣ кори бузурге намуда, таълимоти масеҳиро асоснок кардаанд.

Патристика[10] ба шарқӣ (забони юнонӣ) ва ғарбӣ (забони лотинӣ) ҷудо мешавад. Баъди ба православӣ ва католикӣ (асри 11 мелодӣ.) тақсимшавӣ муаллимони маънавӣ аз якдигар дур шуданд.

1. Падарони шарқии серков- Ориген (асрҳои 2-3 мелодӣ.), ҳамчунин Василий Великий, Григорий Назианин, Григорий Нисский (асри 4 мелодӣ), дар серкови православӣ муқаддас ҳисобида мешаванд.

2. Падарони серкови ғарбӣ -Тертуллиан (асри 3 мелодӣ), Иерonими муқаддас, Августини муқаддас (асрҳои 4-5 мелодӣ) ва дигарон буда, фаъолияти онҳо барои **анъанаи католикӣ** дорои аҳамияти бузург мебошад.

[10] Патристика (аз кал. лот. Патер - падар) илоҳиёти масеҳии асрҳои 2-8, ки таълимоти "падарони серков"-и масеҳиро асоснок мекарданд.

Таълимоти Августини муқаддас то асри XIX таълимоти расмии серкови католикӣ ба ҳисоб мерафт. Ба андешаи муҳаққиқон, таълимоти ӯ тасаввуроти динии асрҳои миёнаи мутақаддимро дар шакли намунавӣ ба низом даровардааст. Ин мутафаккир мақоми илоҳии ахлоқро барои асрҳои миёна ҷудо кардааст.

Августин чунин андеша дошт, ки ҳама офаридаҳои илоҳӣ хайр мебошанд. Бадӣ дар муқобили хайр, ҷавҳарӣ набуда, ин як нуқсони хоси хайр мебошад, сабаби бадӣ иродаи озод аст, ки ба инсон иҷоза медиҳад, ки талаботи илоҳиро инкор кунад.

Марҳалаи Асрҳои миёнаро метавон шартан ба чунин марҳалаҳо ҷудо кард:

Аз асри I то V мелодӣ - ташаккулёбии ахлоқи асрҳои миёна (империяи Рим);

Аз асри VI то X мелодӣ - инкишофёбии ҷаҳонбиниҳои ахлоқӣ-динӣ (Хилофати араб, Византия, Аврупои Ғарбӣ);

Аз асри XI то XIV мелодӣ - ахлоқи Асрҳои миёнаи мутааххир (Аврупои Ғарбӣ).

Дар асри IV мелодӣ. Империяи Рим ба қисматҳои ғарбӣ ва шарқӣ тақсим карда шуд. Қисмати ғарбӣ баъди чанде аз тарафи барбариҳо ва қисмати шарқӣ византиҳо истило карда шуд. Ҷаҳонбинии ҳокими византиҳо масеҳият буд. Таъсири Шарқи наздик боиси пайдошавии хоси он православие гардид. Дар Византия асарҳои падарони шарқӣ дорои ҳусну таваҷҷӯҳ гардида буд.

Дар асрҳои X-XIV андешаҳои динӣ-ахлоқӣ ба сатҳи болотар баромада, тарҷумаи осори мутафаккирони Юнони қадим, аз ҷумла навафлотуния[11] бо суръат идома меёбад.

Дар фалсафаи динии Аврупои Ғарбӣ муайян кардани ҳудудҳои ақл ва имон сабаби пайдошавии назарияи ду ҳақиқат гардид. **Ақл тобеи имон ва фалсафа хизматгори худошиносӣ**

[11] Навафлотуния – фалсафаи ирфонии давраи заволёбии империяи Рим (асрҳои 3-6). Назарияи мусули Афлотун дар навафлотуния шакли таълимотро дар бораи назарияи судури (содир шудан, баромадан) олами моддӣ аз нахустмабдаъ - ақли ҷаҳонӣ гирифтааст.

**мешавад.** Чунин таълимотҳое, ки воситаи асосии маърифати худо ва ахлоқ ақл шинохта шаванд, бисёр камёбу нодир буданд. Аз ҷумлаи чунин таълимотҳо таълимоти **П. Абеляр** мебошад.

Ҷаҳонбинии ахлоқии асрҳои миёнаи масеҳӣ ва исломӣ марҳалаи нави инкишофи ахлоқ ба ҳисоб меравoнд. Дар заминаи парадигмаи тавҳидӣ, ғояи Худои Холиқ низоми нави координатаҳо тарҳрезӣ гаштанд. Дар маркази он ғояи Худои Холиқ, қарор дошт, ки ҳамчун хайри олитарин ҳисобида мешуд. Рафтор, эҷодиёт ва амрҳои Ӯ, аз омезиши хайр ва шар иборат буда, ба сӯи наҷот равона гаштаанд. Воқеияти ахлоқӣ аз ду шахсият - Худо ва инсон иборат буд, ки дар муқобили олами сарбастаи антиқа қарор дошт. Нуқтаи такяи инсони антиқа худкифоятии ахлоқии ӯ буд. Аз ин ҷо **атараксия** (беизтиробӣ, оромӣ) ва **апатия** (бепарвоӣ) ба вуҷуд омадаанд. Инсони асрҳои миёна чунин такягоҳро гум ва мувозинаташро аз даст дода, онро дар Худо меҷӯяд. Барои имондор ин масъалаи марг ва зиндагӣ мебошад. Зарурати аз доираи олами ботинӣ баромадани инсон дар накӯкориҳои асосии он давр - **имон, умед ва муҳаббат** инъикос ёфтаанд.

Сатҳи пасти ахлоқи инсони асрҳои миёна баъди шиносоӣ бо осори антиқаи давраи Эҳё баръало зоҳир мегардад.

**Ахлоқ дар Замони нав.** Давраи Замони нав марҳалаи навбатии пешрафти инсоният ва муқаддимаи муносибатҳои нодири иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошанд, ки дар қаламрави Аврупои Ғарбӣ дар асрҳои XV-XVIII мелодӣ ташаккул меёфт. Сухан дар бораи барқароршавии муносибатҳои буржуазӣ меравад. То ин давра тамаддуни Аврупои Ғарбӣ аз дигар тамаддунҳо (Византия, олами ислом, Ҳинд, Чин ва ғайра) фарқ мекард. Дар Замони нав манзара куллан тағйир меёфт ва барои як қатор давлатҳо аз даст додани истиқлолият ва ба кишварҳои истеъмории Аврупоӣ табдил ёфтани як қатор давлатҳо таҳдид мекард. Пешвоии тамаддуни аврупоӣ дар соҳаи донишҳои гуманитарӣ, аз ҷумла дар соҳаи фалсафа зоҳир мегашт. Агар дар замони қадим ва ё Асрҳои миёна фалсафа дар як қатор марказҳои илмӣ инкишоф меёфт, пас дар Замони нав навгониҳои илмӣ асосан дар фалсафаи

Аврупои Ғарбӣ инкишоф ёфта, дар дигар қисмати ҳаёти маънавӣ аз инкишоф боз мондани фалсафа эҳсос карда мешуд.

Сабабҳои мадании ин тағйиротҳои воқеӣ аз оғози асри XV дар Аврупои Ғарбӣ мураккаб ва гуногун буданд. Дар ин давра нақши бузургро мероси антиқа мебозид ва таъсири он бо муҳоҷирати фаъоли ақлӣ оғоз меёбад. Дар рафти истилои Византия аз ҷониби туркҳо донишмандон, рассомон, илоҳиётшиносон ба Аврупо муҳоҷират мекунанд. Асосан онҳо дар Италия интишор ёфтанд. Дар натиҷаи фаъолияти тарҷумонии онҳо таваҷҷуҳи зиёде ба антиқа ва махсусан ба мероси гуманистии он зоҳир мегардад. Саъю талошҳо барои нусхабардорӣ кардани чизи асосии давраи Эҳё - оғози марҳалаи Замони нав гардид.

Аммо мероси антиқа танҳо як шакли барангезандаи хосаи равандҳои руйдода мебошад. Ҷаҳонбинии масеҳӣ, ки дар замон дар тӯли марҳалаи Асрҳои миёна ҳукмронӣ мекард, дар ташаккулёбии асосҳои Замони нав низ нақши бузург бозид. Ғояҳои индивидуализатсия кардани рӯҳ, масъулияти шахсии инсон, баробарии одамон ва ғайра маҳз дар марҳалаи Асрҳои миёна интишор ёфтаанд. Сарфи назар аз ранги динӣ доштани онҳо (баробарии одамон, масъулияти одамон дар назди Худо ва ғайра) ин ғояҳо барои дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ табиӣ гардиданд. Маданияти ҳуқуқӣ ва сиёсии Замони нав бе онҳо тасаввурнашаванда аст.

Ҳамин тавр, ҷаҳонбинии Замони нав дар асоси синтез шудани музаффариятҳои маънавии антиқа ва Асрҳои миёна ташаккул меёбад. Ин синтезро шароити нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба вуҷуд овард. Пешрафти капитализм боиси афзалият пайдо кардани чунин принсипҳои ахлоқие аз қабили **индивидуализм, ратсионализм ва утилитаризм** гардид.

Инкишофи ахлоқи Замони навро шартан метавон ба якчанд марҳалаҳо ҷудо намуд.

**1. Аз асри XV то XVI - ахлоқи давраи Эҳё ва ё Ренесанс (махсусан дар Италия).**

**2. Аз асри XVII то XVIII - ахлоқи давраи Маорифпарварӣ (Голландия, Англия ва Франсо).**

**3. Охири асри XVIII - ибтидои асри XIX - марҳалаи кӯтоҳи фалсафӣ-ахлоқии олмонӣ.**

**Ҷаҳонбинии ахлоқӣ дар давраи Эҳё.** Мутафаккирони ин давра фаъолияти худро танҳо бо доираи фалсафа маҳуд накарда, донишҳои энсиклопедии худро қариб дар тамоми соҳаҳои ҳаёт татбиқ мекунанд, барои ҳамин номҳои онҳо машҳур мебошанд: Данте Алигери, Николай Кузанский, Николай Коперник, Томас Мор, Никколо Макиавелли, Мишел Монтен, Джордано Бруно, Якоб Бёме, Галилео Галилей ва дигарон.

Фалсафаи ин мутафаккирон бар шаклҳои гуногуни ҷудокунии арастуия, афлотуния ва таълимоти Эпикур такя мекунад. Онҳо қариб ки манзараи пантеистии оламро эҷод мекунанд. Ҷиҳати хосаи дарки ҷаҳон дар айният додани Худо бо табиат ва чун натиҷаи таълиҳи[12] табиат мебошад. Худои давраи Эҳё бешахсият буда, талаботи ӯ бо талаботи қонунҳои табиӣ як мегарданд. Патеизм бо тадриҷ аз варианти мистикии худ (Н. Кузанский) ба натуралӣ (Д. Бруно) мегузарад. Дар охири Эҳё муносибатҳои натурфалсафӣ ба анъанаи муайянкунанда табдил меёбад.

Дигар нишонаи муҳими ин давра антропосентризм (гуманизм) мебошад.

Таълимотҳои ахлоқии Замони нав эволютсияи рӯҳии ҷомеаи асримиёнагӣ аз марҳалаи буржуазии давраи Эҳё то давраи капитализми баркамоли асри XIX-ро инъикос мекунад. Сарфи назар аз гуногунии консепсияҳо, асоси тасаввуротро дар бораи ахлоқ парадигмаи ягонаи ахлоқ ташкил менамуд. Эътирофи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, зарурати ҳамоҳангии байни индивид ва ҷомеа ҷӣ барои амалӣ сохтани манфиати шахсӣ ва ҷӣ манфиатҳои ҷомеа муҳим буд.

Ҳамоҳанг сохтани манфиатҳоро, ба андешаи донишмандони Замони нав, метавон тавассути ақл ба даст овард. Аз ин ҷо ратсионализми таълимотҳои ахлоқии Замони нав ва боварии онҳо аз пешрафти ахлоқ бармеояд. Аммо ҳанӯз дар доираи

[12] Таълиҳи табиат то дараҷаи Худо боло бурдани табиат.

**фалсафаи классикии олмонӣ** унсурҳое ташаккул меёфтанд, ки барои пешрафти он монеъ мегардид.

**Ахлоқи асрҳои XIX – XX.** Дар асоси ҷараёнҳои ахлоқии асрҳои XIX-XX файласуфон анъанаҳоеро ташкил медоданд, ки дар муқобили ахлоқи давраи классикӣ қарор доштанд. Асосгузорони ин ҷараёнҳо насли ҷавони баъди **Фихте, Шеллинг ва Гегел** ба ҳисоб мерафтанд, ки таълимоти худро дар асоси танқид ва шарҳи яктарафаи фалсафаи классикии олмонӣ бунёд гузоштаанд.

Наметавон аҳамияти ин ҳама тағйиротҳои ҷаҳонбиниро дар ибтидои асри XIX яктарафа қадршиносӣ кард. Масъалаи асосии фалсафа ҳастӣ - маншаи тамоми мавҷудот ва аз ҷумла ахлоқ буд. Тибқи анъана дар фалсафаи Замони нав ҳастиро ҳамчун маънавӣ (идеализм) дохил менамоянд, ки онро бо ақли одамӣ дорои табиати ягона муайян мекарданд. Аз ин рӯ, ақл ба шинохти (ратсионализм) моҳияти ягона (монизм) сару кор мегирифт.

Аз асри XIX сар карда, ин сифатҳои ҳастӣ (ба мисли мавзӯи фалсафа) бо тадриҷ мавриди шакку шубҳа қарор мегирад. Ҳамин тавр, таълимотҳои фалсафии тавлидшаванда ин ва ё он принсипҳои барои фалсафаи классикӣ хос - **идеализм, рационализм, монизм ва онтологизм** мавриди тафтиш ва танқид қарор мегиранд. Таҳаввули мавзӯи фалсафа дар таълимотҳои фалсафии баъди классикӣ таъсири бузург мерасонад, ки асоситарини онҳо дар асри XIX-XX чунинанд:

1) Фалсафаи ҳаёт;
2) Материализми таърихӣ (марксизм);
3) Позитивизм;
4) Фалсафаи вуҷуд (экзистенсиализм).

Асрҳои XIX-XX манзараи динамикӣ ва рангаи ташаккулёбии дониши ахлоқиро пешниҳод мекунанд. Ба ғайр аз таълимотҳои зикршуда, дигар ҷараёнҳое аз қабили **феноменология, прагматизм ва ғ.** ва назарияҳои махлутшуда (масалан, **фрейдомарксизм, неомарксизми экзистенциалӣ ва ғайра**) вуҷуд доранд. Аммо ба гуногунии ин ҷараёнҳо нигоҳ накарда, самти асосии ахлоқи баъдиклассикӣ, антропологизми он, ба инсони алоҳида мутаваҷҷеҳ шудани он мебошад. Дар ин самт **эволютсяи**

**фалсафаи ҳаёт, қисман ба антропологияи фалсафӣ** гузаштани он (М. Шеллер, Э. Ротхаккер ва дигарон) оғоз меёбад. Чунин тағйиротҳо дар **материализми таърихӣ** (неомарксизми аврупоӣ солҳои 40—60 ва фалсафаи шӯравӣ охири солҳои 80-ум) инъикос гардиданд. Ба авлавияти индивид экзистенциализм мутаваҷҷеҳ буд. Хусусияти таҳқиқоти фалсафии индивиди ягона методологияи навро тақозо мекард ва **ирратсионализм, пюрализм, материализми диалектикӣ ва дигар шаклҳои тафсири ҳастӣ** маҳз аз ҳамин ҷо маншаъ мегирад.

Анъанаҳои мазкур дорои на танҳо характери фалсафӣ-ахлоқӣ, балки дорои характери умумимаданӣ мебошанд.

## ЧЕҲРАҲО

**Комил Бекзода**
*доктори илмҳои фалсафа*

# УСТОД МАҲКАМ АСЛОНОВ ВА ТАЪЛИМИ ФАННИ ФАЛСАФА ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

**(1)**

Имрӯз 10 июни соли 2020 аст. Бегоҳии рӯзи чоршанбе. Ман, Комил Бекзода ҳастам, зодаи ноҳияи Ванҷ. Соли таваллудам 1945. Номи шиносномаи шуравиам Беков Комилҷон аст. Солҳои 1962 то 1967 дар факултети Таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин, шӯъбаи арабӣ таҳсил кардам. Ҳамкурсҳои ман инҳо буданд: Бобоева Навраста, Акбаров Юнус, Ғоибов Ғолиб, Суҳбатов Неъматулло, Шаҳобиддинов Саиднуриддин, Эргаш Қосимов, Ҳоким Усмонов, Олимхон Қорихонов, Муҳиддин Фатҳиддинов ва ман Беков Комилҷон...

Дар охирҳои моҳи майи ҳамин сол (2020) писари Устод Маҳкам Аслонов бо номи Сулаймон Маҳкамов ба ман занг зад ва доир ба масъалаи тартиб додани маъмӯае аз хотираҳо ба ёди падарашро бо ман дар миён гузошт. Ман ваъда додам, ки ҳарчи дар ёд дорам, хоҳам навишт.

Имрӯз: 10 июни 2020 занг зад ва аз иҷрои ваъда савол кард. Гуфтам, ки чанд саҳифае ба шакли сиёҳмашқ омода кардаам, ва ба наздикӣ ба воситаи интернет бароят мефиристам. Инак, он чанд саҳифаи сиёҳмашқро покнавис мекунам.

**(2)**

Ҳолати имрӯзаи мо ба яке аз имтиҳоноти асили фалсафӣ монанд аст. Имтиҳони инсон дар рӯ ба рӯи марг. Зиёда аз як моҳ мешавад, ки дар ҳолати карантин қарор дорем. Дар ҷои кор эълон карданд, ки касоне аз 50 сола боло, метавонанд дар хонаҳояшон бинишинанд ва корҳои илмиашонро ба воситаи интернет ба ҷои кор бифиристанд. Мо ҳамин рӯзҳо аз рӯи ин фармоиш кор ва зиндагӣ мекунем. Ин имтиҳони фалсафӣ баъд аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-1997 таҷрибаи дуюм аст, ки насли мо бо он рӯ ба рӯ шудааст. Имрӯзҳо

ҳатто телифон кардан ва ё гӯшаки телефонро бардоштан барои инсон ҳароснок шудааст. Тарсу ҳарос аз он ки мабодо хабари фалокатборе ба гӯш бирасад. Фард-фарди мардум танҳо дар бораи худ меандешанд. Дар худ маҳдуд шудаанд. Ҳолате шабеҳ ба ҳолати мардуме, ки нависандаи фаронсавӣ Алберт Камю дар романи Тоун (Вабо) тасвир намуда буд. Ҳолате хазонзадагӣ, бепарвоии дидаю дониста, дурӣ аз эҳсоси масъулият ва аз иҷрои арзишҳои инсонӣ...

Бо вуҷуди ин доир ба вабои замони мо (Коронавирус) зуд зуд хабарҳое ба гуш мерасад, ки гӯё дар ин ё он кишвари дунё олимон доруе барои табобати он ихтироъ намудаанд. Вале то ин лаҳза (10 июни 2020) ба таври амалӣ аз он доруҳо ному нишоне нест. Ба ҳар ҳол барои тасаллои дил чунин хабарҳо дорои арзиши мусбатанд. Мо кормандони илм баъзе хабарҳоро аз таърих доир ба ҳодисаҳои қаҳтӣ (гуруснагӣ), вабо, заминҷунбӣ ва ғайра аз қитобҳои қадим хонда будем ва боварӣ доштем, ки асри мо ки асри илму техника ном дорад, моро аз чунин мушкилоти мусибатбор наҷот додааст. Мутаассифона ин оптимизми мо пеш аз вақт буда, мо худ шоҳиди он гардидем, ки бузургтарин давлатҳои дунё дар рӯ ба рӯи ин буҳрони ҳамагонӣ оҷиз ва нотавон мондаанд. Ин эҳсоси хиҷолат ҳамаи қишрҳо ва гуруҳҳои илму фарҳанги ҷаҳонро фаро гирифтааст.

**(3)**

Тобистони соли 1962 барои имтиҳоноти дохилшавӣ омодагӣ медидем. Дар бинои асосии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин як китобхонаи умумӣ вуҷуд дошт. Ҳамаи дохилшавандагон дар атрофи он рафту омад мекарданд. Дар даромадгоҳи он бино китобҳоро аз рӯи ихтисос: забон адабиёт, таърих, математика, физика...ва ғайра тақсимбандӣ намуда буданд. Дар ин қатор фалсафа ҳам ҷой дошт. Ман ҳар вақте, ки ин номро мехондам, ҳолати аҷибе ба ман рӯй медод. Ҳолате мубҳам ва нофаҳмо: Фалсафа яъне чӣ? Ба назди китобҳои зери ин ном мерафтам ва номи як яки онҳоро ба оромӣ мехондам: А.М.Баҳоваддинов “Очеркҳои таърихи фалсафаи тоҷик” (ба забони русӣ) ва дигар китобҳои файласуфони тоҷик ва ғайри тоҷик ба мисли Мусо Диноршоев, Муҳаммад Болтаев, Мусо Раҷабов, Виктор Приписнов, Самуэл Борисович Морочник ва дигарон. Ва ин китобҳоро гирифта варақ мезадам. Мақсад аз он иборат буд ки бидонам: фалсафа яъне чӣ? Мо дар мактаби миёна чунин предмете

дар таҳсил надоштем. Ҳарчанд калимаи “фалсафа”-ро борҳо дар китобҳо хонда ва шунида будем. Дар китоби Устод А.М.Баҳоваддинов ба номҳои шинос дучор омадем: Ибни Сино, Хайём, Носири Хусрав ва дигар мутаффакирони тоҷик. Мо аксари онҳоро дар мактаби миёна ба сифати шоир ва аҳли фарҳанг дар китобҳои дарсии адабиёт хонда будем. Бо худ меандешидам ки агар ин ҳама шахсиятҳо шоир бошанд, пас фалсафа ва файласуфаш кадом аст?

Оқибат, ҳамон сол (1962) бар курсии донишҷӯӣ нишастем. Курси мо ҳамагӣ 11 нафар буд. Ба номи шӯъбаи арабӣ. Навраста Бобоева баъди як соли таҳсил ба курси дигар гузашт. Оқибат рӯзе расид, ки қисмати аввали дарси фалсафаро бо номи “Материализми диалектикӣ” (1964) омухтем. Устоди ин фан муаллима Фируза Турсунзода буд. Муаллима баъди хатми Университети Москва ба Душанбе баргашт ва устоди илми фалсафа дар Университет гардид. Ӯ дар ибтидо истилоҳоти фалсафиро ба забони тоҷикӣ хуб намедонист. Дар суханрониҳояш аз калимаҳо ва истилоҳоти русӣ фаровон истифода мекард. Мо донишҷӯён на калимаҳои русиро мефаҳмидему на истилоҳоти фалсафиро. Ҳамзамон муаллима хеле шахсияти доно, зирак ва бо назокат буд. Калимаҳои мушкили фалсафиро ба русӣ шарҳ дода, аз донишҷӯёни филологи тоҷик мепурсид ки ин калима ба забони адабии тоҷикӣ чигуна тарҷума мешавад. Дар аудитория (синфхона) шавқу шур барпо мегашт. Ҳар кас тарҷумаи худро пешниҳод мекард. Муаллима ин тарҷумаҳои пешниҳодшударо бо ҳам муқоиса карда, дурусташро интихоб мекард. Он рӯзҳо муаллима бисёр ҷавон ва зебо буданд. Вале таҷрибаи педагогӣ надоштанд. Бо вуҷуди ин донишҷӯён ҳамагӣ ӯро хеле эҳтиром менамуданд. Дар ҳаққи ӯ мегуфтанд ки муаллима ҷашни хатми Университет ва тӯи арусиашро якҷоя гузаронидааст ва бо як марди ғайри тоҷик, ки ҳамкурсаш будааст, ба шавҳар баромадааст. Донишҷӯёни тоҷики солҳои 1960-ум ба ин қабил ҳодисаҳо бо як ҳассосияти миллатгароёна аксуламал нишон медоданд. Барои мисол як донишҷӯи курси чоруми математикаи Университет ҳангоми дарс пешниҳод кардааст, ки ман ба хотири номуси тоҷикӣ, омодаам ки туро ба занӣ гирам, ба шарте, ки аз шавҳари ҳозираат даст кашӣ...

Он солҳо илми фалсафа аз ҷумлаи илмҳои навтаъсис буд. Барои баъзе аз устодон ва шогирдон низ аз ҷумлаи илмҳои ҷолиб ва суолбарангез ба шумор мерафт...

**(4)**

Соли 1967 мо курси панҷум будем. Аввалин бор дар ҷадвали дарсӣ предмети "Таърихи фалсафа" пайдо шуд. Номи Устодро зери ин фан чунин навишта буда буданд: М. Аслонов. Аввалин савол ин буд, ки ин устоди нав аз куҷост? Шиносҳои мо аз курҳои болоӣ ба мо гуфтанд, ки аз ноҳияи Уротеппа аст. Ва номи пуррааш: Маҳкамбой Аслонов.

Устод он солҳо хеле ҷавон буданд. Қадбаланд, боғурур ва мӯйҳои сиёҳи ҷингила дошт. Ҳангоми ворид шудан ба синф ваҷоҳати ҷиддӣ ба худ мегирифт. Намехандид. Хеле кам андар кам табассуми дипломатӣ мекард. Вале чун қоида дар аввали дарс баъди ҳозир-ғоиб ва эълони мавзӯи нав, чанд дақиқаро ба масъалаҳои ахлоқ, одоб ва рафтори донишҷӯӣ мебахшид. Аз зиндагии давраи донишҷӯияш барои мо мисолҳо меовард...Аз китобҳои хондагиаш...Аз осори шоирони гузаштаи тоҷик ва дигар устодони илму ахлоқи Шарқ нақлу ривояҳои ҷолиб мекард. Аммо дигар устодон танҳо дар фикри лексия, санҷиш ва имтиҳон буданд. Бо мо шогирдон аксарашон ҳусни тафоҳум надоштанд. Ҳатто ҳолатҳое ҳам вуҷуд дошт ки шогирдонро аз фаро расидани рӯзи санҷиш (зачёт) ва имтиҳон таҳдид мекарданд. Баъзе устодон аз ҳисоби ҳамшаҳриҳои худ "Группировкаи пинҳонӣ" ташкил медоданд. Шогирдони он солҳо аксар ҷавононе буданд, ки тоза ба шаҳр ворид шуда буданд. Суфту сода. Ба ҳама бовар мекарданд. Ва аз ҳама бештар ба устодони маҳалли худ. Вале мутаассифона устодони он замони мо "Мушкилоти шахсӣ"-и худро дар роҳи ба даст овардани мақому мансаб, вазифа ва гирифтани унвонҳои илмӣ, донишҷӯёни ҳамдиёри худро ҳамаҷониба "истифода" мекарданд. Дар натиҷа ин зиддият ва мухолифатҳои байни устодон, мо донишҷӯёнро низ ба сангарҳои маҳалчигӣ ва маҳалгароӣ тақсим мекард. Доираи ин зиддиятҳо дар майдони дарсу имтиҳонҳо маҳдуд намешуд. Ба берун ҳам сироят мекард. Мо дар хобгоҳи кӯчаи Айнӣ ҳоло Садбарг зиндагӣ мекардем. Чандин устоди ҷавон бо аҳли оилаашон дар хобгоҳи студентӣ зиндагӣ мекарданд. Баъзе аз ин устодон бо шогирдони худ ки аз маҳалҳои дигар буданд, дар ҳоли адовати ошкор ва пинҳонӣ

буданд. Борҳо шуда буд, ки барои қассос гирифтан, деги оши муаллимро дуздида ба ҷӯи назди хобгоҳ мепартофтанд...Ё дар дегаш як кило намак ва ё як қабза алафи ҳарза илова мекарданд. Мо мисолҳои аз ин дағалтарро низ ба хотир дорем. Вале ба сабаби покӣ ва иффати қалам онҳоро зикр кардан намехоҳем...

Шояд Устод Маҳкам Аслонов аз ин ҳодисаҳо огоҳ буд, ки дар ҳар дарсу машғулияте моро насиҳат мекард. Роҳ нишон медод...Намунаҳои ахлоқӣ зикр мекард...

Тарзи дарсгузаронии Устод ҳам аз дигарон хеле фарқ мекард...Дар бораи файласуфони қадимаи Шарқ чунон бо самимият нақл мекард, ки гӯё шахсан бо худи онҳо мулоқот карда бошад...Андешаҳои онҳоро бо забони фаҳмо, равшан ва барои шогирдон ҷолиб баён мекард. Ва он андешаҳоро бо фарҳанги ахлоқии халқи тоҷик муқоиса менамуд. Мисолҳо меовард ва илова мекард: Ҳамин тур нест бачаҳо? Мо ҳама бо як овоз тасдиқ мекардем.

Ҳамкурси мо Эргаш Қосимов ки ҳоло ҳам дар ноҳияи Ваҳдат зиндагӣ мекунад, баъзан аз дарсҳо дер мемонд. Сардори синф Ғоибов Ғолиб боре ба ӯ гуфт: Эргаш, барвақттар аз хоб хезӣ намешавад, ки имрӯз ҳам дер мондӣ? Эргаш бо табассум ва бо як навъ бепарвоии хоси худаш ҷавоб дод:

-Барои ман ба дарси Устод Аслонов расам шуд. Аз дарси дигарон дида хоби ширини саҳарӣ барои ман муҳимтар аст! Устод дар имтиҳонгирӣ хеле саховатманд буд. Мехост, ки ҳама баҳои хубу аъло гиранд. Саволҳоро тарзе медод, ки ғофилтарин донишҷӯ ҳам метавонист ҷавоби онро пайдо намояд. Имтиҳони мо аз фанни таърихи фалсафа дар фасли тобистон иттифоқ афтод. Рӯзи имтиҳон пеш аз ҳама Ғолиб, Олимхон, Юнус ва Саиднуриддин даромада, имтиҳон супориданд. Ҳама шоду хурсанд буданд. Сазовори баҳои аъло гардиданд. Мо ҳама рӯҳбаланд шудем. Дар ин навбат ман шахси панҷум будам. Саволи ман ба файласуфони Юнони қадим дахл дошт. Ҷавоб додам. Устод, пешониашро молиш дода гуфт: Шогирд, баҳои чор монам Шумо розӣ мӣ? Гуфтам: Устод, мехоҳам ба саволҳои иловагӣ ҷавоб диҳам. Гуфт, майлаш. Савол: Диалектикаи Гераклит аз диалектикаи Марксистӣ чи фарқ дорад? Гуфтам: Асоси диалектикаи Гераклит бар мушоҳидаҳои одии зиндагӣ такя мекард. Дар сурате, ки диалектикаи марксистӣ бар илм

ва таҷрибаи таърихии башарият такя мекунад. Гуфт: Ин ҷавобатонро дар асоси кадом сарчашмаҳо мегӯед? Гуфтам: доир ба Гераклит китоби “Материалисты Древней Греции”-ро (Нашри Москва 1955), 240с хондаам. Ва дар бораи диалектикаи марксистӣ китоби як донишманди урупоӣ Николай Ирибаджаковро низ бо номи “Современные критики марксизма. Философско-социологические проблемы борьбы против современного антимарксизма” (Москва 1962), 620 саҳ, мутолиа намудам. Гуфт: Майлаш, ба хотири саволи иловагӣ баҳоятон панч. Марҳамат, дигарҳоро гӯед дароянд. Ҳоло баъди панҷоҳ сол ин ҳодисаро чунин мефаҳмам, ки масъала, масъалаи доноии мо набуд. Балки Устод аз рӯи дарёдилӣ пеш аз ман чор нафарро баҳои аъло гузошт. Баъд дар навбати ман мулоҳиза кард, ки дар курси мо ҳамагӣ 10 нафар мехонад. Агар ҳамаро баҳои панҷ гузорад, дар деканат “проблема” эҷод мешавад, ки: чаро ҳама панҷ гирифтаанд?”. Бо эҳтимоли қавӣ Устод ба хотири хурдагириҳои маъмулии деканҳо хост ки адади панҷгирҳоро камтар кунад, то дар деканат мушкилӣ эҷод нашавад.

Ростӣ ин аст, ки дониши ҳамаи мо шогирдони шӯъбаи арабӣ хеле хоксорона буд. Ва ба баҳои аъло намеарзид. Вале Устод барои дилбардории мо аксарияти курсро баҳои аъло гузошт.

Баъди хатми Университет, Устодро борҳо мулоқот кардам ва боре ба муносибати 60 солагиаш аз тариқи телевизиони ҷумҳурӣ суханронӣ намудам. Фазилатҳои Устод фаровонанд. Вале бахилиҳо ва ҳасодатҳои аҳли замон аз он фаровонтар. Миқдор муҳим нест, ба гуфти Ибни Сино “мо ба сифат арзиш қоилем”. Бо гузашти рузгор фазилатҳои Устод бар ҳасодатҳои ҳамзамонон миқдоран ҳам афзун хоҳанд гашт. Бо як калима: Устод Маҳкам Аслонов то имрӯз дар хотири мо шогирдон чун Устоди намунавӣ боқӣ мондааст ва боқӣ хоҳад монд. Қарзи шогирдӣ ин аст, ки мо ҳамеша хотираи ӯро дар дил азиз ва арзанда нигоҳ дорем.



**Лаҳзае бо Устод Маҳкам Аслонов (дар мобайн), Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ**

**Нурмуҳаммад Одинаев**
*ходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ*

# ДОНИШМАНДИ ПӮЁ ВА МУҲАҚҚИҚИ ҶӮЁ

(чанд мулоҳиза дар атрофи муҳаққиқи муосири миллӣ, устод Ҷамолиддин Саидзода)

Дар ҷомеаи муосир на фақат тамаддунҳо, балки фарҳангҳо, ҷараёнҳои сиёсиву иҷтимоӣ, динҳо, мазҳабҳо, ақидаҳо ва соири равандҳои ҷомеа метавонанд ба бархӯрд ё ба истилоҳи дигар, ба гуфтугӯ оянд. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки ягон соҳа ба сари худ мустақил ва бидуни робита бо дигар соҳаҳо вуҷуд дошта наметавонад. Муҳаққиқон зарурати бархӯрди мантиқии тамаддунҳо ва созиши ҷавомеи мутамаддинро асли воқеиёти имрӯзӣ талаққӣ карда, бар он ишора намудаанд, ки гуфтугӯи тамаддунҳо ва фарҳангҳо роҳро барои табодули афкор, ҳамгиройӣ ва барҳам задани сӯитафоҳумот ҳамвор месозад. Ин нуқтаназар моро ба натиҷае мерасонад, ки дар раванди гуфтугӯи тамаддунҳо ба ҳам омадан ва ё бархӯрди масоили гуногун вобаста ба соҳаҳои муайян як амри воқеӣ хоҳад буд. Дар замоне, ки соҳаи техникаю технология бештар бартарӣ пайдо кардааст, дар зери мафҳуми “тамаддун”, фақат масъалаҳои фарҳанги техникиро фаҳмидан ба мақсад мувофиқ намеояд. Бархӯрди масъалаҳои ахлоқӣ, динӣ, фалсафӣ, адабӣ, тарбиявӣ, иттилоотӣ ва ғайра низ метавонад дар бархӯрди тамаддунҳо ҷойгоҳи худро дошта бошад. Зеро бархӯрду мубодилоти гуногуни фикрию ақидатӣ боиси зуҳури “фикрии вежае” мегардад. Бо ин мақсад, аксари муҳаққиқони соҳаҳои гуногун кӯшидаанд, мушоҳидаю таҷрибаҳои худро дар корхонаи соҳаҳои дигар баррасӣ намоянд, то ки ба натиҷаи барои ҷомеа муҳим дастёб гашта бошанд.

Дар муҳити Тоҷикистони азизи мо чунин бархӯрдҳои илмиро дар пажӯҳиши баъзе муҳаққиқони нуктасанҷ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Масалан, академик Зафар Усмонов дар

натиҷаи истифодаи баъзе шеваҳои риёзӣ дар тадқиқи масоили гуногуни забоншиносӣ, соҳаи наверо бо номи лингвистикаи иттилоотӣ фаъол намуда, дар ин ришта пажӯҳишҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Яъне, истифодаи усулҳои тадқиқи илмҳои табиӣ дар ҳалли масоили гуногуни забоншиносиии муосир боиси ба вуҷуд омадани натиҷаҳои нисбатан дақиқ ва воқеӣ мегардад.

Муҳаққиқ ва адабиётшиноси фаъол ва сермаҳсул Ҷамолиддин Саидзода дар фаъолияти илмии худ бар он талош намудааст, ки шеваҳои тадқиқоти илмиро дар ҳар соҳаи ба ӯ мувофиқ санҷида, натиҷаи онро дар шакли мақола ё рисолаи илмӣ пешниҳод намояд. Ӯ дар соҳаҳои гуногун тадқиқоти пурарзиш анҷом додааст ва натоиҷи пажӯҳиши ӯ мавриди эътирофи чандин муҳаққиқони варзида қарор гирифтааст. Агар ба майдони илм Ҷамолиддин Сайидзода ҳамчун педагог ворид шуда бошад, минбаъд ӯ масоили педагогиро дар соҳаҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, назмшиносӣ, накди адабӣ ва амсоли инҳо мавриди татбиқ қарор додааст. Академик Маҳмадулло Лутфуллоев дар яке аз нигоштаҳои худ ин паҳлуи фаъолияти илмии Ҷамолуддин Саидзодаро ба мушоҳида гирифта, чунин хулоса кардааст: "...Ҷамолиддин Саидзода бештар дар ду самт қалам меронад: яке адабиётшиносӣ, дигаре педагогика ва дар ҳар ду ҳам комёбу дастболост. Мунаққидону адабиётшиносон барои асарҳою тақризҳои пурмазмуну ширадораш, омӯзгорону мушовирон барои мақолаҳои таълимию раҳнамояш эҳтиромаш мекунанд"[1].

Дар ҳақиқат, Саидзода дар ин ду соҳаи муҳим рисолаю мақолаҳои зиёде таҳия намудааст, ки дар ҳар як нигоштаи ӯ бархӯрд ва омезиши масоили адабиётшиносӣ ва педагогикаро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ин гуна таҷрибаро мо дар фаъолияти илмии бисёр муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ дида метавонем. Профессор Шарифҷон Ҳусейнзода яке аз пажӯҳишгарони адабиёти тоҷик дар солҳои 80-ум китоби дарсии "Адабиёти тоҷик"- ро барои синфи 8-уми мактаби миёна таҳия

[1] Лутфуллоев М. Шеър далели гуфтори ӯст. //Сорбони илм. –Душанбе, 2012. С. 11.

намуданд, ки то ҳол назири худро надорад. Шахсияти Ҷамолиддин Саидзода, ки аз роҳи омӯзиши масоили соҳаи педагогика ба таҳқиқи мушкилот ва муаммоҳои адабиётшиносии муосир иқдом намудааст, боиси эътироф ва эҳтиром мебошад.

Саидзода рисолаи номзадии худро ба таҳқиқи вижагиҳои таълимии эҷодиёти шоири бузурги тоҷик Соиби Табрезӣ бахшида, онро соли 1995 чун тадқиқоти алоҳидаи адабиётшиносӣ таҳти унвони "Соиб – шоири халоқулмазомин" ҷамъбаст ва чоп намуд. Тадқиқоти мазкур ҳамчун кори илмии ҷамъбастшуда аз муқаддима, се боб ва понздаҳ зербоб иборат мебошад, ки он дар се самт вижагиҳои ашъори Соиб, баҳрабардории Соиб аз шоирони пешин ва ҳузури Соиб дар шеър ва адаби Мовароуннаҳр мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Заминаи донишҳои педагогӣ ба Саидзода имкон додааст, ки аз эҷодиёти Соиб бештар вижагиҳои ахлоқиро ҷустуҷӯ намояд. Худи муҳаққиқ ин масъаларо дар раванди таҳқиқ борҳо таъкид менамояд: "Зимнан бояд гуфт, ки Соиб бештар ба халқи мазомини ахлоқӣ даст задааст ва осораш мамлӯ аз мазмунҳои ахлоқиву таврбиявӣ мебошад"[2]. Интихоби масъалаи ахлоқ дар эҷодиёти Соиб, аз як ҷониб, ба таваҷҷуҳи Саидзода ба донишҳои педагогӣ бастагӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар, муҳаққиқ хеле дақиқ дарёфтааст, ки дар ғазалиёти шоир аз мазмунҳои дигар дида, масъалаи ахлоқ муҳимтар ва барҷастатар мебошад. Ин хулосаи муҳаққиқро бештари донишмандон, аз ҷумла Аҳмад Суҳайли Хонсорӣ, Хусрави Фаршедвар, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Муҳаммадамини Риёҳӣ ва дигарон таъкид кардаанд. Ин ҷо месазад, андешаи донишманди шаҳири эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯбро оварем, ки ин вижагии шеъри Соибро ба мушоҳида гирифтааст: "Аҳамияти ӯ бештар барои ғазалҳои ӯст. Баъзе абёти ин ғазалҳо шоҳкори завқу андеша аст. Дар бештари ин абёт шоир латифтарин нукоти ахлоқиро бо кӯмаки амсол-амсоле, ки аз ҷузъиёти зиндагии ҷорӣ гирифтааст,

[2] Саидзода Ҷамолиддин. Соиб – шоири халлоқулмазомин. – Душанбе, 2015. С. 27.

рӯшан мекунад...”[3]. Саидзода масъалаи ахлоқиро ҳамчун як рукни побарҷои тарбия баррасӣ менамояд ва дар ҳар ҳолат кӯшиш мекунад, ки масъалаи мавриди назар дар бастагӣ бо сатҳу сифати тарбиятии хонандагони муассисоти таҳсилоти миёнаи умумӣ арзёбӣ гардад. Барои тақвият ва таъсиррасонии хулосаҳои худ муҳаққиқ аз эҷодиёти Соиб шоҳбайтҳоеро интихоб намудааст, ки онҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии ҳар доништалаб муассир буда метавонанд.

Шахсияти Соиб ва мушаххасоти эҷодиёти ӯ боис гардидааст, ки масъалаи сабки ҳиндӣ ва эҷодиёти намояндагони он ба яке аз паҳлуҳои фаъолияти илмии муҳаққиқ бадал шавад. Аксари намояндагони сабки ҳиндиро хонандаи имрӯзаи тоҷик тавассути мақолаю рисолаҳои илмии Саидзода шинохта, аз эҷодиёти онҳо баҳраҳо мебарад. То имрӯз Саидзода зиёда аз 40 мақолаи илмӣ доир ба эҷодиёти намояндагони сабки ҳиндӣ Калими Кошонӣ, Фиғонӣ, Назирӣ, Соиб, Урфӣ, Шавкат, Зуҳурӣ, Толиби Омулӣ, Носиралии Сарҳиндӣ ва дигарон интишор намуда, вижагиҳои сабки ҳиндиро дар шеъри ин шоирон кашф ва ошкор намудааст.

Саидзода дар тамоми нигоштаҳояш ба ҳунари маъниофарии шоирони классик ва муосир таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд ва бар он мекӯшад, ки вижагиҳои суханофаринии ҳар як суханварро нишон диҳад. Масалан, дар рисолаи “Сувари хаёл дар шеъри Рӯдакӣ” муҳаққиқ аз шеъри устоди шоирони форсигӯй дурдонаҳои маъниро дарёфта, нишон медиҳад, ки устод Рӯдакӣ дар эҷоди маъниҳои бикр ва мазмунҳои тоза аз тамоми шуарои давру замон боло меистад, зеро маъниҳои офаридаи шоир хеле зинда, дастрас, даркшаванда ва воқеӣ мебошанд. Ин гуна ибтикороти шоири тирачашми равшанзамир метавонад барои шоирони имрӯз сабақи муҳим бошад. Зеро дар адабиёти муосир шоироне ҳаваси маъниофарию тасвирсозӣ менамоянд, ки ашёву чизҳои тасвиршавандаи онҳо дар олами хаёл воқеияти худро гум мекунанд ва хонандаро аз олами шеър дилгир карда, аз китобу китобхонӣ тадриҷан канор мебаранд. Барои он ки ин анъана дар

[3] Соиб ва сабки ҳиндӣ. -Теҳрон, 1371. С.80.

адабиёти муосир ривоҷ пайдо кунад, муҳаққиқ шеъри Бозор Собирро чун намуна мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад. Вобаста ба мавзӯи мавриди тадқиқ муҳаққиқ дар ду рисолаи пурарзиши худ “Бозор Собир-тасвиргари бузург”(2009) ва “Бозор Собир-бонии тарзи хаёл” шеъри устод Бозорро мавриди таҳқиқи доманадор қарор медиҳад. Муҳаққиқ пас аз баррасиҳои зиёд ба хулоса меояд, ки Бозор Собир дар адабиёти муосири тоҷик чун Нодири Нодирпур бо тасвирҳои шоиронааш метавонад барои навқаламон шоистаи пайравӣ бошад ва шеъраш, онҳоеро, ки дар олами тахайюлот роҳ меҷӯянд, раҳнамоӣ намояд.

Ҷамолиддин Саидзода дар шинохти Мавлавӣ ва осори гаронқадри ӯ мақолаҳои зиёде нигошта, дар ҳамоишу чорабиниҳои илмӣ бо гузоришҳои баҳснок ва пурмуҳтаво иштирок намудааст. Ӯ яке аз аввалин муҳаққиқоне мебошад, ки бар муқобили “Румӣ” унвон кардани Мавлоно баромада, бо санадҳои илмӣ зодаи шаҳри Балх будани вайро собит намудааст. Ин иқдоми Саидзода минбаъд дар тамоми марказҳои мавлавишиносӣ эътироф гардида, мавриди эътибори аҳли таҳқиқ қарор гирифт.

Саидзода дар шинохт ва муаррифии шеър ва мусиқии муосири Афғонистон ва Эрон ҷустуҷӯҳои муҳими илмӣ ба анҷом расонидааст. Рисолаи пурарзиши ӯ таҳти унвони “Нигоҳе ба шеър ва мусиқии муосири Афғонистон”(2012) на фақат шоирони муосири кишвари ҳамсояро ба мо ошно мекунад, балки ҳамзамон ашъори Халилуллоҳи Халилӣ, Беранги Кӯҳдоманӣ, Қорӣ Абдулло, шоирони мубориzи ин ҳавзаи шеъри дарии форсиро бо ашъори Рӯдакӣ, Иқбол, Лоҳутӣ ва амсоли инҳо муқоиса менамояд ва ба хулоса меояд, ки умумияти фарҳангӣ имкон додааст, ки ашъори саромадони шеъри форсӣ дар ташаккули адабиёти Афғонистон таъсири амиқ расонад.

Муқоиса намудани ашъори шоирон як вижагии хоси фаъолияти илмии Ҷамодиддин Саидзода мебошад. Муҳаққиқ бо ин усул баҳрабардории шоиронро аз шеъри пешиниён нишон дода, ба хулосае меояд, ки ин баҳрабардориҳои шоирон аз тақлид ва пайравии кӯр-кӯркурона орӣ буда, як василаи

ташаккули равандҳои адабӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, муҳаққиқ дар рисолаи “Соиб-шоири халлоқулмазомин” аввалин таъсири шоирони пешин, чун Фиғонӣ, Толиб ва Калимро ба эҷодиёти Соиб нишон медиҳад ва дар боби дигар ҳузури Соибро дар шеър ва адаби Мовароуннаҳр, хосатан дар эҷодиёти устод Айнӣ ва Турсунзода хеле равшан баррасӣ менамояд. Дар зимн, дар шеъри устод Лоиқ ҳам таъсири Соибро бештар ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Масоили нақди адабии муосир аз назари Ҷамолиддин Саидзода берун намондааст. Ӯ дар мақолаи “Нақди солим ва носолим” вазъи нақди адабиро дар чанд соли охир мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва ба хулосае меояд, ки маҳз дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ зиёд шудани нақди носолим ва ғайривоқеӣ боис гаштааст, ки адабиёти муосир хонандаи худро аз даст дода, бозори асарҳои беарзишро зиёд карда истодааст.

Агар ба феҳрасти мақолоти Ҷамолиддин Саидзода таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки ӯ дар бораи вижагиҳои хоси шоирони бузурги тоҷик, чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Мавлоно, Ҳофиз, Бедил ва дигарон мақолаю рисолаҳои алоҳида таҳия намудааст. Ӯ муаллифи 500 мақолаи илмӣ ва 45 рисолаи тадқиқотӣ мебошад, ки дар аксари онҳо масоли худшиносии миллӣ ва ваҳдати мардуми тоҷик дар мадди аввал қарор доранд. Саидзода дар ҳар тадқиқоти худ мекӯшад, аз эҷодиёти шоирони гузашта ва имрӯза нуктаҳоеро мавриди таваҷҷуҳ қарор бидиҳад, ки онҳо дар баланд бардоштани рӯҳи худогоҳии миллӣ мусоидат карда тавонанд. Маҳз ҳамин сифати шахсиятӣ устод Саидзодаро миёни хонандаи тоҷик ва табақоти гуногуни ҷомеа соҳибэҳтиром намудааст. Зиёда аз ин, барои Саидзода манфиати миллат ва ҳимояи адолати таърихӣ дар нисбати тоҷикон муҳимтар аз ҳама гуна талошҳои бебунёд мебошад. Ӯро қисмати пурфоҷеаи миллат ҳамеша ба андеша мебарад ва сабабҳои мушкилоти ҳувиятӣ ва шикасти рӯҳи миллиро на аз таърихномаҳои бардурӯғ, балки аз эҷодиёти Фирдавсӣ барин мутафаккирони бузург ҷустуҷӯ мекунад. Ӯро ҳамеша ин шоҳбайти Фирдавсии бузург ба қаъри андешаҳо мекашад:

*Ба Яздон, ки гар мо хирад доштем,*
*Куҷо ин саранҷоми бад доштем.*

Саидзода баҳри посух ба ин суоли бузургон китоб ба даст мегирад ва давот дар сари сатрҳои таърихи пурфоҷеаи миллат равон мекунад, зеро ягона ҳамрози ӯ дар ин лаҳзаҳо танҳо китоб асту давот, ки мехонаду менигорад, то миллати худро аз фоҷеаҳои таърих огоҳ ва насли имрӯзро ба роҳи созандагию худшиносӣ раҳнамун созад.

Месазад, ки заҳматҳои ин ноқиди сухан ва ровии қиссаҳои пуршикасти миллат дар мақомоти боло қадрдонӣ шавад ва нисбати меҳнати пурсамари нимасрааш масъулин бетафовут набошанд.

## ТАҲИЯ ВА ТАҚРИЗ

**Аъзам Раҳнаварди Зарёб**
*(Адиби Афғонистон)*

# ШАРИАТ ВА СУННАТ ДАР БАРОБАРИ ТАҶАДДУД

*(Гуфтугӯ бо Раҳнаварди Зарёб дар бораи сайри таҷаддуд дар Афғонистон. Гуфтугӯ аз Сируси Алинажод)*

Ҷунбиш ё наҳзати таҷаддуду таҷаддудхоҳӣ дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна, ба вижа дар кишварҳои ҳавзаи форсизабон дергоҳест, ки мавриди бознигарии пажӯҳишгарон қарор гирифта, заминаҳои айнӣ ва зеҳнии он, побарҷоии суннатҳои мазҳабиву қабилавӣ ва хурофоту ҷаҳолат дар ақибмондагии ҷомеа, гузашта аз ин, иллатҳои нокомиву шитобзадагии таҷаддудхоҳон дар таҳаққуқи ормонҳои наҷиби хеш арзёбӣ мегардад. Барои дарёфти муштаракоту вижагиҳои ҳаракати ҷадидӣ дар Осиёи Миёна бо ҷунбиши таҷаддудхоҳӣ дар кишварҳои ҳамҷавору ҳамзабон, дар навбати аввал зарур аст, раванди ин ҷунбиш дар Эрону Афғонистон мавриди мутолиа қарор гирад. Аз ин рӯ , барои касби иттилоъ, аз фоида холӣ нест, то мусоҳибаи доманадори нависандаи маъруф ва пажӯҳишгари варзидаи риштаи адабу фарҳанги Афғонистон Аъзам Раҳнаварди Зарёб, ки соли 2005 бо хабарнигори барномаи форсии радиои БИ БИ СИ (ВВС) Сируси Алинажод перомуни таърихчаи таҷаддудхоҳӣ дар Афғонистон анҷом додааст, хидмати хонандагони гиромии маҷаллаи вазини “Илм ва Ҷомеа” бо андаке тавзеҳоти зарурӣ дар қавсайн пешкаш гардад.

- **<u>Мехоҳем миқдоре роҷеъ ба таърихи тафаккур дар Афғонистон ҳарф бизанем. Намедонам, ки метавон аз таҷаддуд дар Афғонистон суҳбат кард ё на, вале агар битавон, мехоҳам бипурсам таҷаддуд дар Афғонистон аз чӣ замоне шурӯъ шуд ва чӣ масиреро тай кард ва ба чӣ мавонее бархӯрд?</u>**

- Агар бихоҳем ба суоли таҷаддуд посух гӯем бояд ду паҳлуро дар назар бигирем. Паҳлуи моддӣ ва паҳлуи маънавӣ:

тамаддун ва фарҳанг. Тамаддунҳои ғарбӣ дар кишварҳои шарқӣ хеле зуд тавонистанд роҳ биёбанд, аммо фарҳанге, ки тамаддунро ҳамроҳӣ кунад ақиб монд. Нарасид, дер расид ва ё то кунун ҳам нарасидааст. Робитаи фарҳангу тамаддун чист? Худи тамаддун чист? Ба ақидаи ман тамаддун талоши одамӣ барои осон сохтани зиндагист. Барои мисол, одамӣ хост фосилаҳоро кӯтоҳ бисозад, дар натиҷа мошинро сохт. Талоши одамӣ барои кӯтоҳ сохтани фосилаҳо мошинро ба вуҷуд овард. Аммо вақте мошин ба вуҷуд омад, лозим буд, ки ду мошин ба ҳам тасодуф накунанд (барнахӯранд – О. Х), лозим буд ин мошин маҳдудиятҳоеро бипазирад. Дар натиҷа муқаррароти ронандагӣ ба вуҷуд омад, ки дар воқеъ фарҳанги ронандагист. Яъне, мошин аввал ба вуҷуд омад, ки унсури тамаддун аст, баъд муқаррароти ронандагӣ ба вуҷуд омад, ки фарҳанги марбут ба мошин аст. Шумо мебинед, ки мо охирин мудели мошинҳоро дар Кобул дорем, аммо фарҳанги ронандагӣ надорем. Фарҳанг бо мошин якҷо намеояд. Бад-ин сон ҳама ҷанбаҳои тамаддун ба кишварҳои шарқӣ, аз ҷумла Афғонистон омад, вале фарҳанги он наёмад. Тамаддунро ворид карда метавонем, аммо бисёр душвор аст, ки мо фарҳангро ворид кунем. Фарҳангро ворид карда наметавонем.

Вақте мо сари мудерните (модернизатсия, яъне таҷаддудгароӣ, ё асришавӣ – О.Х) суҳбат мекунем, дар Афғонистон мазоҳири моддии мудерните омад, яъне сохтмонҳо, барқ, мошин, корхонаҳо ва хиёбонҳои мудерн. Аммо ин мазоҳири тамаддун бо як фарҳанги бегона бархӯрд кард. Чун фарҳанги худаш ҳамроҳаш набуд. Дар натиҷа, байни фарҳангу тамаддун тазод ба вуҷуд омад ва ин тазод то ҳанӯз вуҷуд дорад.

- **<u>Ба лиҳози таърихӣ аносури тамаддун аз чӣ замоне вориди Афғонистон шуд?</u>**

- Агар иштибоҳ накарда бошам нахустин бор дар замони Амир Шералихон мазоҳири аввалияи тамаддун ба вуҷуд омад, яъне эҳтимолан дар ҳудуди соли 1860. Аввалин нашрия ба номи “Шамсуннаҳор” дар ҳамин замон ба мошин табъ мешуд. Низоми аскарӣ (низомномаи сарбозӣ – О.Х) дар ҳамин замон ба вуҷуд

омад ва баъзе корхонаҳо дар ҳамин замон эҷод шуд. Вале дар ин замон ҳама чиз омодаи як навъ харҷу марҷ буд. Ҳама чиз ба вазъияти иҷтимоии Афғонистон бармегашт. Яъне чӣ? Бояд маънии ин ҳарфро то ҳадде рӯшон кунам.

Вақте Аҳмадшоҳ мурд (16.X.1772 - О. Х) писараш Темуршоҳ подшоҳи Афғонистон шуд ва як импературии васеъро ба мерос гирифт. Ин импературӣ аз Деҳлии нав оғоз мешуд ва то Машҳаду Нишопур мерасид. Дар ҷануб то Халиҷи Форсу баҳри Ҳинд ва дар шимол то рӯди Ому. Аммо Темуршоҳ тавоноиҳои падарашро надошт. Айёш буд. Дар Ҳирот парвариш ёфта буд, ки маркази фарҳангӣ буд. Дафтари шеър дошт, занҳои мутаадид дошт. Вақте Темуршоҳ мурд ба як ривоят 24 ва ба як ривоят 30 писар аз ӯ барҷо монд. Пас аз ӯ ҳар як аз ин писарон даъвои подшоӣ доштанд. Дар натиҷа, аз соли 1793, ки соли марги Темуршоҳ аст, то замони амир Абдураҳмонхон Афғонистон як майдони ҷанги доимӣ буд.

Амир Шералихон дар ҳамин давра ба подшоҳӣ расид, аммо дар баробари бародарон шикаст хӯрд ва ба Ҳинд паноҳ бурд. Баъд аз чанд сол баргашту ба подшоҳӣ расид, вале дар подшоҳии дуввум бо мухолифати, англисҳо рӯ ба рӯ шуд. Иштибоҳе, ки кард ин буд, ки фикр мекард русҳо ба кумаки ӯ меоянд ва эҳтимолан, русҳо ба ӯ ваъдаҳое дода буданд. Вақте равобит ба англисҳо хароб шуд ва онҳо шурӯъ ба амалиёи низомӣ карданд, ба вилояти Балх рафт, ки аз русҳо кумак бигирад. Муттаасифона, дар шаҳри Мазори Шариф бемор шуд ва ҳамон ҷо даргузашт. Ба ин тартиб фотиҳаи мудернсозии (навсозӣ, таҷаддуд – О. Х) Афғонистон хонда шуд.

Пас аз ӯ англисҳо писараш Муҳаммад Яъқубхонро, ки дар зиндон буд, ба тахт нишонданд ва як манёври низомӣ ба ӯ нишон доданд, ки ӯро сахт ба ҳарос андар сохт. Чун дар замони падар солҳо дар зиндон ба сар бурда буд, аз назари равонӣ бисёр заиф шуда буд. Дигар ҳарчӣ англисҳо мегуфтанд, имзо мекард. Ҳамин "хатти (марзи – О.Х.) Диюранд", ки имрӯз байни Афғонистону Покистон маҳали мунозиа аст, дар воқеъ имзои Муҳаммад Яъқубхон аст. Ӯ подшоҳ буд, вале ҳамаи умур ба дасти

намояндаи англисҳо дар Кобул буд. Ин вазъият барои мардум хушоянд набуд. Ғозиҳо ҷамъ шуданд, ки амирро қабул надорем, англисҳоро қабул надорем. Дар Кобул як ҷиргае (шӯрое – О.Х.) сурат мегирад ва қиём мешавад ва ҷанг мешавад ва англисҳо шикаст мехӯранд.

Амир Абдураҳмонхон, ки дар соли 1880 ба подшоҳӣ расид, англисҳо номашро амири "Фӯлодинирода" гузоштанд, ба хушунати тамом кор кард. Саросари кишварро ба қабза даровард. Марзҳоро таъйин ва мушаххас сохт, аз ҷумла сарҳадот бо Эронро. Худаш дар китоби "Тоҷ-ут-таворих" менависад: "Аввалин коре, ки мехостам бикунам ин буд, ки марзҳои Афғонистон таъйин шавад". Мисол мезанад, ки вақте шумо мехоҳед хона бисозед, аввал атрофашро девор мекунед, ки маҳфуз бошад. Ман ҳамон корро кардам. Ҳамон корро кард ва баъд дар дохили ин марз ҳарчӣ хост бар сари мо овард. Як низоми пулисии аҷибе ба роҳ андохт. Масалан, дар Қандаҳор зане буд, ки ҳама хонҳо ва мулуки тавойиф аз ӯ ҳарос доштанд. Ба хотири ин ки ҳар коре, ки мешуд ба амир гузориш медод. Дар натиҷа волии аслии Қандаҳор ин зан буд. Эъдому сиёҳчол (зиндон – О.Х.) ва ҳукумати бисёр мутамарказ. Ӯ дар соли 1901 мурд ва он қадр тарсу раъб дар дили мардум офарида буд, ки то як ҳафта касе ҷуръат намекард бигӯяд: амир Абдурраҳмонхон мурда аст. Пас аз ӯ Ҳабибуллохон ба подшоҳӣ расид ва дар тӯли як саду ҳафтод сол ин аввалин подшоҳест, ки бидуни дарди сар ба подшоҳӣ мерасад. Чун падараш як кишвари бо инзибот (бо низому тартиб - О.Х) ба вуҷуд оварда буд, ки вақте ӯ ба подшоҳӣ расид, касе дигар нафас кашида натавонист. Ҳоло ин Ҳабибуллохон як сарзамини орому мутеъ дар ихтиёр дошт. Сафаре ба Ҳинд кард ва дар Ҳинд мазоҳири тамаддунро дид. Вақте пас омад аввалин мадрасаи мудернро дар Афғонистон эҷод кард. (Мадрасаи Ҳабибия, ки бо номи литсеи Ҳабибия маъруф аст ва соли 1903 таъсис шудааст – О.Х). Мактаби низомӣ ва баъзе корхонаҳо эҷод кард.

Банди (истгоҳи – О.Х.) барқ эҷод кард, сохтмонҳои модерн сохт ва роҳҳои модерн ба вуҷуд овард. Аммо ин мадрасаи

Ҳабибия як дарди сар шуд барои ӯ, ба хотири ин ки, ҷунбиши аввали Машрутият (ҳаракат барои қабули Қонуни асосӣ ё конститутсияхоҳӣ – О.Х) аз ҳамин мадраса оғоз шуд. Гурӯҳе ба вуҷуд омаданд, ки хоҳони машрута буданд. Ба инҳо машрутахоҳони аввал мегӯянд. Дар воқеъ ин унсури дуввуми таҷаддуд, ки фикр ё фарҳанг бошад, дар ҳамин замон рӯй нишон дод, яъне машрутият. Амир бояд қудраташ маҳдуд бошад, бояд ислоҳот шавад ва махсусан, озодии Афғонистон ҳосил шавад (то соли 1919 Афғонистон дар сиёсати хориҷӣ тобеи Англия буд – О.Х.) Амир Ҳабибуллохон ҳам ҳамон равобити падару падаркалонашро ба англисҳо дошт, ки дар масоили дохилӣ озод буд ва дар масоили хориҷӣ бояд ба англисҳо машварат мекард.

- **<u>Оё машрутахоҳон алайҳи подшоҳ, ки то ҳадде модернсозӣ карда буд, иқдоме ҳам карданд?</u>**

- Ин машрутахоҳон дар садад шуданд, ки амирро терур кунанд, вале хабарчинҳо хабарро ба амир расонданд. Дастур дод, ки инҳо дастгир шаванд ва иддае аз онҳо ба тӯп парранда шаванд. Иддаи дигарро зиндонӣ карданд ва ин дар соли 1909 буд. Ҷунбиши машрутияти аввал шикаст хӯрд ва амир то соли 1919 подшоҳӣ кард. Дар ин муддат ҷунбиши дуввуми Машрутият дар Афғонистон ба вуҷуд омада буд, ки бар хилофи Машрутаи аввал як шоҳзодаи Афғонистон ҳам дар он саҳм дорад ва ӯ Амонуллохон аст. Як теъдод аз дарбориҳо ҳам дар ин ҷунбиш саҳм доранд. Инҳо амирро монеи мақосиди худ мебинанд. Дар натиҷа шаҳзода Амонуллохон касонеро маъмур мекунад, ки падарашро террор кунанд. Вақте амир дар шикоргоҳи Каллагӯш дар Ҷалолобод, шаб дар хаймаи худ хобида буд, яке аз дарбориён дохили хайма шуд ва амирро бо тӯфангча ба қатл расонд. Чанд рӯз баъд, Амонулло, ки подшоҳ шуда буд, бо як ҳаракати бисёр эҳсосотӣ, яъне бо як шамшери бараҳна дар майдони Кобул дар байни марду зоҳир шуд ва ба мардум ваъда дод, ки ман озодии кишварро мегирам ва дар ин ҷо ислоҳот меоварам. Мардум аз саросари кишвар омодаи ҷиҳод мешаванд. Амонулло неруҳои худро дар се ҷабҳа алайҳи англисҳо савқ медиҳад (равон мекунад – О.Х). Дар ду ҷабҳа шикаст мехӯрад, аммо Нодирхон падари

Муҳаммадзоҳиршоҳ, ки фармондеҳи ҷабҳаи Пактиё буд, пирӯз мешавад ва бахшҳое аз қаламрави англисро ба хатар меандозад. Дар натиҷа оташбас мешавад ва ба сурати нимарасмӣ озодии Афғонистон ба расмият шинохта мешавад.

- **Амонуллохон гӯё ҳамон подшоҳест, ки дар давраи Ризошоҳ ба Эрон ҳам сафар карда буд?**

- Бале, Амонулло мехост дар канори мазоҳири моддӣ мазоҳири маънавии ғарбро ҳам биёварад. Дар натиҷа теъдоди зиёди қавонин ба вуҷуд овард. Аз туркҳо хост, ки барои Афғонистон қонун бисозанд. Барои ҳама чиз қонун сохтанд, аммо ин қонун дар амал наметавонист татбиқ шавад. Мардум ба қонун ошноӣ надоштанд, бо шароит ошноӣ доштанд. Ҳамин имрӯз ҳам дар бисёре аз гӯшаҳои Афғонистон мардум қонунро ба расмият намешиносанд, суннатҳои қабилаиро ба расмият мешиносанд. Масалан, дар шариати исломӣ зан ҳақ дорад, мерос бигирад, аммо дар баъзе қабоили Пактиё ҳақ надорад. Дар шариати Ислом зан ҳақ дорад, ки молик бошад, аммо дар қабоили Пактиё зан ҳаққи моликият надорад. Яъне ҳанӯз суннатҳо ҳокиманд.

- Ба ин тартиб, ин қавонин қобили татбиқ набуд. Мунтаҳо Амонулло бо фишори низомӣ як миқдорислоҳот кард ва падидаҳои модернро пиёда кард, вале бузургтарин нуқтаи заъфаш ин буд, ки бо англисҳо сари хусумат дошт. Дар ин вақт инқилоби болшивекӣ дар Русия сурат гирифта буд ва Шӯравӣ аввалин кишваре буд, ки озодии Афғонистонро ба расмият шинохт ва намояндаи худро ба Кобул фиристод ва аз Амонулло хост, ки бо Русия сафар кунад. Амонулло ба як сафари тӯлонӣ дар Русия ва Урупо даст зад. Дар Урупо ӯ ба унвони шаҳзодаи рӯшанфикри тараққихоҳ, ки ҳамсараш бо либоси урупоӣ ӯро ҳамроҳӣ мекунад, истиқбол шуд ва вақте дар бозгашт ба Эрон расид, Ризошоҳ тааҷҷуб кард. Амонуллохон ҳангоми бозгашт ба Кобул бо шитоби фаровон мехост Афғонистонро ба Пориж ва Ландан табдил кунад. Ва ин барои мардуме, ки бо суннатҳо зиндагӣ мекарданд, ғайри қобили таҳаммул буд. Англисҳо ҳам дар интизори ҳамин лаҳза буданд.

Маҳмуд Фаррух дар китоби худ навиштааст, ки ман ҳама чизро як солу ним пеш аз суқути Амонуллохон пешбинӣ карда будам ва дар як гузориш ба вазорати хориҷаи Эрон навиштам ва он гузориш ҳанӯз дар вазорати хориҷаи Эрон мавҷуд аст. Яъне, уқало мефаҳмиданд, ки вазъ аз чӣ қарор аст, аммо Амонуллои мағрур, ҷавон, хунгарму ошиқи таҷаддуду тамаддуни Ғарбӣ намефаҳмид. Чашмашро шаҳри Порижу Москаву куҷову куҷо гирифта буд. Мегӯянд вақте дар Туркия бо Ататурк мулоқот кард, Ататурк насиҳате ба ӯ кард: Гуфт: аввал бояд неруҳои мусаллаҳи қавӣ фароҳам бисозӣ, баъд ба кори ислоҳот бипардозӣ". Аммо ӯ ин насиҳатро нашунид ва ҳамин, ки ба Кобул расид, шурӯъ ба ислоҳот кард. Баъзе аз ин ислоҳот ҳам бисёр бачагона буд. Масалан, таътили ҳафтагиро аз рӯзи ҷумъа ба шанбе бурд.

Ҳеҷ маълум нест, чаро? Махсусан, ки шанбе рӯзи таътили яҳудиҳост. Инҳо аввалин суқути Амонуллохонро фароҳам овард. Албата, Амонулло корҳои хуб ҳам кард. Масалан пеш, аз Амонулло молиётро ба ҷинс мегирифтанд. Мегуфтанд, Ҳазораҷот ин қадар гӯсфанд бидиҳад, фалон ҷо инқадар рӯған бидиҳад ва... Амонулло гуфт, на, пас аз ин мардум молиётро ба пул бипардозанд, аммо мардум пул надоштанд. Инҳо авомили дохилии суқути Амонулло шуд ва авомили хориҷӣ ҳам нохушнудии англисҳо аз вуҷуди ӯ дар Афғонистон буд.

- **<u>Яъне англисҳо мавҷиботи суқути ӯро фароҳам карданд?</u>**

- Амонулло як сафаре ба Ҳинд кард. Дар ин сафар аз тарафи мусулмонҳои Ҳинд ба ҳайси як қаҳрамон пазирой шуд. Ҳатто барои он, ки мардуми Ҳиндро ба якдигар ҳамбаста бисозад ба мусулмонҳо дастур дод, ки гав (гов – О.Х.) накушед ё дар малои ом гав накушед. Ба хотири ин, ки куштани гавро Ҳиндуҳо хуш надоштанд ва мусулмонҳо пазируфтанд. Ҳатто аз ӯ хостанд, ки фатвои ҷиҳод бидиҳад, ки подшоҳи онҳо ҳам ҳаст, вале ӯ ин корро накард. Англисҳо бисёр такон хӯрданд, аз ин ки як неруи бисёр азим ва як унсури бисёр хатарнок, дар канори гӯшашон ҳаст.

Ҳамин буд, ки авомили суқути ӯро фароҳам сохтанд. Амонулло суқут кард ва бо ҷои ӯ Ҳабибулло (маъруф ба бачаи Саққо) подшоҳ шуд. Ва ҳамон рӯзи аввал гуфт; Амонулло чаро молиёт вазъ карда, молиёт ба чӣ дард мехӯрад? Ман аз шумо молиёт намегирам. Мадрасаҳоро баст. Духтарҳоеро, ки Амонулло барои таҳсил ба Туркия фиристода буд, ҳамаро пас хост ва ба хонаҳояшон таслим кард (баргардонд – О.Х.) сохт ва гуфт: шариат бояд бошад. Ҳама чиз дар ҳам барҳам шуд ва норизоятиҳо ва нохушнудиҳо дар байни мардум эҷод шуд.

Ҳамин буд, ки Нодирхон падари Зоҳиршоҳ, ки дар Нис зиндагӣ мекард, бо англисҳо вориди музокира шуд ва аз роҳи Пактиё вориди Афғонистон шуд. Ва ҷангҳое, ки бо Ҳабибулло кард саранҷом ӯро шикаст дод ва Кобулро тасхир кард: Ҳабибулло ба Парвон дар кӯҳҳо паноҳанда шуд ва мехост, ба истилоҳ, ҷанг чирикӣ (партизанӣ – О.Х) роҳ биандозад. Нодирхон фаҳмид, ки намешавад бо ин унсур муқобила кард, Қуръон имзо кард, ки “ба Кобул биё ман бо ту ғараздор нестам”. Ҳабибулло ҷавонмарду айёрсифат буд (Ман дар мақолае ӯро бо Яъқуби Лайс муқоиса кардаам), ба Кобул омад ва Нодирхон ӯро дастгир ва чанде баъд эъдом кард.Нодирхон подшоҳ шуд.

**Чархишгоҳи таҷаддуд дар Афғонистон**

**<u>Пайдоиши таҷаддуд асосан бо пайдоиши рӯшанфикрӣ ба маънии ҷадиди калима дар иртибот аст. Яъне заминаҳои фикрӣ ба василаи аҳли фикр фароҳам мешавад ва баъд ваҷҳи сиёсӣ ё амалии он иттифоқ меафтад. Чӣ касоне заминаҳои фикриро дар Афғонистон ба вуҷуд овардаанд?</u>**

- Аввал мехоҳам бигӯям, ки ин асл шояд дар Афғонистон қобили татбиқ набошад, ба хотири ин ки дар Афғонистон фақат подшоҳ тасмим мегирифт. Аслан заминаи фикрӣ вуҷуд надошт. Масалан, дар давраи амир Шералихон бар хилофи кишварҳои мисли Фаронса ё Инглис ё Олмон, рӯшанфикре вуҷуд надошт. Он вазъияти ҷудогона аст. Дар Афғонистон ин тавр набуд. Аммо дар Афғонистон Маҳмуди Тарзӣ яке аз касонест, ки барои аввалин бор андешаҳои навинро ворид мекунад. Дар аҳди подшоҳии Абдураҳмонхон хонаводаи Маҳмуди Тарзӣ ба

қаламравии Туркияи усмонӣ табъид (бадарға – О.Х) шуда буд, дар Шом (шаҳри Димишқ – О.Х.) зиндагӣ мекард. Вақте амир Абдураҳмонхон мурд, писараш роҳи мулоимтаре интихоб кард. Дар натиҷа Маҳмуди Тарзӣ бо хонаводааш ба Кобул баргашт ва ду духтари Тарзиро ду шоҳзодаи Афғонистон гирифтанд. Якеро Амонулло ва дигариро бародараш Иноятулло. Маҳмуди Тарзӣ худ нахустин нашрияи нисбатан модернро ба номи "Сираҷ-ул-ахбор" поягузорӣ кард. "Сираҷ-ул-ахбор" қаблан дар соли 1905 тавассути як гурӯҳи дигар мунташир шуда буд, аммо танҳо як шумора чоп шуда буд. Инглисҳо ба Ҳабибуллохон дастур дода буданд, ки нашрияро мутаваққиф кунад. Ҳоло Маҳмуди Тарзӣ, ки одами муътабар ва хусури ду шаҳзода буд, аз амир хоҳиш кард, ки ин бор ба шакли модерн ин нашрия ба вуҷуд биёяд.

Ба ин тартиб дар соли 1911 ду бора ин нашрия мунташир шуд ва барои аввалин бор фикрҳои ҷадид дар ҳамин нашрия матраҳ шуд. Маҳмуди Тарзӣ одами пуркоре буд. Масалан, барои аввалин бор романро ба Афғонистон муаррифӣ кард. Чандин романи Жул Вернро ба забони дарӣ тарҷума кард ва барои аввалин бор дар бораи роман дар "Сироҷ-ул-ахбор" мақола навишту зарурати романро матраҳ сохт. Шеваҳои нави адабӣ дар "Сироҷ-ул-ахбор" падидор шуд. Шеър, масалан, дигар таърифи зулфи ёр набуд. Аз локомативу тран (поезд – О.Х.) ва ҳавопаймову киштии қорапаймо гап мезад. Яъне, ҳамроҳ бо андешаҳо як теъдод вожа вориди "Сироҷ-ул-ахбор" шуд ва як теъдод шуарро шурӯъ карданд дар ин масир шеър бигӯянд. Бинобар ин оғозгари дигаргунии адабиёт ҳамин "Сироҷ-ул-ахбор" аст. Барои аввалин бор ахбори ҷангҳое, ки дар ҷаҳон рӯй медод ва ахбори ихтирооти ҷадид дар "Сироҷ-ул-ахбор" инъикос меёфт. Ва мавзӯоте аз қабили ин ки забон чист ва оё забон қобили ислоҳ аст?, дар он матраҳ мешуд.

Худи Маҳмуди Тарзӣ пешниҳоди аҷибе мекунад. Мегӯяд, дар Урупо забони навишторӣ ба забони гуфторӣ бисёр наздик аст, аммо дар кишвари мо забони гуфторӣ бо забонӣ навишторӣ бисёр фарқ дорад. Мо бояд коре бикунем, ки забони гуфторӣ ва навишторӣ ба ҳам наздик шавад. Аз гапҳои муҳимми аср,

нахустин рамонвораҳост, ки дар Афғонистон ба чоп мерасад. Романҳои Жул Верн, ки тарҷума шуда буд ва романҳои дигаре, ки маҳсули худи кишвар буд. Нахустин достонворае, ки чоп мешавад "Ҷиҳоди Акбар" ном дорад. Ин "Ҷиҳоди Акбар" зу маънайн (дорои думаънӣ – О. Х) аст: ҳам ба маънои маънавии он ва ҳам ба маънои ҷангҳои вазир Муҳаммад Акбархон бо инглисҳо. Ҳамин маънои дуввумаш дуруст аст, чун мавзӯи он ҷангҳои вазир Акбархон аст бо сипоҳи инглис.

- **Ишора кардед, ки мутафаккир бо маънии ғарбии калима надоштед. Дар зимн аз машрутахоҳони аввал ва дуввум суҳбат кардед. Вақте аз машрута сӯҳбат мекунем, яъне бояд заминаҳои фикрӣ вуҷуд дошта бошад. Чун маънии машрута ин аст, ки мо шакли истибдодии (мутлақият – О.Х)-и ҳукуматро намехоҳем, озодӣ мехоҳем, парлумон мехоҳем ва... Бинобар ин агар заминаҳои фикрӣ вуҷуд надошт, машрутахоҳони аввалу дуввум дар Афғонистон чӣ тавр падид омаданд?**

- Аввал, мехоҳам бигӯям, вақте дар Афғонистон суҳбати Машрута мекунем. Шумо набояд машрутахоҳии Эрон пеши чашматон муҷассам шавад. Дар Эрон машрутахоҳӣ дар ҷомеа таъмим (интишор – О.Х.) ёфта буд. Ақшори (қишрҳои – О.Х.) мухталиф аз Машрута суҳбат мекарданд. Дар ҳоле ки дар Афғонистон он чӣ ба унвони ҷунбиши машрутаи аввал мегӯянд, як ҳалқаи кӯчак буд, ки шумарашон шояд аз сад нафар бештар намешуд ва он ҳам як ҷамъияти сиррӣ буданд. Яъне, мисли Машрутияти Эрон қиёмҳои мусаллаҳона барои машрутахоҳӣ сурат нагирифт, Сатторхону Бақирхоне (роҳбарони қиёмҳои мусаллаҳонаи инқилоби Машрутаи Эрон – О. Х) надошт. Дар ҳалқаҳои кӯчаке маҳдуд буд. Ҳатто дар Машрутаи дуввум ҳам ба шумули аносири дарборӣ, аз ҷумла шаҳзода Амонулло боз ҳам як ҳалқаи кӯчак буданд. Машрутахоҳӣ дар халқаҳо буд, на ба ҳайси як андешаи фарогири иҷтимоӣ, чунонки дар Эрон буд. Ин ҳолат дар Афғонистон набуд (яъне ҷунбиши фарогире мисли Эрон – О.Х). Ҳатто имрӯз баъзе аз андешамандони мо мегӯянд: мо аслан нафаҳмидем, ки машрутахоҳони аввал ё дуввум дақиқан чӣ мехостанд?

- **<u>Ҳоло ки муқоиса мекунед, ишора кунам, ки яке аз авомили таҷаддуду таҷаддудхоҳӣ дар Эрон донишҷӯёне буданд, ки барои таҳсил ба хориҷ рафтанд ва дар бозгашт бо худ фикрҳои нав оварданд. Ё ин ки баъзе аз рӯшанфикрони Эрон, ки дар шаҳрҳои Қафқозу Туркия ба сар мебурданд, бо афкори нав ошно буданд. Оё дар Афғонистон ҳам чунин иттифоқе уфтода аст?</u>**

- Фикр намекунам. Бубинед, дар давраи Носириддиншоҳ Дорулфунун дар Эрон (28 декабри соли 1851 дар Теҳрон – О.Х) эҷод шуд. Носириддиншоҳ муосири амир Абдураҳмонхон буд, ки гуфтам як низоми тарсу ваҳшат дар Афғонистон ба вуҷуд оварда буд. Хуб, Носириддиншоҳ, ҳар айбе, ки дошт аммо инқадар ҳаст, ки Дорулфунун (ба монанди Омӯзишгоҳи политехникӣ – О.Х.) бино кард ва донишҷӯ ба ғарб фиристод. Ин ҳодиса дар Афғонистон рух надод. Аз ин ҷо метавонед ифтироқи (фарқи – О.Х) ду кишварро ҳадс (таҳмин – О.Х.) бизанед. Аввалин бор донишҷӯёни Афғонистон ба шумули духтарҳо дар замони амир Амонуллохон ба хориҷ фиристода шуданд. Бо вуҷуди ин ҳам дар машрутахоҳии аввал ва ҳам дар машрутахоҳии дуввум аносуре вуҷуд доштанд, ки ба Ҳинд рафта буданд ва дар машрутахоҳии дуввум, бидуни шак Маҳмуди Тарзӣ, ки падарзани амир Амонуллохон буд, бисёр нақш дошт. Маҳмуди Тарзӣ дар замоне, ки дар қаламрави Усмонӣ зиндагӣ мекард, зери таъсири “туркҳои ҷавон” қарор дошт ва аз он ҷо бо миқдоре аз андешаҳо, ки асарбардошта аз туркони ҷавон буд, ба Афғонистон омад. Аз сӯи дигар, Маҳмуди Тарзӣ шаш моҳро бо Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ дар Истанбул ба сар бурда буд. Ба тавре ки худаш менависад, ки дар он шаш моҳ он қадар омӯхтам, ки солҳо намешуд биёмӯзам. Ба ҳамин хотир аст, ки вақте Амонулло ба подшоҳӣ расид, бар хилофи суннати қадимӣ мутахассисони риштаҳои мухталиф, монанди пизишкӣ ва низомиро аз Туркия ворид мекунад.

- **<u>Яке аз нукоти ҷолиб дар суҳбатҳои Шумо барои ман ин буд, ки дар Афғонистони он давра духтарҳоро ҳам барои таҳсил ба хориҷ мефиристоданд. Ин иттифоқест, ки дар Эрон рух надодааст.</u>**

- Амир Амонулло ҳам писарҳоро барои таҳсил фиристод, ҳам духтарҳоро. Мунтаҳо писарҳоро ба кишварҳои мухталиф, аз ҷумла ба Иттиҳоди Шӯравӣ фиристод, аммо духтарҳоро ба як кишвари исломӣ, яъне Туркияи Усмонӣ эъзом шуданд.

- **Ишора кардед, ки шеър дар замони интишори "Сироҷ-ул-ахбор" таҳаввул пайдо кард ва вожагони нав вориди шеър шуд. Мехоҳам бидонам ки роҷеъ ба хатту тағйири хат ҳам ҳеҷ гоҳ баҳсҳое дар Афғонистон сурат гирифт?**

- Фикр мекунам дар Афғонистон ҳеҷ гоҳе масъалаи тағйири хат матраҳ нашудааст ва ҳам шуда бошад ман иттилоъ надорам.

- **Аз "Шамс-ун-наҳор" дар давраи амир Шералихон ва аз "Сироҷ-улахбор"- и Маҳмуди Тарзӣ ном бурдед. Оё баъд аз инҳо матбуоти фикрӣ дар Афғонистон густариш ёфт?**

- На. Ба суқуту марги Шералихон ҳама чиз мутаваққиф шуд. Баъд, ҳамин тавре ки гуфтам, диктатураи сиёҳи амир Абдураҳмонхон ба вуҷуд омад. Баъд дар аҳди писараш ҳаст, ки "Сироҷ-ул-ахбор" ба вуҷуд меояд. Маҳмуди Тарзӣ як миқдор андешаҳоро дар ин нашрия бозтоб медиҳад. Аммо замоне, ки Амонулло ба подшоҳӣ мерасад, як мавҷ аз рӯзномаҳо ва нашрияҳо ба вуҷуд меояд ва барои аввалин бор як нашрияи занҳо ба номи "Иршод-ун-насвон", "Раҳнамои занҳо" ва низ барои аввалин бор як нашрияи вижаи кӯдакон ба номи "Сироҷи атфол" (чароғи кӯдакон) мунташар мешавад ва рӯзномаҳои шахсӣ по мегирад. Масалан, ҳамин "Анис"-е, ки имрӯз дорем, дар замони амир Амонуллохон бунёдгузорӣ шуд. Муҳиддин Анис соҳиб ва сардабири он аз Миср омад. Падараш ба Миср рафта буд ва ҳамон ҷо мондагор шуда буд ва Муҳиддин Анис дар Миср бузург мешавад ва дар замони амир Амонуллохон, ки мешунавад наҳзате ба вуҷуд омада, меояд ба Афғонистон. Аз ҷумла корҳое, ки мекунад, навиштани романгунае ба номи "Нидои талабаи маориф" ё "Садои миллат" аст, ки шабоҳатҳое дорад бо "Эмил"-и Жан Жак Руссо, мунтаҳо дар мавзӯъ тафовут дорад. Муҳиддин дар ин роман, ки гоҳ шакли намоишнома ба худ мегирад, талош мекунад, ба кумаки муколимот баъзе аз мақулаҳои фикрии модернитаро муаррафи кунад. Мисли қонун

чист? Ҳукумат чист? Парлумон чист? Як нуқтаи дигар ин аст, ки эҳтимол медиҳам аз "Китоби Аҳмад"-и Толибов (Абдураҳим Толибзодаи Табрезӣ – О.Х) ҳам таъсир бардошта бошад. Чун ҳар ду китоб дар Миср чоп шуда буд.

- **Ба ин тартиб таҷаддуд дар Афғонистон аз чӣ замоне густурда мешавад ва асосан густорда мешавад ё намешавад?**

- Пеш аз соли 1332 хуршедӣ (1954 мелодӣ – О.Х) донишгоҳ дар Афғонистон ба вуҷуд омада буд ва шуморе аз устодони ғарбӣ дар Афғонистон тадрис мекарданд, аммо соли 1332 як соли чархишгоҳе дар торихи Афғонистон аст. Ба хотири ин ки дар ин сол сардор Муҳаммад Довуд нахуст вазири Афғонистон мешавад. Ман фикр мекунам, сардор Муҳаммад Довуд дар тӯли даҳ соле, ки то соли 1342 нахуствазир буд, симои Афғонистонро аз ҳар назар дигаргун мекунад. Ба хотири ин ки шумо арзиши ин даҳ солро бифаҳмед, як мисол метавонам бизанам. Дар соли 1332, ки сардор Муҳаммад Довуд ба нахуствазирӣ расид, дар саросари Афғонистон мо шаш километр, фақат шаш километр сараки (роҳи – О.Х) асфалт доштем. Аммо даҳ сол баъд, ки ӯ аз нахуст вазирӣ канор рафт, садҳо ва ҳазорҳо километр асфалт вуҷуд дошт. Ба ҳамин тартиб дар соли 1332 шумор донишҷуёни саросари кишвар аз 450 нафар таҷовуз намекард, аммо дар соли 1342 ҳазорҳо донишҷӯ доштем. Ҳамон Донишгоҳи Кобул аз сохтаҳои ӯст. Бисёре аз сохтмонҳои хуби Кобул сохтаи сардор Муҳаммад Довуд буд, ки дар ҷангҳои дохилӣ нобуд шуд. Бандҳои барқ, ки дорем аз сохтаҳои ӯст. Мазореи кишоварзии мехонизаи (механикикунонда шуда – О.Х) мо дар Нангаҳор, ки имрӯз нобуд шудааст, ҳам ҳосили талоши ӯст. Зайтуну пуртақоли (афлесуни – О.Х) мо, ки дар ҳамин мазореъ парварда мешуд, ба хориҷ содир мешуд. Таъсисоти барқ, газ, шоҳроҳҳо аз ҷумла тунели Соланг аз сохтаҳои Довудхон аст.

- **Аммо ба назар мерасад, ҳамин Довудхон аст, ки бо кудетои (табадуллоти – О.Х) худ алайҳи Муҳаммад Зоҳиршоҳ асоси модернсозии Афғонистонро бо ҳам мерезад. Зеро пас аз кудетои ӯ буд, ки шерозаи Афғонистон аз ҳам гусехт ва модернсозӣ кораш ба вайронсозӣ кашид. Бинобар ин мақоми Довудхон дар**

**тaҷаддуди Афғонистон он тавре, ки шумо мегӯед то солҳои аввалияи чиҳил аст, баъдҳо ба зидди таҷаддуд амал карда аст.**

- Дар воқеъ ҳамин тавр аст. Агар Довудхон дар Афғонистон кудето намекард, ҳеҷ унсури дигаре чунин ҷуръате надошт. Ба хотири ин ки низоми подшоҳӣ чунон бар кишвар мусалат буд, ки аслан кудето ба зеҳни касе хутур намекард. Довудхон вақте даст ба кудето зад фарҳанги кудеторо ба Афғонистон муаррафӣ кард. Касоне ки дар кудето ширкат карда буданд, комилан мутмаин буданд, ки хатари муҳимме мутаваҷҷеҳашон нест. Ба ин маънӣ, ки агар кудето ноком мешуд, раҳбари кудето ҳам писариамуӣ (амакбачаи – О.Х) подшоҳ буд ва ҳам шавҳари хоҳари ӯ. Бидуни шак подшоҳ писари аму (амак) ва шавҳари хоҳари худро намекушт. Вақте роҳбари кудето кушта намешуд, бинобар ин касоне ки дар кудето ширкат доштанд, ҳам кушта намешуданд. Бинобар ин бо кудетои Довудхон аз як тараф фарҳанги кудето дар Афғонистон муаррафӣ шуд ва аз сӯи дигар назму қоида ва тартибе, ки салтанат гузошта буд, барҳам рехт. Довудхон дар замони кудето дигар он Довудхони даҳаи сӣ набуд. Пир шуда буд. Бемор буд. Афғонистон ҳам дигар он Афғонистони даҳаи сӣ набуд. Мардум ҳам мардуми он давра набуданд. Ҷаҳон ҳам ҷаҳони даҳаи панҷоҳ (мелодӣ) набуд. Ҳама чиз тағйир карда буд. Махсусан, ҳамкорони сиёсии низомии Довудхон, ки ғолибан афсарони ҷавони хунгарм буданд. Инҳо худро дар қудрат шарики Довудхон медонистанд, бархилофи даҳаи сӣ, ки вузаро бидуни иҷозаи Довудхон об ҳам намехӯрданд. Воқеан, Довудхон вазъиятро барҳам зад. Тилисмро шикаст, ки бо шикастани он тилисм, як миқдор бадбахтӣ ба Афғонистон рӯй овард ва муҳимтарин нуқта ин ки ҳамон иштибоҳеро муртакиб шуд, ки подшоҳ дар ҳаққи Довудхон муртакиб шуда бад, яъне Довудхонро аз фаъолиятҳои сиёсии машрӯъ ва қонунии худ манъ карда буд. Довудхон ҳам ин иштибоҳро муртакиб шуд, ки ҳизби худро ба унвони системаи так (як – О.Х) ҳизбӣ дар Афғонистон тасҷил (устувор – О.Х) кард. Дар натиҷа неруҳои сиёсии дигар роҳе барояшон намонд, ҷуз он ки ба зери замин бираванд (ба фаъолияти пинҳонӣ даст зананд – О.Х) ва шохаҳои низомӣ

ташкил диҳанд ва омодаи кудетои дигаре шаванд. Ман фикр мекунам, агар Довудхон қадре хирадмандонотар амал мекард, яъне як қонуни асосӣ монанди Қонуни асосии имрӯз Афғонистон ба вуҷуд меовард, бидуни шак ҳизби Демократики халқи Афғонистон, ки аз қавитарин, муназзамтарин ва муташаккилтарин аҳзоби он давра буд ва аҳзоби дигар, монанди давраи салтанат ба корҳои аланӣ (ошкоро – О.Х) мепардохтанд.

**Ҷаҳишҳои инфиродӣ**

- **<u>Гузашта аз арсаи сиёсӣ-иҷтимоӣ, ки таҷаддуд дар он намуди чандоне надошт, дар арсаи шеъру адабиёт навгароӣ чӣ ҷойгоҳе дошт?</u>**

- Гӯё аз Ризо Бароҳанӣ хонда бошам, ки гуфта аст, ба лиҳози фикрӣ ҷаҳиш барои тӯдаҳои мардум номумкин аст. Яъне, имкон дорад аз як кишвари ақибмонда як фард битавонад аз назари фикрӣ аз донишмандони кишварҳои пешрафта болотар биравад. Мо намунаҳое дорем Дар даҳаи бист Абдураҳмон дар кишвари Ҳиндустон дар риштаи физик ҷоизаи Нобел мегирад. Дар заминаи шеър ва офаринишҳои адабӣ дар кишварҳои ақибмонда, аз ҷумла Афғонистон ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки фард осоре биёфаринад, ки роҳгузари арзиши ҳунарӣ аз ҳунармандони ғарбӣ болотар бошад. Шумо мебинед, ки романи Амрикои Лотин имрӯз ҷаҳонро комилан тасхир кардааст. Гарсия Маркес аз як кишвари ақибмонда бархоста, аммо монанди ситора дар осмони адабиёти ҷаҳон медурахшад. Арундати Рой аз мобайни Ҳиндустон бархост ва бо китоби (романи – О.Х) “Худои чизҳои кӯчак” (номи англисии роман, ки ба он забон таълиф шудааст “The God of Small Things” аст – О.Х) шуҳраташ саросари ҷаҳонро фаро гирифт. Ба-дин тартиб, шоиру наққошу мусиқидон ва ҳар ҳунарманди дигар эҳтимол дорад, ки аз кишвари пасмонда бошад ва бисёр ҷаҳиш кунад. Чунон ки Шафеъи Кадканӣ дар Теҳрон ба ман гуфт, ки “шеъри Афғонистон олист”. Мо ҳунармандоне доштем, ки аз сатҳи ҷомеа болотар буданд ва ба гуфтаи Бароҳанӣ “ҷаҳиш карда буданд”.

- **<u>Вале дар адабиёти имрӯзи Афғонистон чеҳраҳо ва осоре дида мешавад, ки қоидатан, бояд аз як матни иҷтимоӣ – торикӣ</u>**

**бархоста бошанд ва вуҷудашон тасодуфӣ наменамояд. Ҳамин романи “Бодбодакбоз” (асари нависандаи афғонистонӣ Холид Ҳусайнӣ ба забони англисӣ таълиф шуда, дар Амрико зери унвони “The Kitte Runner” чоп шуда, сипас онро ба форсӣ Меҳдӣ Ғаброй баргардонида, соли 2007 дар Теҳрон ба нашр расонидааст. – О.Х) ё “Хокистару хок” (муаллифаш Атиқ Раҳимӣ – О.Х) нишон медиҳад, нигоҳи нависандаи афғон ба ҷаҳон тағйир карда ва ҳунарманди афғон ба ҳамон нигоҳи гузашта ба ҷаҳон наменигарад.**

- Вале ин нигоҳ фардист. Нигоҳи ҷомеа нест. Ман барои Шумо як мисол бизанам. Дар даҳаи панҷоҳ (даҳаи ҳафтоди қарни XX – О.Х) ман як силсила достон менавиштам бо унвони “Нақшҳо ва пандарҳо”, ки дар яке аз нашриёт мунташир мешуд. Бахши аввал то панҷум, ки мунташир шуд, вазири фарҳанг маро ба дафтари худ хост. Гуфт: “ман аз Фаронса дуктуро дорам, ғарбро ҳам дидааму мешиносам, аммо достони туро намефаҳмам, мардум чӣ тур мефаҳманд?” Ва ман ҳеҷ шак надорам, ки ӯ достон мефаҳмид. Мақсуд ин аст, ки он дид диди комилан фардии ман буд. Диди вазири иттилоот ва фарҳанги мо ҳам ҳамин тавр буд. Аз матни ҷомеа бархоста буд. Таъсири бардошта шуда аз нависандагони ғарбӣ буд. Ҳидоят вақте “Буфи кур”– ро менависад тасодуфи нест. Ӯ дар Фаронса адабиёти ин кишварро мебалъид (бо иштиёқ фурӯ мебурд – О.Х). Алавӣ дар хотироташ навишта, ки ман адабиёти Олмонро намехондам, мебалъидам. Инҳо вақте ба Эрон бармегардад, бо нигоришҳои комилан фардӣ, муҷаззо ва таҷриба шуда аз ҷумла бармегарданд. Ба ҳамин хотир аст, ки Ҳидоят мефаҳмид “Буфи кӯр”-ро дар Эрон ҳеҷ кас чоп намекунад. Меравад дар Бомбей дар панҷоҳ нусха поликопӣ мекунад ва барои дӯстонаш мефиристад. Ҳидоят аз ҷомеаи Эрон барнахоста, балки аз беруни ҷомеа Эрон бархоста аст. Аммо Ҳидоят бо “Буфи кӯр” ҷаҳиш кард. Ба ҳамин тартиб “Чашмҳояш”-и Бузург Аловӣ бархоста аз вазъияти адабии Эрон нест, балки ҳосили нигариши комилан фардии Алавист.

**Таҳияи, профессор Олимҷон Хоҷамуродов**

## ТАДҚИҚОТИ ҶОМЕЪ ВА ПУРҚИМАТ

*(Андешаҳо перомуни тадқиқоти доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон С. Ятимов «Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ» // Илм ва ҷомеа (Маҷаллаи академии илмию оммавӣ). – 2020. – №1 (19). – С. 4 – 66.)*

***Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,***
***Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.***
*Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ*

Тибқи фалсафаи ҳастӣ, дар олами носут миёни нафсҳои рӯянда, ҷӯянда, нафси гӯянда табиатан ва амалан руҷҳон дорад, зеро он ашрафулмахлуқот таъбир шудааст. Аз ин хотир, зуҳури андеша натоиҷи ғановати ақлонии инсон маърифат мешавад, зеро забон башорат аз воқеияти тафаккури шахс медиҳад. Ба қавли Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ:

*Ай бародар, ту ҳамон андешаӣ,*
*Мобақӣ ту устухону решаӣ.*

Бинобар он, васоити руҷҳони инсон қиёсан ба махлуқоти дигар, ҳамоно неруи ақлонии он аст ва натоиҷи баҳодиҳӣ ва ё шохиссозии шахсият воқеият пайдо намудани тафаккури ӯст. Падидаи мазкур то андозае дар «Тибби рӯҳонӣ»-и Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ (865-925//934) низ матраҳ шудааст. Тибқи қазовати нобиғаи ирфону адаби тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (1207-1273), рӯҳ дар вуҷуд ғолибан бо илму ақл кор мегирад ва аз ин рӯ, ин мутафаккир бо назар ба таносуби мазкур муҳокимарониҳои басо ҷолиб намуда, бархӯрдҳои пурнизоъ ва гиреҳзаниҳои бемавқеъро басо ҷолиб ба мушоҳида гирифта мегӯяд:

*Рӯҳ бо илм асту бо ақл аст ёр,*
*Рӯҳро бо тозию туркӣ чӣ кор?*

Ҳадаф аз қазоватҳои фавқуззикр бардоште чанд аз мақолаи илмию назариявии доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон С. Ятимов аст, ки таҳти унвони «Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ» ба табъ расидааст.

Бо манзури сохтор мақолаи мазкур муштамил бар муқаддима, нуҳ фасл ва хулоса буда, комилан тадқиқоти илмию фалсафии яклухту ҷомеъ буда, адабиёти мавриди ниёзи мақола даруниматнӣ сурат гирифтааст.

Дар мақола, чунонки аз унвони он бармеояд, мушаххасан масъалаи фалсафии хештаншиносии инсон дар назарияи диалектикии маърифати Г.В.Ф. Гегел (1770-1831), дар қиёс бо мутафаккирони дигар шохис шуда бошад ҳам, гузориши масоил, усули таҳқиқу қиёс, таҳлилу муҳокимаронињо, руҷҳону пазириш, натиҷагириҳову хулосабарориҳои муҳаққиқ комилан мураккаб сурат гирифтаанд, зеро муқтазои масоили матраҳшаванда чунин аст. Фаразан, муҳаққиқ ҳастии ақидаҳо ва пирӯзии ин ва ё он навъе аз онҳоро дар рақобатҳо дармеёбад ва онро аз шарифтарин анвои мубориза маърифат менамояд, ки ҳақиқати фалсафист. Рушди рақобати андешаҳо, ақидаҳо танҳо дар ҳама ҳолот барои мавҷудияти худи онҳо нест, балки беш аз он, пирӯзии ақидатӣ муҷиби рушди иқтисодиёт ва устувории сиёсати муваффақ хоҳад шуд. Барои ҳамин ҳам муҳаққиқ андешаи Г.В. Плеханов (1856-1918)-ро, ки зуҳуроти фавқро бо назар ба дарки моҳияти фалсафии он «амри зарурӣ» маърифат менамояд, саҳеҳ шуморида ҷонибдорӣ мекунад, ки ба назари мо, матлуб аст. Профессор С. Ятимов бо назар ба ҳолоти рӯҳонӣ ва ақлонии фард ва ҷомеа таълимоти Гегелро руҷҳон медиҳад, зеро ӯ гуфта буд, ки: «шуури индивидуалии инсон дар тавсеаи тадриҷии худ наметавонад аз рушди давра ба давраи рӯҳи тамоми одамизод ақибмонӣ кунад. Дараҷаи инкишофи рӯҳии одам ҳама вақт ҳолати тараққиёти рӯҳи инсониро инъикос мекунад». Муҳаққиқ қазовати ин донишманди бузурги Олмонро илмӣ мешуморад, вале татбиқи амалии онро аз дастрасии инсоният дур мушоҳида кардааст, ки хеле аҷоиб аст ва муҳаққиқ мутмаин аст, ки ҷавоби масоили фавқро худи Гегел дар «Фалсафаи рӯҳ» то ба ҳадде матраҳ кардааст.

Фасли нахустини тадқиқоти С. Ятимов «Шуур ва хештаншиносӣ» унвонгузорӣ гардида, зимни он муҳокимаи ҷолибе аз Людвиг Фейербах (1804-1872) меорад, ки гуфта буд: «Рӯҳ – ҷони одамизод, як моҳияти номуайян ва ғайри материалӣ, одӣ нест, он чизе, ки дар бораш рӯҳшиносон майна об мекунанд, ин ғайр аз моҳияти муайяни инсон чизи дигаре буда наметавонад. Он чизест, ки

инсонро ба ҳамон шакл ва мазмун меофарад. Ин хусусияти ба тарзи худ характерноки сифатӣ ва ифодатарин хосияти фардияти инсон аст».

Воқеан, рӯҳ ё ҷон, ки колбуд бо вуҷуди он шариф маърифат мешавад, дар фалсафаи каломи ҳунарии миллии тоҷику форс низ қазовати басо ҷолиб мешавад. Масалан, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар ин бора қазовати басо ҷолиби ҳастии рӯҳро ба миён мегузорад ва ба инсонҳо таълим медиҳад, ки дар ин бора метавонанд аз мантиқ кор бигиранд:

*Тан ҳаме ҷунбад, намебинӣ ту ҷон,*
*Лек аз ҷунбидани тан ҷон бидон.*

Аз ин хотир, хештаншиносӣ ба фаъолияти шуур, ки шакли мушаххаси инъикоси ҳастӣ ва тавъам бо он ба тарзи идеалӣ маърифат намудану шинохти воқеияти реалӣ дониста мешавад, ки хеле ҷолиб дар тадқиқоти мазкур мушаххас шудааст.

Фасли дуюми тадқиқоти С. Ятимов – «Рӯҳ ва мақсадгузорӣ» ном дошта, дар ин бахши тадқиқот оид ба мулоҳизаву афкор, орову андеша, ғояву маром, тахайюлу ормон дар таълимоти онтологии Г.В.Ф. Гегел ва нақши рӯҳ басо ҷолиб шохис карда мешавад, ки хеле илмию мантиқӣ рӯйи кор омадааст.

Воқеан, басо барҳақ таъкид мешавад, ки ифодагари ҳастии инсон дар андешаи ӯ зоҳир мешавад ва маҳз руҷҳони инсон қиёсан бо кулли мавҷудоти олами носут ба он сахт гиреҳ мехӯрад. Як нуктаро месазад ёдовар шуд, ки ин масъаларо мутафаккирони тоҷик хеле барвақттар ба миён гузошта буданд. Мо қаблан тавассути байте аз Мавлонои Балх: «Ай бародар, ту ҳамон андешаӣ» таъкид карда будем, ки гузориши масъала дар фалсафаи амалии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ наздик ба 500 сол қабл аз қазовати мутафаккири Олмон иттифоқ афтодааст, ки албатта, шоистаи тамҷид аст.

«Мувофиқи таълимоти Гегел, – менависад С. Ятимов, – тавони андеша ҷараёни ниҳоят мураккаби физиологии материяи олӣ – майнаи инсон аст. Эҳсос ва дарк намудани муҳити атроф, амалияи фаъолияти одам асоси онро ташкил мекунад. Фикр кардан, ба хулосаи барои худи фард ва ҷомеа судманд омадан, заминаи маънавӣ, таҷриба ва таҳлили натиҷаи онро тақозо менамояд».

Дуруст аст, ки тибқи қазовати ин мутафаккири бузург дар

меҳвари таълимоти ӯ, фаъолияти мақсадноки инсон – меҳнат меистад, зеро маҳз меҳнат муайянкунандаи манзалати инсон ва ҷомеа маърифат карда мешавад.

Умуман, С. Ятимов оид ба асари мавриди тадқиқ қарордодаи мутафаккири мазкур баҳс ба миён оварда менависад, ки: «Ҳамин тариқ, агар муҳтавои асари «Фалсафаи рӯҳ»-ро мухтасар гӯем, он илм дар бораи шуури индивидуалӣ ва ҷамъиятӣ мебошад».

Дигар аз бахшҳои басо ҷолиби тадқиқоти С. Ятимов фаслҳои сеюм ва чаҳорум аст, ки аввалӣ «Ҷаҳонбинӣ ва масъалаҳои худшиносӣ» ва дувумӣ «Муҳит ва ҷаҳонбинии миллӣ» унвонгузорӣ шудаанд. Мутафаккири машҳур Г.В.Ф. Гегел дар хештаншиносӣ рифъати ҷаҳонбиниро бо манзури авомили дохилӣ ва берунӣ мавриди арзёбӣ қарор дода, муҳтавои масоили моҳият ва зуҳуротро мӯшикофона ба таҳлил мегирад.

Г.В.Ф. Гегел мутмаин аст, ки шуури инсон дар марҳалаи оғозин ҳанӯз ёрои қиёсу тарҳчеҳро надорад. Ин раванд тадриҷан ташаккул меёбад ва дар ҳамин замина таҳкиму тақвият касб мекунад. Ба ин маънӣ С. Ятимов хеле мӯшикофона муҳокимаронӣ намуда менависад: «Олимони номдоре, ки баъди Гегел дар бораи умдатарин хосияти диалектика «инъикоси воқеият дар шуури одамон на чизи мутлақ, на падидаи мурда, на зуҳуроти шахшудамонда ва беҳаракат, балки ҷараёни ба тарзи абадӣ дар ҳаракат, тағйирот, зиддият ва ҳаллу фасли он» муҳокимаронӣ кардаанд, маълум мегардад, аз натиҷагирии илмии ҳамин нобиғаи фалсафаи олам истифода кардаанд».

Воқеан, ҷаҳонбинӣ дар таълимоти фалсафии Г.В.Ф. Гегел, марзҳои миллиро убур намуда, чун падидаи умумиҷаҳонӣ маърифат карда мешавад, ки хеле муҳим аст. Назарияи мазкур асоси диалектикии таълимоти ин мутафаккирро фароҳам овардааст.

Яке аз фаслҳои басо ҷолиби тадқиқоти С. Ятимов фасли панҷуми он аст, ки «Маърифат ва манзалати миллат» унвонгузорӣ гардида, дар ин фасл муҳтаво ва моҳияти асари фалсафию назариявии Г.В.Ф. Гегел «Фалсафаи рӯҳ» асосан мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Агар таърихан таваҷҷуҳ шавад, гӯё муҳтавои боби мазкурро ҳанӯз Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ тавассути каломи адабию ҳунарӣ дар асри XIII гуфта буд. Зеро Мавлоно сахтгирию зиёдаравии инсонҳоро дар нуқсони маънавии онҳо маърифат мекунад ва дарёфти

ғановати маънавиро тақозо менамояд, то ин ки ворастагии инсон таъмин шавад. Ӯ аз ҷумла дар ин бора мегӯяд:

*Сахтгирию таассуб хомӣ аст,*
*То ҷанинӣ, кор хуношомӣ аст.*

Пас сайқали тафаккур ҳамоно таъмингари ғановати маънавист, ки тавассути омӯзишу мутолиа даст хоҳад дод. То ин муддат, ки ғановати маънавӣ –тафаккурсозӣ пеш наояд, худшиносӣ даст нахоҳад дод. Ба ин маънӣ Мавлоно чунин қазоват мекунад:

*Ҳар касеро бозсозӣ боядо,*
*То насозӣ, худшиносӣ ноядо.*

Тафаккурсозӣ ва хосса тафаккурсозии миллӣ таҳкимбахш ва тақвиятгари худшиносии миллӣ маърифат мешавад.

Фаслҳои шашум ва ҳафтуми тадқиқот – «Табиат, ҷамъият ва характери инсон» ва «Истеъдод ва нубуғ» ном дошта, муҳаққиқ зуҳури шахсият, симо ва абарқудратҳои нубуғро басо ҷолиб мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад. Дар ин қисмат муҳаққиқ руҷҳони ақоиди Гегелро оид ба зуҳури истеъдодҳо ва нубуғ чунин шохис месозад ва бо орои хеш дар ин қазоват тавъам мешуморад. Ба ин маънӣ С. Ятимов менависад: «Масъалаи истеъдод ва нобиғагиро омӯхта, ӯ дуруст қайд мекунад, ки ин сифатҳои фавқулодаи инсонӣ натиҷаи ба ҳам омадани ду омиланд: хосиятҳои табиӣ доштан ва тарбия дидан».

Муҳаққиқ тавъам омадани қаробати Мавлоноро бо ин мутафаккири олмонӣ таъкид намуда, байти зерини Мавлоноро зикр мекунад, ки хеле мушоҳидаи нозук ва дарёфти хуби қиёсӣ аст. Чунончи, Мавлоно мегӯяд:

*Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.*

Дар мантиқи қавии ифода қазовати Мавлоно руҷҳони фардӣ дошта бошад ҳам, метавон онро умумӣ низ маърифат намуд.

Воқеан, зуҳури нубуғ ва соҳибистеъдодҳо дар таълимоти ҳастишиносии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ҳамоно натоиҷи амалии он аст, ки комилан руҷҳон дода мешавад, зеро натиҷа нишон медиҳад, ки амали ба иҷро расонидаи соҳибистеъдод ғайримуқаррарӣ, хориқулода аст ва дар чунин сатҳ анҷом додани он на кори ҳар шахс аст. Муҳим он аст, ки натиҷа баёнгари амали

анҷомдодаи фоъил аст. Ба ин маънӣ Мавлоно қазоват мекунад, ки:

*Комиле гар хок гирад, зар кунад,*
*Ноқис ар зар бурд, хокистар кунад.*

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ду тан аз донишмандон – Н. Бердяеви (1874-1948) рус ва К. Ясперси (1883-1969) олмонӣ низ дар ин бора амиқравиҳо кардаанд ва онҳо шахсиятҳо, симоҳо ва соҳибистеъдодҳоро созандагони таърих ва ё марҳалаи нави таърихӣ маърифат кардаанд, ки сазовори пазироист.

«Синну сол ва ташаккули ҷаҳонбинӣ» чунин унвон дорад фасли ҳаштуми тадқиқоти С. Ятимов ва дар ин фасл муҳаққиқ маншаъ ва қаробати таълимоти шинохти рӯҳро дар асари Г.В.Ф. Гегел созгор ба назарияи Аристотел медонад ва инро худи Гегел низ ишора намудааст. «Дар масъалаи таҳлил ва арзёбии рӯҳ, – менависад С. Ятимов, – Гегел худро бо ифтихор давомдиҳандаи кори Аристотел меҳисобад. Гарчанде «Фалсафаи рӯҳ» зиёда аз ду ҳазор сол баъд аз замони зиндагии ин нобиғаи ҳама давру замон эҷод шуда бошад ҳам, олими немис эътиқод ва эътирофи худро бори дигар нисбат ба энтсиклопедисти юнонӣ таъкид мекунад».

Тарҷеҳи таълимоти Гегел дар он ба мушоҳида расидааст, ки дар асари олими олмонӣ ҷузъиёти матраҳшаванда: идеал, ормон, шуур, тафаккур, ақл, хирад ва ғайра тавассути амиқравиҳо мушаххастар карда мешавад. Яъне «инсон бояд дар худ хосияти комил буданро пайдо кунад».

Дар камолоти маънавии инсонҳо интизом мақоми аввалиндараҷа дорад, зеро бидуни интизом зуҳури шахсият ё худ симо номумкин дониста мешавад. Дар ин бора С. Ятимов менависад, ки: «Гегел ҳам ба мисли Кант дар тарбияи инсон интизомро дар ҷойи аввал мегузорад. Онро омили асосии аз одам сохтани шахсият мешуморад. Таъкид месозад, ки ҷузъи муҳимми тарбия он аст: «Нагузоранд, ки тарбиягиранда тибқи хоҳиши худаш амал кунад. Барои он ки инсон соҳибфармон гардад, сараввал бояд ӯ итоат карданро ёд бигирад».

Воқеан, чунин назария дар фалсафаи амалии адибони классикии тоҷику форс аз масоили дараҷаи аввал дониста мешавад. Хосса дар осори адибони ориф. Чунончи, Мавлоно бо манзури масоили фавқуззикр мегӯяд:

*Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,*
*Ҳар ҷо ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ.*
*Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,*
*То тоҷи наберагони Одам бошӣ.*

Яъне, Мавлоно тарбияи ахлоқиро руҷҳони аввалиндараҷа дода, сипас таълимро тавсия мекунад. Ин аст, ки ахлоқи намунавӣ ҳомии инсонҳо хоҳад буд, зеро фасодии ахлоқ марги ҷомеа ҳаст. Аз нигоҳи назокати ҷузъиёти ахлоқӣ дар айни замон олмониҳо миёни мардуми олам руҷҳон доранд, зеро мардумони ростқавлу ростгӯ, дақиқкору боинсоф, камгапу пуркор ва дорои хисоли наҷиби инсонианд. Ин хислатҳои наҷиби онҳо сазовори омӯзиш ва таҷрибаи ҷаҳониён аст: «Интизомнокӣ ва итоат кардан ба тартибу низоми барои пешравии ҷомеа созгор, муҳимтарин аломат, хислат ва характери миллӣ маҳсуб мегардад. Мисли нафари ҳушманде, ки аз одамони нек баҳравар мешавад, миллатҳо ҳам бояд дар ҳамин поя гузашта ва имрӯзаи худро бо миллатҳои пешқадам дар муқоиса гузоранд. Аз онҳо омӯзанд. Ба онҳо пайравӣ кунанд ва фаҳманд, ки муваффақияти амали ин ва ё он миллат дар чӣ ҳаст. Кадом сабаб онҳоро ба натиҷаи барои ҷомеа судманд овардааст».

Дигар аз арзишҳои волои бахши мазкур аз он иборат аст, ки дар ин қисмат оид ба маромнома ва ё худ ормонномаи фардӣ ва миллӣ баҳс сурат мегирад, ки хеле муҳим ва омӯзанда аст. Зеро орзу ё худ ормонномаи инсон шоҳкориҳои ноаёни ӯ маърифат мешаванд, ки ба ин восита ӯ хештанро тасаллӣ медиҳад. Ин падида дар адабиёт – каломи ҳунарии асримиёнагии тоҷик яке аз падидаҳои ҷовидона маърифат мешавад ва ба қавли Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1721), «Диле бе орзу кам офариданд». Дар ин масъала ҳақ ба ҷониби Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аст, ки мефармояд:

*Орзу мехоҳ, лек андоза хоҳ,*
*Барнатобад кӯҳро як барги коҳ.*

Мунтаҳо, фасли интиҳоии тадқиқоти С. Ятимов «Фалсафаи рӯҳ» ва аҳаммияти амалии он» унвон дошта, дар ин бахш муҳаққиқ, пеш аз ҳама, шахсияти олим ҳамчун мутафаккири камназир шинохта шудани Г.В.Ф. Гегелро мушаххас сохтааст, ки худи ҳамин падида ҷанбаи амалии асари ӯро ҳам нишон медиҳад.

Тавъам бо он дар тадқиқот моҳияти калидвожаҳои зерин шохис

карда мешавад: илм, дониш, маърифат, рӯҳ, ҷаҳонбинӣ, миллат, хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, фарҳанг анъана ва урфу одатҳои миллӣ характери индивидуалӣ, характери миллӣ, иродаи ватандорӣ, сиёсат, истеъдод, мантиқи меҳнат, мушкилоти зиндагӣ, таъсири он дар ташаккули шахсият, дин ва фанатизми динӣ ва ғайра дар заминаи ҷаҳонбинии мутафаккир тавассути маводи асари мазкури ӯ тавзеҳ дода мешавад ва муҳим он аст, ки С. Ятимов муҳтавои коргирии онҳоро қиёсан ба асри ҳозира ва ҳадафмандии сиёсӣ ва сиёсатмадорон шохис сохта, дар ҳамин замина натиҷагирӣ мекунад, ки хеле ҷолиб ва матлуб аст.

Профессор С. Ятимов пас аз таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи «Фалсафаи рӯҳ»-и Г.В.Ф. Гегел хулосаҳои ба даст овардаи хешро дар заминаи шонздаҳ тезис натиҷагирӣ мекунад, ки комилан илмию амалӣ мебошанд. Чунончи, тезиси нахустини натиҷагириҳои муҳаққиқ чунин оғоз меёбад: «Ҳангоми таҳқиқи масъалаи рӯҳ аз нигоҳи фалсафӣ – шуур, ҷаҳонбинӣ, тафаккур, ақл, хирад, хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, худмуайянкунии миллӣ, характер ва хулқу атвори миллӣ муносибати идеявии инсонро ба ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур мадди назар дорад».

Баъзан натиҷагириҳои муҳаққиқ ҷилои ҳукми илмӣ гирифтаанд, ки хонанда метавонад роҷеъ ба онҳо басо амиқу дақиқ тааммул кунад, то ин ки дар зиндагӣ зиёдаравӣ накунад ва аз саҳв дур бошад. Чунончи, дар банди сеюми фишурдаи муаллиф омадааст: «Вобаста ба аҳаммияти дониш ва маърифат ишора ба он дорад: миллате, ки аз омӯхтани фарҳанг канораҷӯйӣ мекунад, ҳамарӯза донишҳои худро тавассути мутолиаи илмӣ сайқал намедиҳад, бадеҳатан рӯ ба девор меистад. Мутеъ ва дастнигари дигарон мешавад».

Умуман, муҳаққиқ дар бахши «Охирсухан»-и тадқиқоти хеш асари Г.В.Ф. Гегел «Фалсафаи рӯҳ»-ро дар шинохти инсон ва умуман, пажӯҳиши рӯҳониёти он, аз бузургтарин дастовардҳои сатҳи ҷаҳонӣ маърифат намуда, тавъам бо он дар раванди худшиносии башар дар миқёси олам аз осори илмию фалсафии камназир медонад, ки комилан саҳеҳ аст.

Тадқиқоти арзишманди С. Ятимов бо як қазовати худи Г.В.Ф. Гегел ҳусни анҷом мепазирад, ки ҳадаф маърифати комили муҳтавои асари Гегел аз ҷониби муҳаққиқ маҳсуб мешавад ва он қазовати Г.В.Ф. Гегел чунин қобили сурат шудааст: «Ягона чизе, ки ман

умуман, дар тадқиқоти фалсафиам кӯшиш кардаам ва кӯшиш мекунам – ин ба тарзи илмӣ дарк кардан, фаҳмидани ҳақиқат мебошад».

Дар замина ва партави ҳамин сухани ҳикматомӯзу ҳидояткунандаи Гегел метавон ин нуктаро таъкид кард, ки дар тадқиқотҳои илмии С. Ятимов, аз ҷумла пажӯҳиши бағоят пурмазмуну ибратомӯзи «Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ» аз ибтидо то интиҳо навовариҳои муҳимму қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасанд ва он навгониҳо тавассути мавриди корбаст қарор додани равиши тозаи илмӣ – методи муқоисавӣ - таърихӣ арзи ҳастӣ кардаанд, ки аз ҳар ҷиҳат намунаи ибрат ва пайравӣ мебошанд.

Дар маҷмӯъ, ба назари мо, тадқиқоти анҷомдодаи профессор С. Ятимов дар шинохти шахсияти мутафаккири олмонӣ Г.В.Ф. Гегел ва хоса мазмуну моҳият ва арзиши илмии асари ӯ «Фалсафаи рӯҳ» ҷиддитарин пажӯҳиш ба шумор меравад, ки аҳаммияти бағоят калони илмию амалиро доро мебошад.

Ин тадқиқоти ҷомеъ ва муфид дастури раҳнамоест, ҳам барои аҳли илму фарҳанг ва ҳам барои оммаи васеи хонандагон, ки мақсудашон, албатта, созандагию бунёдкорӣ барои имрӯзу оянда аст.

***Доктори илмҳои филология,***
***профессор А. Маҳмадаминов,.***
***Номзади илмҳои филология,***
***дотсент М. Солеҳов.***

## ХИРАДМАНДӢ ВА ШЕВАИ МУДИРИЯТИ ДАВЛАТӢ

(Мулоҳизаҳо дар атрофи мақолаи Ятимов С.С. "Хирадмандӣ ва усули идораи давлат")

Дар шумораи №3 (16) соли 2019 маҷаллаи академии илмию оммавии "Илм ва ҷомеа" мақолаи узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Ятимов С.С. тахти унвони "Хирадмандӣ ва усули идораи давлат" интишор гардидааст, ки ба яке аз мавзӯъҳои мубраму муҳими ҳамаи давру замонҳо, яъне давлату давлатдорӣ ва сиёсату сиёсатмадорӣ бахшида шудааст.

Вижагии мавзӯъ, фарогирии масъалаҳои мавриди пажӯҳиш, тарзу услуби баён, истифодаи руҷӯъҳои саршор аз маъниҳои воло, жарфият, вусъат ва иртифои нигоҳи муҳаққиқона, ки дар мақола ҷой дода шудаанд, ҳар як фарди миллатдӯсту ватанпарварро бетараф гузошта наметавонанд. Аз ин лиҳоз нависандаи ин сатрҳо мувофиқи мақсад мешуморад, ки чанд андешаи худро дар атрофи ин маҳсули андешаи бикр ироа намояд.

Дар сарсухани мақола муаллиф ба таври содаю оммафаҳм дар бораи вазифаҳои асосии давлат сухан ронда, таъкид намудааст, ки "Давлат унсури асосии системаи сиёсии ҷомеа буда, барои амали муътадили системаи ягонаи фаъолияти дастаҷамъонаи инсонҳо ҷавобгӯ мебошад[1]". Агар ба маънии ин гуфтаҳо таваҷҷуҳ намоем, пас дармеёбем, ки муаллиф "унсури асосии системаи сиёсии ҷомеа будани давлат"-ро бо як содабаёнии нозукбинона ва хеле нишонрасу фарогир ба қалам додааст. Сипас таъкид менамояд, ки "Дар қаламрави худ ва муносибатҳои хориҷӣ давлат мустақилияти мутлақро молик аст[2]". Яъне, ҳар як давлат дар ҳудуди худ ва дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳуқуқи пурраи дар доираи салоҳдиди худ ба роҳ мондани сиёсати давлатиро доро мебошад ва ҳеҷ давлати дигаре

[1] Ятимов С.С., маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа", саҳ. 4.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 4.

ҳуқуқ надорад, ки ба сиёсати дохилию хориҷии он дахолат намояд.

Дар ин иртибот зарур шуморида мешавад, ки як нукта мавриди назар қарор дода шавад, ки ин ҳам ба мавзӯи қонунҳои кишвари мо дахл дорад. Тавре маълум аст, дар сурати ихтилоф доштани қонунҳои миллии мо бо конвенсияву дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба қонунҳои байналмилалӣ бартарият дода мешавад, ки, аввал, манфиатҳои миллии моро маҳдуд месозад ва, сониян, шояд имкони расонидани зарари сиёсӣ ва молиявию иқтисодӣ ба кишвари мо ба миён ояд. (Зимнан ёдовар шудани он нукта аз манфиат холӣ нест, ки дар Конститутсияи Федератсияи Россия ҳам то ҳол айнан чунин ҳолат вуҷуд дорад, ки мардуми закии ин кишвар дар лоиҳаи тағйиру иловаҳои нав ба Қонуни асосӣ пешниҳод гардидааст, ки дар сурати пайдо шудани ихтилоф ба қонунҳои ин мамлакат бартарӣ дода шавад).

Дар мавриди расонидани таъсир ба афкору ахлоқи инсонҳо ва ташаккул додану ба самти муайян равона намудани он нақши бориз доштани **Ҳазрати Сухан** дақиқкорона арзёбӣ гардидааст. Бале, маҳз сухан яке аз абзорҳои муҳим ва олати асосиест, ки дар сурати асосноку санҷидашуда будан беҳтар аз ҳама гуна артишу лашкар муассиртар мебошад ва коре, ки сухан анҷом дода метавонад, ба он касе ва чизе қодир нест. Дар ин маънӣ Шайх Саъдӣ фармудааст:

*“Сухан гарчи дилбанду ширин бувад,*
*Сазовори тасдиқу таҳсин бувад.*
*Сухан талху ширину гарм асту сард,*
*Сухан – заҳру позаҳру дармону дард.*
*Сухан бифканад минбару дорро,*
*Зи сӯрох берун кашад морро.*
*На дар ҳар сухан баҳс кардан равост,*
*Хато бар бузургон гирифтан хатост”.*

Дар ҳақиқат ҳам агар истиқлол яке аз бузургтарин дастовардҳои инсон ба шумор равад, забон яке аз асоситарин ва муҳимтарин абзору олоти муоширати байни башарият аст. Шайх Саъдӣ ба ин маънӣ фармудааст:

*“Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?*
*Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.*
*Чу дар баста бошад, чӣ донад касе,*
*Ки гавҳарфурӯш аст, ё пилавар”.*

Бузургони ҷаҳон аз рӯмартабаву манзалат ва қадру қимат забон ё худ суханро ба ҷон баробар донистаанд ва дар баъзе мавридҳо вайро ҳатто он ҳам болотар арзёбӣ кардаанд, ки гуфтаи Калими Кошонӣ далели равшани он аст:

*“Беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,*
*Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст?”*

Маҳз сухан аст, ки маҳсули олии афкори баландпоя ва андешаи воло мебошад ва на ҳар нафаре дар назди сухани нишонрас истодагарӣ карда метавонад.

Дар китоби “Дипломатияи Пётри Кабир” омадааст, ки ин сиёсатмадори маъруф дар бораи пирӯзиҳояш дар набардҳо сухан ронда, махсус таъкид месозад, ки ӯ дар аксари муҳорибаҳо бар рақибон ғолиб омада, сарзаминҳои зиёдеро ба даст овардааст, вале он пирӯзие, ки бо истифодаи неруи сухани воло муваффақ гардидааст, барои вай аз ҳама гаронбаҳотару муҳимтар мебошад. Зеро он чӣ ки бо зарби тиру туфангу рехтани хун ба даст омадааст, дар назди он чӣ, ки ба василаи ақлу заковат ва андешаи воло ба даст омадааст, арзише надорад.

Дар ростои қудрату тавоноии сухан изҳори назар намуда, ногузир он нуктаро бояд зикр намоем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи сухану суханварӣ аҳамияти махсус зоҳир менамояд, зимни суҳбату вохӯриҳо ва ироаи маърӯзаву пешниҳодҳо ба маъниву муҳтавои ҳар як калимаву ибора ва вазну оҳангнокии сухан эътибори вижа зоҳир месозад. Ва борҳо мушоҳида ҳам намудаем, ки бисёр масъалаҳои баҳсбарангезу мушкилписандро маҳз Сарвари давлатамон бо неруи волои сухан ва иқтидори лаҳни фасеҳу нутқи нишонрас ба таври муъҷизаосо ҳаллу фасл намудааст.

Овардани танҳо он нукта басанда аст, ки мисоли равшану далели қотеи ин гуфтаҳоро дар сафарҳои Роҳбари давлат ба минтақаи Рашт ва вилояти Бадахшон ва бо неруи сухани воло ба эътидол овардани вазъи буғранҷи бо ташаббуси гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша ба амал омада, ки чанд муддат пештар дар ин минтақаҳо рух дода буд, бо чашми худ дидаем.

Дар мақола вобаста ба хусусиятҳои хоси давлат сухан ронда, муаллиф қайд менамояд, ки аз нуқтаи назари инсоншиносӣ ҳар як давлат мисли фарди алоҳида вижагиҳои мубрами худро доро мебошад. Махсус бояд зикр кард, ки пеш аз ҳама қисмати ҳар як давлат бо таърих, таҷрибаи идораи давлатӣ, сифату моҳияти миллат, табиати он сахт вобаста мебошад. Ин ҷо муаллиф ба масъалаи хотираи таърихӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд, ки бесабаб нест. Зеро нақши хотираи таърихӣ барои ташаккулу рушди миллат ниҳоят муҳим аст ва пойдевори асосии давлат ба шумор меравад. Агар хотираи таърихии миллат зудуда шавад, ӯ аз гузаштаи худ бехабар мемонад ва риштаи пайвандкунандаи анъанаву расму ойинҳои миллӣ гусаста мешавад ва дар ниҳояти кор ӯ ба манқурт табдил меёбад. Аз ин рӯ, ҳамаи истилогароне, ки ба кишвари мо лашкар кашидаанд, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки аввало китобҳои динию дунявӣ ва анъанаву расму ойинҳои моро ба коми нобудӣ бисупоранду қотилони миллати моро дар назари мо чун “озодибахш”-у “саҳоба”-ву “ғозӣ”-ву “инсонпарвар” ҷилва диҳанд ва сипас ба мо талқин созанд ва моро бовар кунонанд, ки мову гузаштагонамон “габр”-у “маҷус” будем ва бояд ба Искандару Қутайбаҳо, ки моро “наҷот додаанд”, сари таъзиму такрим фуруд орем.

Вобаста ба ин масъалаи мубрам, ки дар мақола махсус зикр шудааст, месазад, ки мо бештар дар байни ҷавонону наврасон аз қаҳрамонию далерии мардони шуҷои кишварамон корҳои таблиғотиро ба роҳ монда, ҳар як фардро дар рӯҳияи миллатдӯстию ватанпарварӣ тарбия намоем. Анъанаи фаромӯшшудаи “Шоҳнома”-хониро аз нав эҳё намоем, ҳисси меҳанпарастиро дар ҳар қатраи хун ва ҳар як ҳуҷайраи фарзандонамон ҷойгир созем. Ҳеҷ гоҳ нагузорем, ки фарзандони

миллати мо пойбанди ақидаҳои бегонагон гарданд ва ба фарҳанги аҷнабиён гараванд.

Модоме ки ин ҷо мо аз “Шоҳнома” ёдовар шудем, бояд иқрор шуд, ки он хизматеро, ки Ҳаким Фирдавсӣ бо офаридани “Шоҳнома”-аш барои бедор кардану ҳушдор додан ба мардуми ориёӣ ба анҷом расонидааст, ӯро танҳо дар қатори Исо пайғамбар, ки дорои мӯъҷизаи мурдаро зинда кардан буд, гузоштан мумкин аст:

*“Он шунидастам, ки Исо мурдаеро зинда кард,*
*Мурдаеро зинда карду номи худ поянда кард”.*

Аммо Ҳаким Фирдавсӣ:

*“Мурда фарзандони чандин қарни Эрон зинда кард,*
*Аз лаби Омӯя то дарёи Уммон зинда кард”.*

Бале, “Шоҳнома” дар назми ҷаҳонӣ шояд ягона асаре бошад бо чунин шаҳомату бузургӣ, мазмуну мундариҷа, баёни матлабу маъниҳои бикр, таъриху фалсафа, сиёсату сиёсатмадорӣ ва давлату давлатдорӣ, қаҳрамонию паҳлавонӣ, ишқи поку беолоиш, таҳлили амиқи ҳодисаю воқеаҳо, тасвири саҳнаҳои ҷоннисорию муборизаҳои шадид. Шояд нодиртарин асаре бошад, ки бо чунин равонию оҳангнокӣ ва даъваткунандаю мутантан иншо гардидааст. Бо вуҷуди он ки ҳаҷми он зиёда аз шаст ҳазор байт (яксаду бист ҳазор мисраъ)-ро дар бар мегирад, ва дар вазни баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф (ё мақсур) навишта шудааст (фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл) ва ҳар мисраъ ёздаҳ ҳиҷоро ташкил мекунад, дар тамоми саросари ин шоҳасар як сари мӯ сакта ҳис карда намешавад, танҳо лаҳзаи баромадани офтоб қариб бист маротиба тасвир гардидааст, ки як манзара аз манзараи дигар гуворотару зеботар ба қалам дода шудааст. Бидуни шак, ин асари безаволро ба ҷуз мӯъҷиза ном бурдан хатост. Модоме ки “Шоҳнома” мӯъҷиза бошад, пас соҳибу офаридгори мӯъҷиза – Ҳаким Фирдавсии бузургворро:

*“Варо доҳӣ гӯем, агар месазад,*
*Паямбар бихонемаш ар месазад”.*
*(Ин байт аз муаллифи ҳамин сатрҳо аст).*

Муаллифи мақола як масъалаи ниҳоят муҳими таърихи фоҷиабори миллати мо – маҳрум гардидан аз давлату давлатдорӣ, муддати ҳазор сол зери султаи бегонагон қарор доштан ва ба таҳқиру таҳдиду нокомӣ гирифтор шудани миллати озодаи ориёиро бо як ҷасорати илмии бесобиқа мавриди таҳлилу омӯзиш ва ҷустору пурсиш қарор дода, бо андешаи баланди пажӯҳишгарӣ хостааст ва тавонистааст, ки ба он посух гӯяд. Дар ин иртибот муҳаққиқ иброз медорад, ки маҳз дар натиҷаи сабукфикрию худписандии бархе аз намояндагони баландпояи давлату миллат, ки дар лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсози таърихӣ натавонистанд аз худ ҷасорату ҷавонмардӣ ва далерию ҷонфидоӣ буруз намоянд ва барои наҷоти давлату миллат тасмими дуруст гиранд, давлати мо ба нокомӣ мувоҷеҳ гардид ва дар ниҳояти кор душманони ҳақирмоя бар миллати озода дастболо гардиданд. Ин саҳнаро мо дар мисоли давлати Сомониён ба таври равшан мушоҳида менамоем.

Ҳаким Носири Хусрав, ки яке аз нобиғагони миллати мо буд ва масъалаи озодии миллат яке аз мавзӯъҳои меҳварии эҷодиёти ӯ ба шумор меравад, ҳамвора барои истиқлоли кишвар кӯшиш ба харҷ додааст, дар як қитъа шеъраш мегӯяд:

*“Туркон ба пеши мардон з-ин пеш дар Хуросон,*
*Буданд хору оҷиз ҳамчун зани саройӣ.*
*Имрӯз шарм н-ояд, к-озодазодагонро,*
*Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутоӣ”.*

Ин ҳакими равшанзамири миллатпарвару меҳандӯст аз гузаштаи пурифтихори миллати озодаи ориёӣ бо ҳасрату таассуф ёд мекунад, аммо ба он пурсиши худ, ки бо кадом сабабу ангезае ин миллат ба чунин хорию зорӣ гирифтор гардидаасту дар пеши ғуломони собиқи худ сари таъзим фуруд овардааст, посухе пайдо карда наметавонад. Ин дарди миллат ӯро азият медиҳад, ӯро ҳамеша ноорому нороҳат месозад. Азбаски ӯ аҳли қалам аст, бо килки тавонои худ бо душмани маккору ғаддор мубориза

мекунад, мардони миллатро даъват мекунад, ки баҳри озодӣ ҷадал кунанд, мехоҳад ору номуси озодагонро бедор созад ва бандагию бардагиро таҳаммул карда наметавонад. Натиҷаи ин озодманишӣ ва истиқлоландешӣ буд, ки ин алломаи бузург аз ҷониби душманони миллат дар назари ҳаммиллатон ҳамчун қарматию рофизию шиаву маҷус ҷилва дода шуд ва саранҷом ӯ тарки макон карда, дар миёни кӯҳҳои наҷотбахши Бадахшон ҷон ба саломат бурд.

Вале бисёр боиси таассуфу надомат аст, ки мо ба ин дасисаи душманон бовар кардем ва нафароне ҳам ёфт мешаванд, ки ин донишманди бузургро санги маломат мезананд. Ва ба гуфти худи ҳамин абармарди миллат, чора чист, ки “аз мост, ки бар мост”.

Акнун месазад дар иртиботи ин мавзӯъ сари масъалаи бисёр ҳам чигил ва сардаргум, ки то ҳол ҷавоби худро наёфтаасту онро ба ҷуз фоҷиаи миллат ном бурдан хатост, андеша намоем. Ин ҳам бошад, он аст, ки сабаб чист, ки миллате, ки муқтадиртарин салтанатро дар рӯи замин созмон дода, фарзанди барӯманди он Куруши Бузург муаллифи аввалин эъломияи ҳуқуқи башар буду дар се қитъаи маскун – Осиё, Аврупо ва Африқо (он замон Амрико ҳанӯз кашф нашуда буд ва маълум нест, ки дар он қора инсонҳо зиндагӣ мекарданд ё не?) ҳукм меронд, муддати ҳазор сол нанги бедавлатиро таҳаммул карда, барои озодию истиқлол боре ҳам ҷадал накардааст, дар назди ғосибону истилогарони хунхор мисли ғуломе сархаму муттаҳам умр ба сар бурдааст. Ҳатто агар як ҷонвар ё парандаеро дар қафас гирифтор созед, ӯ ба бандагӣ тан намедиҳад, болу пар мезанад, бо минқору нохун девори қафасро мехарошад, барои берун ҷаҳидан талош меварзад. Аммо сабаб чист, ки миллати озодипарасти ориёии мо **ҳазор сол** (! – А.Н.) (инро магар ба ғайр аз даҳшат чизи дигаре ном бурдан мумкин аст?!) мӯҳри хамӯшӣ ба даҳону занҷири беномусӣ дар пову гардану миён зада, ҳама гуна таҳқиру пастиро аз ҷониби душманони миллату меҳан таҳаммул менамояд. Ин пурсишест, ки ҷавоби дақиқро тақозо мекунад.

Аллома Иқболи Лоҳурӣ, ки шояд яке аз нодиртарин намояндагони бузурги озодманиш ва инқилобии оташинсухан

аст, ки бар зидди султаи ғарб садо баланд кардааст, дар як шеъраш мегӯяд:

*"Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард,*
*Ҷавҳаре дошт варо назри Қубоду Ҷам кард.*
*Одам аз табъи ғуломӣ зи сагон хортар аст,*
*Ман надидам, ки саге пеши саге сар хам кард".*

Наход миллати озодаи мо то он дараҷа "бебасар"-у хору залил шуда буд, ки ғуломии ҳазорсоларо таҳаммул карду дар муддати даҳ аср аз ҷониби бегонагон таҷовуз шудани зану модару хоҳару духтарашро бо чашми худ борҳо дид, вале ба гуфтаи Шайх Саъдӣ "... бечора аз бим сар барнакард". Беихтиёр кас ба чунин савол ҷавоб пайдо кардан мехоҳад, ки куҷо шуд он "тоҷики гарданкаши лашкаршикан", ки теғ аз наём баркашаду шерона наъра зада, ба майдони набард барояд ва далерона меҳану миллату давлати худро аз чанголи аҷнабиён раҳо созад? Магар марг аз зиндагии ғуломона авлотар нест? Оё мисли устод Лоҳутӣ дар он замон нафаре пайдо нашуд, ки ба миллат талқин намояд, ки эй миллати ғофил:

*"Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест!*
*Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест!"*

Ба андешаи муаллифи ин сатрҳо яке аз сабабҳо ва ангезаҳои асосии ба чунин ҳолат гирифтор шудани миллати мо, пеш аз ҳама, ба ақидаҳои космополитӣ гаравидани нухбагони миллат ва алалхусус аҳли тақво ва боло донистани манфиатҳои динию мазҳабӣ аз манфиатҳои миллию давлатӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин амр "хизмати хирсона"-и аҳли тақво хеле бориз аст, ки аввалан мардуми моро ба он мутақоид мекарданд, ки "тақдир ҳамин будааст", яъне ба гуфтаи Парвини Эътисомӣ:

*"Ҳар куҷое, ки қазо ҳамла кунад,*
*Чора таслиму адаб тамкин аст".*

Ва сонияи, аҳли тақво, ки бо зару мол фирефтаву фурӯхта шуда буданду аллакай, ба қавле, аз ҷониби истилогарон "гулӯяшон равған карда шуда буд", дар байни мардум фатвои шаръӣ медоданд, ки нафарони ҳукмрон ки дини исломро

пайравӣ мекунанд, аз итоати онҳо сар печидан зарурате надорад, ҳамагуна норозигию исёну шӯришро ҳамчун нофармонӣ ба фармудаи худову расул рабт медоданд ва мардумро ба итоаткорию таҳаммулпазирӣ даъват мекарданд.

Ана ҳамин намояндагони миллатфурӯши аҳли тақво буданд, ки ҳатто Чингизи хуношомро дар пеши чашми мардум чун фиристодаи тақдир ҷилва дода, бар зидди ӯ мубориза бурданро ҳамчун амале муқобили хости илоҳӣ маънидод мекарданд. Ҳолатҳое ҳам буданд, ки ин ватанфурӯшон ба мардум талқин мекарданд, ки аскарони Чингиз аз зарби тиру шамшер кушта намешаванд, беҳтар аст, ки ба онҳо сари таслим фуруд оварем.

Дар ин росто месазад, ки як масъалаи ниҳоят нозук мавриди таҳлил қарор дода шавад, ки ин ҳам мавзӯи миллату дин ва дар сурати пайдо шудани зарурати интихоб кардан ба кадоме аз ин ду афзалияту бартарият додан аст. Яке аз мушкилоти чигили миллати ориёии мо низ ҳамин мебошад. Пеш аз он, ки андешаи худро дар ин мавзӯъ идома диҳем, бояд ҳаминро зикр кард, ки дин дар ҳақиқат чизи покиза аст ва бояд барои пешрафту рушд ва сарҷамъии миллат хизмат намояд, на балки миллат дар хизмати дин бошад, ки дар аксар маврид на бар манфиати аввалист.

Аммо боиси таассуфу надомати бузург аст, ки намояндагони ноогоҳи миллати мо дар ҳолатҳои ниҳоят ҳассоси тақдирсози миллатамон манфиатҳои миллиро қурбони манфиатҳои динию мазҳабӣ мекарданд ва дар ин гардишҳои сарнавиштсоз тақдири миллатро ба дасти таваккал месупориданд. Аз ин лиҳоз мебояд дар ин дунёи пурталотуми муборизаи манфиатҳо мо ба он муваффақ шавем, ки намояндагони миллати мо манфиатҳои миллату давлатамонро аз тамоми манфиатҳои ҳизбӣ, гурӯҳӣ, динӣ, мазҳабӣ, шахсӣ, оилавӣ ва авлодӣ олитару болотар арзёбӣ созанд. Новобаста аз ба кадом дину мазҳаб мансуб будани намояндагони миллат ва кадом мансабу вазифаро ишғол намудани онҳо манфиатҳои миллӣ бояд дар мадди назари аввал гузошта шаванд. Манфиатҳои миллӣ новобаста аз шаклу усули давлатдорӣ, ба кадом шахсу сулола мансуб будани ҳокимияти сиёсӣ ва намояндаи кадом ҳизбу созмон будани онҳо бояд мавқеи

муҳиму асосиро молик бошанд, чӣ гуна, ки сиёсатмадори бузург – сарвазири Британияи Кабир Уинстон Черчилл гуфта буд: “Британияи Кабир дӯстони доимӣ надорад, вале манфиатҳои доимӣ дорад”.

Дар мақола ба мавзӯи истиқлолият аҳамияти махсус дода шуда, барои ба зеҳни хонанда расонидани мавзӯю муҳтавои ин падидаи нодир бо санъати баланди мӯшикофона ва маҳорати нотакрори суханофаринӣ бо усулу услуби соддаю равону нишонрас онро шарҳ дода, ба ин васила таъкид намудаст, ки “Истиқлолият танҳо дар он сурат маънию аҳамияти ҳақиқии худро касб менамояд, ки агар ҳар як узви ҷомеа, аз он ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ ба он арзиши сазовор дода тавонанд, ҳимоя ва таҳкими ин неъмати бебаҳоро ҳамчун дастоварди бузурги сиёсӣ таъмин созанд[3]”. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки дар ин дунёи муборизаҳои шадиду бераҳмона танҳо миллатҳои огоҳу ҳушёр метавонанд низоми мувозанатро нигоҳ дошта, давлату миллати худро аз осебу хатарҳои нави ҷаҳони муосир эмин доранд. Зеро, ба қавли яке аз сиёсатмадорони машҳури дунё, “миллате, ки як лаҳза ғофил мемонад, то ба худ меояд, ки дасту пои худро дар занҷиру завлона мебинад” ва ба қавли шоир:

*“Гуфтам, ки хор аз по кашам, маҳмил ниҳон шуд аз назар,*
*Як лаҳза ғофил мондаму садсола роҳам дур шуд”.*

Муаллиф барои тақвияти андешаи худ ба суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти муҳтарамамон Эмомалӣ Раҳмон такя карда, қайд намудааст, ки истиқлолият волотарин арзиши миллӣ мебошад ва он дар радифи чунин мафҳумҳое ба мисли “миллат”, “Ватан” ва “ягонагӣ” қарор дорад ва ба гуфтаи И.В. Сталин “Барои ба даст овардани ғалаба (ҳадаф аз “ғалаба” истиқлолият аст) месазад ҳамаи дигар чизҳоро қурбон кунӣ”.

Дар бораи миллату истиқлоли ӯ сухан ронда, нагуфтани он нукта номумкин аст, ки бояд ҳар як фарди миллат ҳисси

---

[3] Ятимов С.С., маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа”, саҳ. 11.

ватанпарстию миллатдӯстиро дар ҳар рагу пай ва бофтаю ҳуҷайраи ҷисму ҷони хеш омезиш дода парвариш намояд. Махсусан бояд таъкид кард, ки хиёнат ба Ватану миллат дар ҳама давру замонҳо, дар ҳама шаклу сохтори давлатдорию ҷомеаҳо ҷинояти мудҳиштарин ба шумор мерафту меравад. Худо накарда, мабодо агар ягон нафари оддӣ муртакиби ин навъ ҷиноят гардад, агарчи нобахшиданист, ба давлату ҷомеа зарари бисёр намерасад. Агар шахсони воломақом ба ин гуна ҷиноятҳо даст зананд, вой бар ҳоли он миллату давлат. Мо мисоли таърихии аз ҷониби Искандар истихдом шудани сарлашкари Доро – Бесро дар ёд дорем, ки дар натиҷаи ин хиёнати Беси миллату давлатфурӯш салтанати Ҳахоманишиҳо мисли чиноре аз аз дарун сӯхта, адр як муддати кӯтоҳ аз ҳам пошид. Гарчанде ин хоин аз ҷониби Искандар ба муҷозот расид, вале аз ин ба гузаштаҳои миллати ориёии мо чӣ суд?

Ё мисоли дигар: Олег Пенковский, ки дар вазифаи масъули Вазорати Мудофиаи Иттиҳоди Шӯравӣ кор мекард, низ ба Ватани худ хиёнат карда, сирру асрори давлатию ҳарбиро ба хориҷа фурӯхт. Дар натиҷаи хиёнати вай ба иқтидори мудофиавии Шӯравӣ он қадар латмаи бузург зада шуд, ки садҳо артишу дивизияи душман он қадар зарар расонида наметавонистанд.

Аз ин хотир зарур аст, ки шахсони масъули давлатӣ бояд ҳеҷ вақт ба ҳеҷ касу ҳеҷ чиз эҳтиёҷ надошта бошанд ва он миқдор маош гиранд, ки рӯзгорашон таъмин бошаду фирефтаи молу пули касе нашаванд. Шайх Саъдӣ дар ин мавзӯъ гуфтааст:

*“Маро гӯянд, бо душман даровез,*
*Гарат чолокию мардонагӣ ҳаст.*
*Касе беҳуда хуни хештан рехт,*
*Чунин созад магар девона, ё маст.*
*Ту зар дар каф намеёрӣ ниҳодан,*
*Сипоҳӣ чун ниҳад ҷон баркафи даст?”*

Ҳамчунин бояд иброз дошт, ки барои он, ки мо рушд намоему тараққӣ кунем, пеш аз ҳама камбудиҳоямонро ислоҳ созем. Камбудиҳо кадом вақт ва дар кадом сурат ислоҳпазиранд?

Албатта, дар сурате, ки дар бораи камбудиҳо сухан мегӯянд ва "танқиду худтанқидкунӣ" (ибораи маъмули даврони Шӯравӣ) вуҷуд дошта бошад. Вале агар мардона иқрор шавем, ҳама таърифро дӯст медоранд, лекин на ҳар кас танқидро таҳаммул карда метавонад, гарчанде дурусту беғаразона ҳам бошад.

"Аз суҳбати дӯсте ба ранҷам,
К-ахлоқи бадам ҳасан намояд.
Айбам ҳунару камол бинад,
Хорам гулу ёсуман намояд.
Ку душмани шӯхчашми бебок,
То айби маро ба ман намояд?"

-гуфтааст Шайх Саъдӣ, ки хеле хирадмандона изҳори назар намудааст.

Ин ҷо изҳор доштани он матлаб мувофиқи мақсад мебошад, ки истиқлол аслан чизе нест, ки онро ба ин ё он миллат дар лаълии заррин пешниҳод кунанд, барои ба даст овардани озодӣ ҷасорату мардонагӣ, матонату ягонагӣ, рӯҳи шикастнопазир, иродаи оҳанин, ҷоннисорию суботкорӣ, мушкилписандию фидокорӣ, азхудгузаштагию заракӣ, миллатдӯсту меҳанпарасти воқеӣ будан зарур мебошад. Танҳо бо хоҳиш доштан ва шиорҳои пурмуҳтаво гуфтан дурри мақсуд ба даст намеояд. Ба замми ин мебояд дардҳои ҷомеа дуруст ташхис карда шаванд, сабабу иллатҳои нокомиҳои ҳазорсола бебоконаю бепарда баён гарданд, мо бояд аз ифшо кардану озодона гуфтани камбудиҳои хеш наҳаросем, баръакс нуқсонҳоро муайян карда, аз пайи ислоҳи онҳо шавем. Дар ҳақиқат, камбудиҳо зиёданд ва ислоҳи худро тақозо мекунанд.

Ба ақидаи муаллифи ин сатрҳо, яке аз камбудиҳои асосие, ки боиси дар зиндагӣ муваффақ нагаштани мо шудааст, танбалии аксар намояндагони миллати мо мебошад. Ба гуфтаи Ҳаким Фирдавсӣ:

*"Чунин гуфт донои озодмард,*
*Ки озодаро коҳилӣ банда кард".*

Ҳамин коҳилӣ ё худ танбалӣ аст, ки мо дар банди ҷаҳолату нодонӣ ва гумроҳию парешонӣ мондаем, то он дараҷа танбал

ҳастем, ки ҳатто чӯби дандонковро аз кишвари бегона ворид месозем.

Вобаста ба ин мавзӯъ қайд намудани он нукта аз манфиат холӣ нест, ки агар мо ба афсонаю латифаҳои шифоҳии миллатамон назар андозем, пас зимни як таҳлилу баррасӣ маълум мегардад, ки намояндагони миллати мо дорои ҷаҳонбинии васеъ набуда, тахайюли онҳо ба истисноӣ се-чор афсона аз қабили “Чӯбаки сандалвор”, “Гилеми кабуд”, “Дастархони муъҷизанок” ва дигарон дурпарвоз набуда, побанди амалу ҳаракатҳои соддадилона мебошад, ки ин ҳолатро дар афсонаи “Бойи золим ва кали зирак” ва дигару дигарон баръало мушоҳида метавон кард, ки ин падида бозгӯю ифодакунандаи афкори содаи оммаи васеи мардум аст. Дар эҷодиёти шифоҳии мардум бештар як ҳолати рӯҳшикастагӣ, маҳзунӣ, ноумедӣ аз оянда, нотавонию беҷуръатӣ ба мушоҳида мерасад.

Камбудии дигари мо зудбовару содалавҳӣ мебошад, мо ба ҳар як сухани ширини ҳарифон зуд фирефта мешавем, гумон мекунем, ки аз ин шахс дида дар олам мо дигар дӯсте надорем. Ҳол он ки ба ҳар амалу ҳар падида бо чашми санҷишу имтиҳон бояд нигоҳ кунем.

Муҳаққиқ дар бораи таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат ба масъалаи худшиносӣ, ягонагӣ ва ғояи миллӣ ибрози назари махсус намуда, таъкид месозад, ки чунин тафаккур танҳо дар он сурат ба вуҷуд меояд, ки агар мафҳумҳои “сарзамини падарон”, “Меҳан”, масъулияти шинохтан ва ҳимояи арзишҳои миллӣ дар шинохти воқеияти маънавӣ ба қисми таркибии муҳими ҷаҳонбинии аксари шаҳрвандон табдил ёбад. Бузургии сухани Пешвои муаззами миллатро, ки бо дарки пурифтихори ҳисси худшиносии миллӣ баён гардидааст, бо эҳсоси баланди таҳқиқӣ пазируфта, муаллиф бо масъулият изҳор намудааст, ки ғояи миллӣ дар таҳкими пурраи ягонагӣ ва рушди устувори давлатӣ нақши боризеро мебозад. “Сулолаҳо, подшоҳон, лашкаркашон меоянду мераванд, системаҳои ҷамъиятию сиёсӣ тағйир меёбанд, аммо ғояи миллӣ ба сифати сарвати арзишманд зимни ин

дигаргуниҳо ташаккул меёбад, мазмуни баландтарро касб менамояд[4]”.

Аз ин лиҳоз месазад, ки ҷиҳати таҳким бахшидан, ташаккул додан ва дар мафкураи шаҳрвандон ҷой додани ғояи миллӣ аз осори арзишманди гузаштагон ва фарҳанги ориёӣ, алалхусус ҳикмати бузурги Наврӯзи бостонӣ, ақидаҳои башардӯстонаю инсонпарваронаи мероси нотакрору нодири хаттии “Авесто” ва ҳикмати “Қуръони карим” барои пешрафту рушди кишвари аҷдодӣ ба таври фаровону нишонрас истифода намоем, онҳоро оқилонаву моҳирона ва огоҳонаву мақсаднок дар хизмати меҳану миллат қарор диҳем.

Дар бораи забони ноби тоҷикӣ сухан ронда, муаллифи мақола оид ба нақши ҳикматофаринӣ ва неруи тавонои он изҳори назар намудааст. Дар тақвияти суханҳои муҳаққиқ метавон таъкид кард, ки маҳз ҳамин забони ширини форсии дарии тоҷикӣ буд, ки миллати ситамдида ва ҷафокашидаи тоҷикро чун масунияти бузурге аз маҳвшавӣ эмин дошт, бо вуҷуди кӯшишҳои ниҳоят сахти аҷнабиёни истилогар, ки мехостанд онро ба коми нобудӣ диҳанд, пойдору устувор монд, ҳамеша барои дардҳои миллат давову дармон ҷуст, барои инъикоси орзую омол ва ормону ҳадафҳо, изҳори дарду ранҷ, нишоту шодии ин мардум бо ҳамин забони шевою зебо нодиртарин асарҳо офарида шуданд, ки онҳо ба таври абадӣ дар таърихи фарҳанги умумибашарӣ ҷойгоҳи хосеро касб намуданд. Барои исботи ин гуфтаҳо овардани як далел басанда аст, ки мо имрӯз баъди гузаштани зиёда аз ҳазор сол шеъри волои устод Рӯдакиро мисли он, ки гӯё дирӯз эҷод шуда бошад, бидуни шарҳу эзоҳи иловагӣ ба куллӣ мефаҳмем. Масалан:

*“Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,*
*Бо бӯи гулу мушку насими суман ояд.*
*Бар ҳар зану ҳар мард куҷо* ***барвазад*** *он бод,*

[4] Ятимов С.С., маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа”, саҳ. 18.

*Гӯӣ магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.*
*Не-не зи Хутан бод чунин хуш* ***навазад*** *ҳеҷ,*
*Он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд.*
*Эй турки камарбаста, чунонам зи фироқат,*
*Гӯянд қабои ту маро пираҳан ояд.*
*Ҳар шаб нигаронам ба Яман то ту бароӣ,*
*Зеро ки Суҳайлию Суҳайл аз Яман ояд.*
*Кӯшам, ки бипӯшам, санамо, номи ту аз халқ,*
*То номи ту кам дар даҳани анҷуман ояд.*
*Бо ҳар кӣ сухан гӯям, агар хоҳаму гар не,*
*Аввал суханам номи ту андар даҳан ояд".*

Бузургию нудрат ва нерую қудрати забони тоҷикии мо дар он аст, ки бо он шоҳасарҳои бузурге ба мисли "Шоҳнома", "Маснавии Маънавӣ", "Калила ва Димна", "Хусраву Ширин", "Лайлию Маҷнун", "Юсуфу Зулайхо", "Мантиқ-ут-тайр", "Гулистон"-у "Бӯстон", Девони Ҳофиз, Рубоиёти Хайём ва дигар асарҳои ноби нотакрор эҷод гардидаанд, ки умри ин забонро абадӣ гардонидаанд, ки ба гуфтаи Ҳаким Фирдавсӣ "аз боду боро наёбад газанд". Ин забон ҳамеша дар рушду нумӯъ аст ва пайваста ташаккул меёбад, он қадар қудрату тавоноӣ дорад, ки тамоми ҳолатҳои зиндагиро бидуни мушкилот метавонад бо мазмунҳои баланди мантиқӣ инъикосу таҷассум намояд ва заъфу нотавонӣ эҳсос нанамояд. Ногуфта намонад, ки танҳо дар асри чордаҳум дар доираи ҳавзаи адабиёти форсу тоҷик зиёда аз ҳаштсад шоири соҳибдевон зиндагӣ ба сар бурдаанд, ки осори гаронбаҳои худро ба воситаи ин забони шево эҷод кардаанд. Домани нуфузи забони тоҷикию форсӣ хеле васеъ ва густурда буда, марзи он аз Ҳинду Чин то Қафқозу Шарқи Наздик мерасад. Оё ягон нафар тоҷике ҳаст, ки барои ӯ ин шеъри Мирзо Бедил:

*"Ашк як лаҳза ба мижгон бор аст,*
*Фурсати умр ҳамин миқдор аст.*
*Ҳамчу ойина агар пок шавӣ,*
*Ҳама ҷо анҷумани дидор аст".*

*ё абёти Амир Хусрави Деҳлавӣ:*

*“Чун ба гетӣ ҳар чӣ меояд равон хоҳад гузашт,*
*Хуррам он кас, к-ӯ накӯном аз ҷаҳон хоҳад гузашт.*
*Ғофилон гӯянд, умри мост чун кӯҳи гарон,*
*Вой бар кӯҳе, ки чун оби равон хоҳад гузашт”*

нофаҳмо бошад? Ё кадом тоҷике, хоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоҳ дар Чину Эрону Афғонистону Ӯзбекистону Қазоқистону Қирғизистон зиндагӣ кунад, ба маънои ғазали машҳури Шайх Саъдӣ:

*“Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад,*
*В-он дил, ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад.*
*Дар рафтани ҷон аз бадан, гӯянд ҳар навъе сухан,*
*Ман худ ба чашми хештан, дидам, ки ҷонам меравад.*
*Бозою бар чашмам нишин, эй дилфиреби нозанин,*
*К-ошӯбу фарёд аз замин бар осмонам меравад.*
*Гуфтам ба найрангу фусун пинҳон кунам рози дарун,*
*Пинҳон намемонад, ки хун бар остонам меравад.*
*Бо ин ҳама бедоди ӯ в-ин аҳди бебунёди ӯ,*
*Дар сина дорам ёди ӯ ё бар забонам меравад.”*

ё худ рубоии Ҳаким Умари Хайём:

*“Хайём агарчи майпарастӣ, хуш бош,*
*Гар бо саname даме нишастӣ, хуш бош.*
*Поёни ҳама чизи ҷаҳон нестӣ аст,*
*Пиндор, ки нестӣ, чу ҳастӣ, хуш бош”*

сарфаҳм намеравaду дар шарҳи мундариҷаи онҳо мушкилӣ мекашад? Шояд, ба ақидаи камина, дар тамоми адабиёти ҷаҳон ашъоре бо чунин нафосату балоғат, суфтагию оҳангнокӣ, маънии баланди ишқию лирикӣ, фалсафию ирфонӣ ва ифодаи эҳсосоти нозуки руҳию равонӣ кам воқеъ шуда, ё умуман вуҷуд надошта бошад. Ин гуфтаҳо далели раднашаванда ва бурҳони қотеи

бузургию тавоноии забони ноби форсии дарии тоҷикӣ мебошад, ки воқеан ҳам мояи ифтихору сарбаландии соҳибони он аст. Агар аз рӯи инсофу адолат гирем, барои бузургии забони тоҷикӣ, ки забони шеър аст, далел овардан ҳам зарурат надорад ва ба гуфтаи Мирзо Бедил:

*“Пайдоии ҳақ нанги далоил написандад,*
*Хуршед на чизест, ки ҷӯӣ ба чароғаш”.*

Дар ҳамин иртибот гуфтани як нукта ҷолиби қайд аст, ки забони адабии тоҷикӣ пайваставу доимӣ дар рушду такомул аст, он аз ҳисоби шеваю лаҳҷаҳо калимаҳои ба меъёри баланди умумизабонӣ мутобиқшударо қабул мекунад ва аз ҳисоби онҳо ғанӣ мегардад. Барои мисол калимаи “вазидан”-ро мегирем, ки он барои ифодаи гардиши шамол истифода мешавад (“шамол аз тарафи шарқ мевазад”, “шамол ба тарафи ҷануб мевазад”). Аммо ин калима танҳо дар шеваи вахонӣ, ки гӯяндагони он дар ноҳияи Ишкошими вилояти Бадахшон зиндагӣ мекунанд, вуҷуд дошта, решаи ин калима “вузӣ”, яъне маънои “омадан” ё “биё”-ро дорад. (Ин гуна мисолҳо, албатта, зиёданд, вале мо бо овардани ин як мисол иктифо мекунем).

Агар ба масъалаи дигари мубрам – мавзӯи зиёиён, ки муаллиф перомуни он изҳори ақида намудааст, назар афканем, пас чунин ба мушоҳида мерасад ва боиси таассуф ҳам ҳаст, ки аҳли зиёи мо дар давраи ҳассосу тақдирсози миллат, даврае, ки акнун истиқлолияти давлатӣ ба даст оварда будем, ба ҷои он, ки миллатро ба созандагию муттаҳидӣ даъват намоянд ва дар сафи пеши эҷодкунандагони давлати навини миллӣ бошанд, дар баъзе мавридҳо аз худ ноогоҳию ноӯҳдабароӣ, сабукфикрию носуботӣ ва дунҳимматию бебасарӣ буруз намуданд. Ҳол он ки мудирияти таърихии зиёӣ дар он таҷассум меёбад, ки доир ба тақдири миллату давлат садсолаҳо ҷилавтар андеша намояд, дар сафи пеши мубориза озодихоҳонаи миллӣ қарор дошта бошад ва вазифаи масъули “шоир андар синаи миллат чу дил” буданро сарбаландонаю шарофатмандона иҷро намояд. Боиси бисёр таассуф аст, ки ҳатто нафароне аз ҷумлаи шоирон ёфт шуданд, ки дар байни издиҳоми мардум бо овози баланд: “Аз ҳамин кӯҳ он

тараф ягон тоҷик нест”, - гуфта, миллатро ба гурӯҳҳо тақсим карданд ва ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ равған рехтанд. Аҷабо, агар аз рӯи “мантиқ”-и ин гуна шоирон хулоса барорем, пас маълум мешавад, ки устод Рӯдакию Амир Хусрав, Атторy Низомӣ, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Бедил, Айниву Бобоҷон Ғафуров ва дигару дигарон тоҷик набудаанд? Ана яке аз сабабҳои афрӯхта шудани оташи ҷанги шаҳрвандӣ - яъне мавқеи бетарафию бебасариро интихоб намудани намояндагони аҳли зиё, ки масъулияти таърихии худро ба ҷо оварда натавонистанд ва дар вақти даркорӣ вазифаи заруриро иҷро накарда, мавқеи дурусти сиёсиро барои худ пайдо нанамуданд.

Зотан сабабу ангезаҳои ба вуҷуд омадани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо ҳанӯз ба таври васею ҳамаҷониба ва амиқу дақиқ мавриди пажӯҳиш қарор дода нашудааст ва олимону донишмандонро мебояд дар ин маврид таҳқиқоти фарогире ба анҷом расонанд, ки чунин фоҷиаи миллӣ барои мо ба таври абадӣ дарси ибрат бошад ва бори дигар такрор наёбад. Ба қавли Шайх Аттор:

*“Кори олам ибрат асту ҳайрат аст,*
*Ҳайрат андар ҳайрат, андар ҳайрат аст”.*

Муаллифи мақола зимни таҳқиқу муҳокимаронӣ борҳо ба заковату таҷрибаи давлатдории Сомониён мурочиат намудааст. Аслан давраи олитарини пешравию рушди ин сулола ба замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ (солҳои 892 – 907) ва Наср II бинни Аҳмади Сомонӣ (солҳои 914 - 943) рост меояд. Устод Рӯдакӣ ҳам доир ба тарзу усули давлатдории Исмоили Сомонӣ чунин гуфтааст:

*“Қабои хусравӣ дар бар наёяд ҳар касеро хуш,*
*Сари ҳар носазоеро назебад тоҷи султонӣ.*
*Бақои мулк агар хоҳӣ, биёмӯз, эй шаҳи олам,*
*Тариқи подшоҳиро зи Исмоили Сомонӣ”.*

Подшоҳи суханварони олам устод Рӯдакӣ аз рӯи адолату инсоф сарварони ҷаҳонро даъват мекунад, ки барои рафоҳи мулку бақои миллат “тариқи подшоҳиро” аз Исмоили Сомонӣ

биёмӯзанд, то ки дар мамлакат оромию осудагӣ барқарор шаваду мардум дар фазои осоишта зиндагӣ ба сар баранд.

Муҳаққиқ гуфтаи Шайх Саъдӣ:

“Саъдӣ, ба лаби дарё дурдона куҷо ёбӣ,
Дар коми наҳангон рав, гар металабӣ коме”,

ба мисли ғаввосе, ки барои ба даст овардани дурри макнун ба қаъри дарё фурӯ меравад, ба жарфои маъниҳои ноби сухани хирадофари Пешвои миллат сайр карда, воқеан ҳам ба чунин хулоса омадааст, ки “Сухани пешво – пешвои сухан аст” ва омӯзишу аз бар намудан ва дар дар оянда дар зиндагию кор татбиқ намудани он барои намояндагони миллат дорои аҳамияти бузург арзёбӣ мегардад. Инчунин тарзи сухан гуфтану баёни матлаб ва дар раванди сухангӯӣ истифода намудани калимаю ибораҳои ихчаму нишонрас, ба кор бурдани оҳанги талаффузу ишораҳои зарурӣ дар зоти худ шояд яке аз нодиртарин падидаҳо бошад ва аз ин лиҳоз барои тамоми роҳбарон боиси омӯзишу пайравӣ мебошад.

Барои баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, омӯзишу дар ёд доштани гузаштаи пурифтихори миллат, огоҳӣ пайдо кардан дар бораи абармардони фарзонаи миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти муҳтарамамон Эмомалӣ Раҳмон доимо саъю талош меварзад ва ибтикори нави ӯ зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Миллии кишвар баён гардид - ба ҳар як хонадон барои мутолиаву баҳрабардорӣ ба таври ҳатмӣ тӯҳфа кардани китоби муқаддаси миллат - “Тоҷикон”-и алломаи бузург Бобоҷон Ғафуров далели равшани ин гуфтаҳост.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ироа намудани чанд пешниҳодро аз манфиат холӣ намешуморем:

- бинобар дорои аҳамияти омӯзандагию пайравӣ будан, дар шакли китобчаи алоҳида ба нашр расониdану дар байни омма паҳн намудани мақолаи узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Ятимов С.С. таҳти унвони “Хирадмандӣ ва усули идораи давлат” қобили дастгирӣ арзёбӣ мегардад;

- барои боз ҳам боло бурдани маънавиёти намояндагони миллат, тарбия намудани фарзандони онҳо дар руҳияи худогоҳию хештаншиносӣ ба тадриҷ ба ҳар як хонадон дастрас гардидани “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ, “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, “Гулистон”-у “Бӯстон”-и Шайх Саъдӣ ва девони Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ қобили қабул мебошад;

- доир ба омӯзиши ин асарҳо созмон дода шудани маҳфилҳои фарҳангию маънавӣ, мунтазам гузаронидани шабҳои саволу ҷавоб ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад;

- тариқи телевизиону радио ва дигар воситаҳои ахбори умум ба таври пайваста ба роҳ мондани намоишу гуфторҳои пурмазмуну баландғоя дар мавзӯъҳои меҳанпарастӣ, қаҳрамонони миллат, абармардони гузаштаи пурифтихори мо ба мустаҳкамшавии миллат мусоидат хоҳад кард;

- барои аз байн бурдани падидаҳои номатлуби маҳалгароӣ ва ақидаҳои музофотӣ, муваффақ шудан ба якпорчагию муттаҳидии миллат ба роҳ мондани никоҳу бунёд сохтани оилаҳои ҷавон аз ҳисоби ҷавонону духтарони як маҳал бо маҳали дигари кишвар ва аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дастгирӣ ёфтани он ба мақсад мувофиқ мебошад;

- аз нав барқарор намудани созмонҳое ба мисли ҷамъияти “Дониш” бо дарназардошт ва мутобиқи талаботи замони муосир ва сафарбар намудани шахсони обрӯманду машҳури кишвар ба минтақаҳои гуногуни мамлакат барои ба амал баровардани корҳои фаҳмондадиҳӣ, гузаронидани суҳбату вохӯриҳои фарҳангӣ дар байни мардум ба фоидаи кор хоҳад буд (бигзор, ҳатто бидуни пардохти сафари хизматӣ ва маблағи будубоши шабонарӯзӣ дар маҳалҳо, ба тариқи ихтиёрӣ аз ҷониби ихтиёриён ва тамоман ройгон ҳам бошад).

**Нуриддин Амирӣ,**
**пажӯҳишгари масоили сиёсӣ**

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95, 915-99-99-91
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Ба матбаа супорида шуд 30.07.2020***
***Барои нашр имзо шуд 03.08.2020***
***Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 22,5. Андоза $70x100^1/_8$.***
***Адади нашр 150 нусха. Супориши №84.***

***Муассисаи нашриявии “Дониш”- АИҶТ***
***ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2***

***www.ravshanfikr.tj***